Мы солидарны с мнением ученого С.С.Ятимова о том, что "логическим источником Послания являются его целенаправленные и меткие понятия, разъясняющие истину, подтверждённую на практике. Последовательные выражения «не поддаваться пропаганде религиозных экстремистских сил и недоброжелателей таджикской нации», «чуткость и бдительность», «готовность к защите интересов таджикского народа и государства» являются призывом к патриотизму для всего народа Таджикистана.

Одним из основных моментов Послания является сравнение сегодняшней молодёжи со сверстниками периода гражданской войны, оказавшихся под влиянием нездоровых сил, поставивших своё Отечество на край пропасти. Осознание и осмысление истории нации – это актуальнейший вопрос дня. Без истории невозможно обеспечить стабильность и развитие общества, так как «не знать истории – значит всегда быть ребёнком» (Цицерон)" [16].

"Современные геополитические игры имеют различные свойства. Основная цель этого процесса, охватывающего отношения международных субъектов, действующих в глобальном и региональном масштабах, заключается в том, чтобы демонстрировать себя в качестве мировой или региональной силы, распространять и прививать чуждые идеи на территории соответствующих стран. Геополитические игроки стремятся к тому, чтобы люди, в особенности молодёжь и подростки, дистанцировались от чувства патриотизма, чести, достоинства, родного языка и родного края. Они пытаются под ложными предлогами, прикрываясь религией и мазхабом, пробудить в них ненависть, неприязнь к собственной стране, носящей имя их нации, являющейся местом их проживания.

Действительно, нация не может существовать без государства. Самые известные учёные мира осуждают космополитическую действительность (чувство безродности, невзирая на конкретное место рождения и проживания, следование чуждым ценностям, скитание под различными лозунгами и оправданиями), считая подобное состояние дикостью: **«Народ без государственного устройства (нация как таковая) не имеет, собственно, никакой истории, подобно народам, существовавшим ещё до образования государства, и тем, которые ещё и поныне существуют в качестве диких наций»".** (Г.В.Ф. Гегель. Энциклопедия философских наук. Т.3. Философия духа. – М.: Мысль, 1977. – С.368) [17].

Необходимо отметить воздействие интернета и социальных сетей на процесс набора джихадистов. В частности, большинство завербованных боевиков, отмечали влияние видеороликов, фильмов и сюжетов в формате видео о джихаде, после которых они принимали решение о присоединении к лагерю джихадистов [11,10].

Джихад, как форма духовной власти и власть над умами молодых людей, является опасным фактором в нынешней ситуации, когда большую часть времени молодые люди проводят в социальных сетях и где они могут быть вовлечены в контакт с радикальными элементами. Основными площадками для общения на религиозные темы являются социальные сети, сайты предлагающие работу, сайты кадровых агентств и непосредственно религиозные сайты. В соответствии с медийной классификацией, выделяются жанры, существующие в той или иной службе Интернета – электронная почта, служба новостей, всемирная паутина, IRC, ICQ, Telnet, MUD и другие формы коммуникации в интернете [10,45].

В контрпропаганде идей и в борьбе против джихадистов в медиа пространстве интернета особую роль играют веб-сайты религиозных организаций на официальных интернет ресурсах - http://shuroiulamo.tj – сайт Совета улемов Исламского Центра Таджикистана, сайт Комитета по делам религии упорядочиванию традиций, торжеств и обрядов при Правительстве РТ - http://din.tj, сайт Центра исламоведения при Президенте

РТ - http://mit.tj, http://jomea.tj и других организаций. Также стоит отметить роль журнала «Дин ва ҷомеа» (Религия и общество) Комитета по делам религии, упорядочиванию традиций, торжеств и обрядов при Правительстве Республики Таджикистан, в котором наряду с профильной информацией печатается много материалов о политике, в большей степени, о вреде политизации ислама, а также о политической ситуации в мусульманских странах [1, 23].

Как показывает анализ, социальные сети и интернет являются основной площадкой информационного противостояния политических сил кибернетического мира. Согласно отчетов «Global Digital Report», по состоянию на 2024 год, количество пользователей интернета составило более 66% всех жителей нашей планеты, которые пользуются интернетом, и, по последним данным, общее число интернет-пользователей в мире составляет 5,35 млрд. человек. Количество пользователей социальных сетей превысило отметку в 5 млрд., что эквивалентно 62,3% населения мира. Количество уникальных пользователей мобильных телефонов на начало 2024 года составляет 5,61 млрд. Согласно свежим данным GSMA Intelligence, 69,4% людей в мире сегодня используют мобильные устройства. С начала 2023 года общее количество пользователей мобильных выросло на 138 млн. (+2,5%) [9].

В Республике Таджикистан много пользователей Интернета. В связи с этим, Основатель мира и национального единства – Лидер нации, Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон в своем ежегодном Послании подчеркнул, что в 2021 году количество пользователей Интернета в стране превысило 4,2 млн. человек. По данным Сужбы связи при Правительстве Республики Таджикистан, в 2023 году в Таджикистане общее количество абонентов мобильной связи составило 8,3 млн., из них 5,6 млн – активные абоненты. Количество пользователей сети Интернет вместе с пользователями мобильного Интернета составляет 4,5 млн [18].

Важно отметить, что в настоящее время интернет становится важным стратегическим ресурсом в повседневной деятельности людей, государственных и общественных организаций. И немало случаев, когда информация таит в себе различные угрозы и опасности.

В этой связи, Основатель мира и национального единства – Лидер нации, Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон в своем ежегодном послании 26 января 2021 года подчеркнул, что «сторонники террористических и экстремистских организаций с целью дестабилизации обстановки в обществе, разжигания религиозных и конфессиональных конфликтов широко используют Интернет для введения в заблуждение население страны, особенно молодежи, и вовлечения их в запрещенные организации. «Они до сих пор всеми силами пытаются из-за рубежа дестабилизировать наше общество и навязать нашему народу чужую культуру и религию».

На наш взгляд, в противодействии идеологии медиаджихадизма важную роль играет обеспечение информационной безопасности. Под информационной безопасностью Республики Таджикистан понимается состояние защищенности ее национальных интересов в информационной сфере, определяющихся совокупностью сбалансированных интересов личности, общества и государства [3].

На пути противостояния пропаганде религиозных и джихадистких масс-медиа перед государственными и общественными СМИ Республики Таджикистан стоит задача по постоянному обновлению контента и его качественному изменению в соответствии с требованиями современных систем передачи информации, поскольку для восприятия информации со стороны простого гражданина, основное значение имеет авторитет источника информации. В некоторых случаях «за неимением парадигмы или того, что предположительно может выполнить ее роль, все факты, которые могли бы, по всей вероятности, иметь какое-то отношение к развитию событий, выглядят одинаково уместными. В этот ранний период обычно ограничивается данными, всегда находящимися на поверхности. В результате этого процесса образуется некоторый фонд

фактов, часть из которых доступна простому наблюдению и эксперименту, а другие являются более эзотерическими и заимствуются из таких, уже ранее существовавших областей практической деятельности» [12,15].

Таким образом, завершая исследование, можно прийти к выводу, что медиаджихадизм представляет собой серьёзную угрозу для светских государств, создавая альтернативные политические системы через современные медиа-технологии. Понимание механизмов медиаджихадизма и его влияния на глобальную политику является ключевым для разработки эффективных стратегий противодействия. Важно продолжать изучать и анализировать это явление, чтобы эффективно противостоять его последствиям и поддерживать стабильность светских обществ. Основными направлениями развития альтернативных подходов являются создание системы мониторинга и контроля, развитие критического мышления и создание альтернативных информационных каналов. Только комплексный подход к обеспечению информационной безопасности может эффективно противостоять угрозам медиаджихадизма и обеспечить безопасность общества и государства.

**ЛИТЕРАТУРА:**

1. Анализ СМИ и социальных медиа по свободе вероисповедания. – Нет насильственному экстремизму в Центральный Азии: кейсы Таджикистана, Казахстана и Узбекистана//Опубликовано в рамках проекта «Защита для предотвращения: формы реализации свободы вероисповедания как превентивный подход в борьбе с насильственным экстремизмом».

2. Камолова Г. Освещение проблемы терроризма и религиозного экстремизма в периодической печати РТ. // Вестник ТНУ, 2017. №3/7.

3. Концепция информационной безопасности Республики Таджикистан. /Указ Президента Республики Таджикистан г.Душанбе 7 ноября 2003 года №1175.

4. Лунеев В.В. Организованная преступность, уголовный терроризм в условиях глобализации // Социологические исследования. – 2012. – №5.

5. Нечитайло Д.А. Исламизация, исламизм и экстремизм. Медиаджихад. Интернет на службе радикальных исламистов/Азия и Африка сегодня, № 8, 31 августа 2013.

6. Нечитайло Д.А. Современный радикальный исламизм. Стратегия и тактика. – 23.00.01 – Теория и философия политики, история и методология политической науки. – Диссертация на соискание ученой степени доктора политических наук. – Москва – 2017. – 633с.

7. Навасартян Л.Г. Языковые средства и речевые приемы манипуляции информацией в СМИ, специальность 10.02.01 – диссертация на соискание ученой степени кандидата филологических наук, Саратов – 2017.

8. Новиков В. Т. Феномен власти в классической и современной философии: сравнительный анализ. – История философии.

9. Полный отчёт Digital 2024: Global Overview Report/https://www.web-canape.ru/business/statistika-interneta-i-socsetej-na-2024-v-mire-i-v-rossii/#1

10. Сидорова И.Г. Коммуникативно-прагматические характеристики жанров персонального интернет-дискурса, – 10.02.19 – теория языка, – Диссертация на соискание ученой степени кандидата филологических наук. – Волгоград – 2014.

11. Степанова Е.А. ИГИЛ и феномен иностранных боевиков – террористов в Сирии и Ираке. – М., 2020. – С.10; Также: Радикализация и дерадикализация. – Настоящее исследование основано на интервью 38 иностранных боевиков-террористов, содержащихся в тюрьмах Кыргызстана, а также с некоторыми членами их семей Афзал Ашраф, Индира Асланова.

12. Томас Сэмюэль Кунь, Логика и методология науки. Структура научных революций. Перевод с английского И. 3. Налетова 1962. – 141с.

13. Эмерсон, С. Медиаджихад: Как экстремисты используют СМИ для распространения своих идей / пер. с англ. Е. В. Козловой. – М.: Издательство "Языки славянской культуры", 2008. – 288с.

14. Ятимов С.С. И. Кант о воспитании человека и формировании личности. /Народная газета – № 36 от 05.09.2018г.

15. Ятимов С.С. Послание Лидера нации и вопросы развития государства. /Народная газета – № 8 от 13.02.2019 г.

16. Ятимов С.С. Послание Лидера нации и вопросы развития государства. /Народная газета – № 8 от 13.02.2019 г.

17. Ятимов С.С. Мудрость и стиль государственного управления. /Народная газета - № 20 от 08.05.2019 г.

УДК: 356.132 (575.3: 581)

# НАҚШИ НЕРУҲОИ САРҲАДИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ҲИФЗИ САРҲАДИ ТОҶИКИСТОНУ АФҒОНИСТОН

**ИСКАНДАРОВ Қ.[1]**
**ЛУТФУЛЛОЗОДА С.[2]**

[1]*Доктори илмҳои таърих, профессор*
[2]*Унвонҷӯйи Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*

*Масъалаҳои омӯзиши давраҳои таърихии ҳифзу ҳимояи Сарҳади давлатӣ, таҳкими амният, волоияти қонун, эҳсоси ватандӯстӣ ва худшиносӣ аз донистани таърихи халқи худ ва дастовардҳои он сарчашма мегирад ва барои ҳар як халқу миллат он муҳим ба ҳисоб меравад.*

*Нақши Неруҳои марзбонии Тоҷикистон, ки ҳимояи хати сарҳади Тоҷикистон, махсусан марзи Тоҷикистон бо Афғонистон – яке аз мушкилтарин сарҳадҳои минтақаи Осиёи Марказиро ба дӯш доранд, мондагор аст. Гузашта аз ин, фаъолияти онҳо худ яке аз саҳифаҳои муҳимми таърих буда, мояи ифтихори мардуми тоҷик аст. Зеро аз замони пайдо шудани аввалин отрядҳои сарҳадӣ дар қаламрави Тоҷикистони имрӯза дар соли 1872 (дар Шоҷони Помири Шарқӣ) то имрӯз дар баробари ҳифзи сарҳад, роҳу усулҳои муборизаи сарҳадбонон бо қочоқчиён, вайронкунандагони хати сарҳад ва дигар ҷинояткорон, худ мактаби ҷасорату омӯзиш аст. Пас аз таъсис ёфтани муассисаҳои таълимии сарҳадӣ дар кишвар ва омода гардидани мутахассисони касбӣ ин ниҳоди муҳим дар таҳкими амнияти миллӣ боз ҳам нақши босазо гузошт.*

**Калидвожаҳо:** *ҳифзи сарҳад, отрядҳои сарҳадӣ, гузаргоҳҳои сарҳадӣ, вайронкунандагони сарҳад, амният, мубориза, гурӯҳҳои ҷиноӣ, терроризм, марзбон, ННГ.*

# РОЛЬ ПОГРАНИЧНЫХ ВОЙСК ТАДЖИКИСТАНА В ЗАЩИТЕ ТАДЖИКСКО-АФГАНСКОЙ ГРАНИЦЫ

**ИСКАНДАРОВ К.[1]**
**ЛУТФУЛЛОЗОДА С.[2]**
[1]*Доктор исторических наук, профессор*
[2]*Соискатель Института истории, археологии и этнографии имени А.Дониша Национальной академии наук Таджикистана*

*Вопросы охраны и защиты государственной границы, укрепления безопасности, верховенства закона, патриотизма и самоидентификации возникают из знания истории своего народа и его достижений.*

*Вклад пограничников Таджикистана в охрану таджикско-афганской границы, защиту рубежей страны, особенно на таджикско-афганской границе, которая является одним из самых сложных участков в Центральной Азии, имеет большое значение и считается одной из показательных страниц истории таджикского народа, являющейся источником гордости и примера. С момента появления первых пограничных пропускных пунктов на территории современного Таджикистана с 1872 года (в Шоджон Восточного Памира) и по сегодняшний день, наряду с охраной границы, изучаются пути и методы борьбы с нарушителями рубежей, контрабандистами и другими преступными действиями. Школы и учебные заведения страны сыграли большую роль в подготовке профессиональных кадров данного направления и внесли значительный вклад в безопасность нашего государства.*

**Ключевые слова:** *охрана границы, пограничные отряды, пограничные пункты, нарушители границы, охрана, борьба, преступные группировки, терроризм, пограничник, КПП.*

# THE ROLE OF TAJIKISTAN BORDER TROOPS IN THE PROTECTION OF THE TAJIK-AFGHAN BORDER

**ISKANDAROV K.[1]**
**LUTFULLOZODA S.[2]**

[1]*Doctor of Historical Sciences, professor*
[2]*Applicant of the Institute History, Archeology and Ethnography by name of A. Donish of National Academy of Sciences of Tajikistan*

*Issues of protecting and defending the state border, strengthening security, the rule of law, patriotism and self - identification arise from the knowledge of the people's history and their achievements.*

*Thus, the border patrol of Tajikistan guard the Tajik - Afghan border. The protection of the country's borders, especially on the Tajik-Afghan border which is one of the most difficult areas in Central Asia is of great importance. Moreover, it is considered to be one of the significant point in the history and even source of pride of the Tajik people. Because from the moment the first border checkpoints appearance in the territory of modern Tajikistan in 1872 (in the Shojon region of the Eastern Pamirs) to the present day, along with border protection, ways and methods of combating border violators, smugglers and other criminals, schools and educational institutions have played and having been playing a great role in making a contribution in training of professional specialists.*

**Keywords:** *border security, border detachments, border checkpoints, border violators, security, struggle, criminal groups, terrorism, border guard, checkpoint.*

Маълумотҳои мавҷудаи таърихӣ нишон медиҳанд, ки пеш аз ворид гардидани отрядҳои сарҳадии полковник (баъдтар генерал-майор) Ионов М.Е. ба Бадахшон (солҳои 1891-1895) вазъияти зисту зиндагонӣ ва амнияти сокинони Бадахшон таъмин набуд ва зарурати ҳифзи ҳаёти сокинон ва молу мулки онҳо амри воқеӣ буд. Ҳуҷумҳои пайдарпайи афғонҳо ба деҳаҳои соҳили рости дарёи Панҷ дар Бадахшон, ҳодисаҳои торочи молу мулк ва қатлу гаравгонгирии мардум бениҳоят зиёд буданд. Дар гузоришҳои сардорони пеш аз револютсионии отрядҳои сарҳадии Бадахшон М.Е. Ионов, В.Н. Зайтсев, А.Г. Скерский, А.Е. Снесарев, Г.А. Шпилко, Э.К. Кивекэс, И.Д. Ягелло, инчунин китоби Д.Карамшоев ва И. Харкавчук "Сарҳадбонон ва сокинони Помир" ин ҳодисаҳо инъикос ёфтаанд [4,44-46].

Пас аз таъсиси Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон дар ҳайати Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар соли 1924 ва баъдан ҳамчун Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон (соли 1929) кӯшиш мешуд бо Афғонистон мустақим муносибати неки ҳамсоягӣ барқарор карда шавад. Аммо дар низоми сиёсии Иттиҳоди Шӯравӣ робитаҳои мустақими дуҷониба байни Тоҷикистон ва Афғонистон вуҷуд надошт, муносибатҳо танҳо дар доираи робитаҳои Иттиҳоди Шӯравӣ ва Афғонистон амалӣ карда мешуданд.

Бо вуҷуди ин, Иттиҳоди Шӯравӣ бо мақсади роҳандозӣ намудани стратегияи ҳарбии худ дар муносибат бо Афғонистон хело диққати ҷиддӣ медод. Аз ҷумла, дар ҳудуди Тоҷикистон, ки бо Афғонистон хати сарҳади тӯлонӣ дорад, дар отрядҳои сарҳадии "Панҷ" ва "Москва" дар ҳудуди вилояти Хатлон, "Ишкошим", "Хоруғ", "Қалъаи Хумб" ва "Мурғоб" дар ҳудуди имрӯзаи ВМКБ ҳайати сарбозону афсаронро мунтазам зиёд мекард.

Пас аз барқарор гардидани Ҳокимияти Шӯравӣ ва таъсиси шуъбаву отрядҳои сарҳадӣ самти фаъолияти асосии Қӯшунҳои сарҳадӣ низ вобаста ба хатару таҳдидҳои ҳамон давра дигар шуданд. Шуруъ аз солҳои 20-ум то солҳои 30-юми асри XX фаъолияти асосии Қӯшунҳои сарҳадии округи Туркистон барои ҳифзи сарҳади давлатии Иттиҳоди Шӯравӣ бо Афғонистон ҷоннок карда шуд. Яке аз сабабҳои ин чораҷӯйиҳо ҳуҷумҳои пайдарпайи дастаҳои босмачиён, ки қаблан ба қаламрави Афғонистон фирор карда буданд, ба ҳисоб мерафт. Танҳо баҳори соли 1931 пас аз маҳв намудани гурӯҳи дастаи Иброҳимбек вазъияти сарҳад каме муътадил гардид. Бо вуҷуди ин ҳама, таваҷҷуҳ ба неруҳои сарҳадӣ бештар зоҳир мегардид, аз ҷумла, 20-уми январи соли 1931 отрядҳои

сарҳадӣ 66 дар ҳудуди шаҳри Хоруғ ва Помир ташкил гардиданд [16].

Фаъолияти сарҳадбонони Иттиҳоди Шӯравӣ, ки дар қаламрави Тоҷикистон мустақар буданд, дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватани (солҳои 1941-1945) боз мураккабтар гардид. Дар солҳои аввали ҷанг аз отрядҳои сарҳадие, ки дар ҳудуди Тоҷикистон ҷойгир буданд, 2662 нафар сарҳадбон барои муҳориба ба майдони ҷанг фиристода шуданд ва қисме аз онҳо пас аз ҷанг баргаштанд. Сарҳадбонони аз Помир даъватшуда, бо қаҳрамонӣ ва фидокории худ машҳур гардиданд. Аз ҷумла, дар ҷабҳаи ҷанг корнамоӣ ва қаҳрамониҳои генерал-майор Панфилов Иван Васильевич, ки солҳои 1925-1927 дар отряди сарҳадии "Помир" фаъолият дошт, барои насли ҷавон хело ибратомӯз аст.

Ба ин монанд, сардори қисми ҳарбии Шӯрообод (ҳоло Ш.Шоҳин) капитан Ф.Ф. Чепурин, ки аз барои мубориза бо истилогарони Германияи фашистӣ ба ҶБВ сафарбар гардида, аз худ корнамоиҳои беназир ва мардонигию ҷасорат нишон дода, сазовори унвони олии Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ гардид, ки то ҳол дар саҳифаи таърихи дурахшони отряди сарҳадии ноҳияи Ш.Шоҳин барои сарбозону афсарон намунаи ибрат аст.

Вазъият дар давраи ҷанг дар хати сарҳади Тоҷикистону Афғонистон мураккаб боқӣ монд. Кӯшиши убури ғайриқонунии ҷосусони хориҷӣ ва тахрибкорон ниҳоят зиёд гардид. Тибқи маълумотҳои муҳаққиқ Назаршо Назаршоев ҳуҷумҳои гурӯҳҳои ҷиноӣ дар ҳамаи отрядҳои сарҳадӣ, махсусан қисмати Шӯрообод (ҳоло ноҳияи Ш.Шоҳин) зиёд ба қайд гирифта шуданд. Маҳз дар ин давра аз ҷониби неруҳои сарҳадӣ зиёда аз 144 нафар вайронкунандагони сарҳад, аксаран дар ҳудуди отрядҳои сарҳадии "Помир" дастгир ва маҳв карда шуданд, ки аз ин 50 нафар ҷосусу тахрибкор (диверсант) ва зиёда аз 178 вайронкунандаи хати сарҳад безарар гардонида шуданд [5,337].

Баъдан шуруъ аз соли 1932 дар заминаи отряди сарҳадии 48-уми Сарой, ки ба 4 қисмат ҷудо шуда буд, дар деҳаи "Саричашма" комендатураи сарҳадӣ таъсис дода шуд. Дар он қисмҳои сарҳадии "Чубек", "Даҳана", "Баҳорак", "Сари ғор", "Ёл", "Анҷирак", "Хирманҷо" ва "Шоҳон" муттаҳид карда шуданд ва отряди сарҳадии "Москва" низ дар радифи онҳо буд [11].

Воқеан марҳилаҳои таъсис, самтҳои фаъолият ва барҳамдиҳӣ ва ё муттаҳидкунонии отрядҳои сарҳадиро таҳлил намуда, ба хулоса омадан мумкин аст, ки ин дигаргуниҳо ва таҷдиду азнавтаъсисдиҳии неруҳои сарҳадӣ вобаста ба имконият ва хатарҳои эҳтимолии мавҷуда аз самти Афғонистон рӯйи даст гирифта мешуд. Инро метавон танҳо дар мисоли расонидани маълумот ва алоқа байни отрядҳои сарҳадӣ, ки масофаи хело тӯлониро дар бар мегирифтанд мушоҳида кард. Мисол: барои огоҳ намудан ва ё расонидани як маълумоти қобили таваҷҷуҳ сарҳадбон ва ё қосидро зарур буд, ки як ҳафта ба тариқи асп то нуқтаи дурдастарини отряди сарҳадӣ роҳ биравад ва ҳамин миқдор роҳро боз барои баргаштан тай намояд. Аз ин рӯ, зарурати тез-тез иваз гардидани самтҳои фаъолият ва азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии ҷузъу сохторҳои неруҳои марзбонӣ пеш меомад.

Бо ҳамин тартиб, соли 1954 шуъбачаи 13-уми комендатураи сарҳадӣ ба отряди сарҳадии 117 ҷузъу томҳои мусаллаҳи ВКД ҳавзаи Осиёи Миёна (ВКД ҶШС Тоҷикистон) якҷоя карда шуда, соли 1955 ситоди отряди сарҳадӣ дар шаҳраки Москваи ҶШС Тоҷикистон мустақар карда шуд, ки дар он 601 нафар сарҳадбон бо 401 аспи савора, 28 аспи борбардор, 60 хар, 15 хачир, 8 саги ҷустуҷӯкунанда ва 32 саги посбонӣ сарҳади давлатиро ҳимоя мекарданд. Худи ҳамон сол, отряди сарҳадии "Москва" аз дараҷаи 2 ба дараҷаи 1 гузаронида шуда, ба зимааш 8 қисми ҳарбӣ (застава) аз минтақаҳои Панҷ вогузор карда мешаванд, ки шумораи умумии онҳо 1188 нафар сарбозону афсарон, 418 асп, 88 саг ва 30 хар зиёд мегардад [11].

Солҳои 60-ум вазъияти дохилии Афғонистон муташшаниҷ гардида, низоъҳои дохила авҷ гирифтанд. Аз сӯйи дигар, диверсантҳо ва ҷосусони Англия самти фаъолиятро маҳз дар хати сарҳади Иттиҳоди Шӯравӣ бо Афғонистон вусъат бахшиданд.

Ҳамин ангезаҳо оҳиста-оҳиста ба муташаннич гардидани вазъияти Афғонистон оварда расонид ва 12-уми декабри соли 1979 Бюрои сиёсии КМ ҲКИШ дар ҳайати маҳдуд дар бораи ба Афғонистон ворид намудани воҳидҳои низомӣ қарор қабул намуд.

27-уми декабри соли 1979 Артиши Иттиҳоди Шӯравӣ ба хоки Афғонистон ҳуҷум кард ва роҳбари онвақтаи Афғонистон Ҳафизуллоҳи Амин аз байн бурда шуд [1,27].

Пас аз ворид гардидани Артиши Шӯравӣ ба қаламрави Афғонистон ба фаъолияти сарҳадбонони Иттиҳоди Шӯравӣ, ки дар самти сарҳади Ӯзбекистон, Туркманистон ва махсусан Тоҷикистон, ки бо Афғонистон марзи тӯлонӣ доштанд, таваҷҷуҳи бештар зоҳир гардид. Дар баробари дигар отрядҳои сарҳадӣ, саҳми отряди сарҳадии “Москва”, ки дар ҳудуди ноҳияи имрӯзаи Мир Саид Алии Ҳамадонӣ ҷойгир буд, дар ҳифзи сарҳад ва пешгирӣ аз воридшавии гурӯҳҳои ҷиноӣ ва диверсантҳо хеле назаррас аст.

Тӯли солҳои 1979-1989 ҳангоми роҳандозии амалиёти низомии Иттиҳоди Шӯравӣ дар хоки Афғонистон дар баробари дигар сарбозону афсарони Қувваҳои масаллаҳ, сарбозону афсарони Қӯшунҳои сарҳадӣ низ ҷалб гардиданд ва чуноне, ки мегӯянд “ҷанг бе талафот намешавад”. Дар ин давра барои ҳифзи сарҳади давлатӣ 47 нафар сарҳадбони отряди сарҳадии “Москва” ба ҳалокат расида, 202 нафар вайронкунандаи Сарҳади давлатӣ ва 2880 нафар вайронкунандаи реҷаи Сарҳади давлатӣ дастгир шуданд [11].

Пас аз даст ёфтан ба Истиқлоли давлатӣ дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқи Тоҷикистон, аз ҷумла таъсису азнавсозии сохторҳои вазорату идораҳои давлатӣ гардиши куллӣ ба вуҷуд омад, махсусан дар ҳифзу ҳимояи Сарҳади давлатӣ, ки қариб беназорат монда буд. Сарҳадҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон ва Қирғизистон, ки дар даврони собиқ Шӯравӣ ҳамчун сарҳадҳои дохилӣ маълум буданд, фаъолияти худро аз рӯйи низоми пештара идома медоданд. Аммо сарҳадҳои Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Мардумии Чин ва Афғонистон, ки ҳамчун сарҳади берунаи собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ буданд, бояд ҳар чи зудтар зери назорат гирифта мешуданд.

Сарҳади Тоҷикистон бо Афғонистон 1374,2 км дарозӣ дорад, ки аз ин 1184,5 км он сарҳадҳои обӣ ва 189,8 км хушкӣ мебошад. Махсусияти хати сарҳади Тоҷикистон бо Афғонистон дар он аст, ки он асосан аз лиҳози ҷуғрофӣ душворгузар ва обӣ мебошад. Чуноне ки аз таърих маълум аст, маҳз дарёи Панҷ, хати сарҳади ҳар ду кишвар муайян гардидааст ва он дар асоси шартномаҳои байналмилалӣ, аз ҷумла, Созишномаи Иттиҳоди Шӯравӣ ва Афғонистон аз 13.06.1946 ва 16.06.1981, Созишнома оид ба сарҳади давлатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон аз 22.12.1993, Созишнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон оид ба нуқтаҳои гузаргоҳи сарҳадӣ аз 27.04.2005 ва Протокол аз 21.10.2013 оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Созишномаи байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон оид ба нуқтаҳои гузаргоҳи сарҳадӣ аз 27.04.2005 ҳалли худро ёфтааст ва масъалаи делимитатсия ва демаркатсияи сарҳади давлатии Тоҷикистон ва Афғонистон пурра ба анҷом расидааст. Аммо, бо назардошти тағйир ёфтани маҷрои дарё ва пайдо шудани ҳудудҳои нав дар соҳили дарё баъзан зарурати ба истилоҳ редемаркатсияи сарҳадӣ ба миён меояд, он аз ҷониби комиссияҳои муштарак ҳал мегардад.

Пас аз соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон қадамҳои аввалин бо мақсади ба роҳ мондани ҳамкориҳои расмии дуҷониба бо Афғонистон дар асоси Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25-уми августи соли 1992 доир ба масъалаи таъсис додани сафоратхонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Афғонистон ва дигар кишварҳо ба тавсиб расид.

Баъдан бо мақсади барқарор намудани муносибатҳои дӯстонаи ҳамсоягӣ бо Афғонистон ҳайати баландпояи Тоҷикистон ба пойтахти Афғонистон шаҳри Кобул моҳи июли соли 1992 сафари корӣ анҷом дод [3,21].

Дар ин вохӯрӣ, 15-уми июли соли 1992 “Созишнома дар бораи барқарории муносибатҳои дипломатӣ байни Тоҷикистон ва Афғонистон” ва “Протокол оид ба таъсиси Комиссияи муштараки ҳамкориҳои иқтисодӣ, фарҳангӣ ва илмӣ-техникӣ” ба имзо расонида шуд. Баъдан Раиси Шӯрои Олии кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рӯзҳои 28-29-уми августи соли 1993 ба Кобул сафар намуда, бо роҳбари Давлати Исломии Афғонистон Бурҳониддин Рабонӣ ва вазири дифоъ Аҳмадшоҳи Масъуд

вохӯрда, мулоқоти судманду самарабахшро анҷом дод. Натиҷаи изҳороти муштаракро Эмомалӣ Раҳмон "ҳуҷҷати муҳимми сиёсӣ" номидааст [8,95].

Таъмини сулҳу субот ва оромӣ дар марзи муштараки ду кишвар яке аз масъалаҳои асосии ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Афғонистон маҳсуб мешавад. Айни замон Тоҷикистон натанҳо ҳамчун кишвари худмуҳофизаткунанда, балки нақши кишвари буфериро барои кишварҳои Осиёи Миёна иҷро мекунад. Бо вуҷуди ҳамаи ин, тӯли ин солҳо даҳҳо қарордод вобаста ба муносибатҳои дуҷонибаи тиҷоратӣ ва иқтисодӣ ба тавсиб расидаанд. Аз ҷумла, оид ба хатҳои интиқоли барқ, молу масолеҳ, сохтмони роҳу пулҳо, интиқоли маҳсулоти сохтмонӣ, бахусус, семент аз Тоҷикистон ба Афғонистон дар марҳилаи сифатан нави рушд қарор гирифт. Дар навбати худ, аз ҷониби Афғонистон маҳсулоти кишоварзӣ, меваи хушк, кунҷит ва афлесун низ ворид мегардид. Тибқи гузориши собиқ муовини вазири рушди иқтисод ва савдо Сайраҳмон Назриев "...додугирифти Тоҷикистону Афғонистон дар соли 2021 нисбат ба соли қаблӣ 21,6% афзоиш ёфтааст. Дар моҳҳои январ-ноябри соли 2021 гардиши молу коло миёни ду кишвар $81,7 миллионро дар бар гирифта, ки $79,2 миллиони он содирот ва наздики $2,5 миллион воридот мебошад. Аз ҳаҷми умумии содироти Тоҷикистон ба Афғонистон дар ин давра $56 миллиони онро содироти қувваи барқ дар бар мегирад" [12].

Аммо бо вуҷуди дар тӯли таърих, асрҳо дар паҳлӯи ҳам зиста омадани мардумони ҳар ду кишвар инчунин, ҳамзабону ҳамфарҳанг ва ҳамдину оин будани мардумони Тоҷикистону Афғонистон боз масъалаҳое ҳастанд, ки манфиатҳои милливу давлатӣ, таъмини амнияти шаҳрвандон, оромиву субот ва рушди кишварро дар мадди аввал қарор медиҳанд. Ва яке аз масъалаҳои муҳим, ин манфиатҳои миллӣ, ҳифзу ҳимоя ва мустаҳкамии Сарҳади давлатӣ аз хатарҳои гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ, қочоқбарону ҷинояткорон мебошад. Масъалаи ҳифзи Сарҳади давлатӣ на танҳо ду кишвари ҳамзабон, балки кишварҳои абарқудрат ба монанди Русия, Чин ва Амрикоро, ки ҳар кадоме мехоҳад дар зери таъсири ҳавзаи сиёсии худ ин ду кишварро қарор диҳад, нигарон кардааст. Махсусан Федератсияи Русия ва кишварҳои аъзои ИДМ ба вазъи Сарҳади давлатии Тоҷикистон бо Афғонистон таваҷҷуҳи махсус зоҳир карданд ва ин масъала ҳамчун сарҳади ҷанубии кишварҳои аъзои ИДМ онҳоро ба ташвиш оварда, барои тақвият бахшидани хати сарҳади Тоҷикистон кумакҳои техникиву моддӣ мерасонад. Дар шароити онвақта, новобаста аз вазъи мушкили сиёсиву иқтисодӣ, аз ҷониби Ҳукумати навтаъсис чораҳои амниятӣ ҷиҳати ҳифзи Сарҳади давлатӣ андешида мешуд.

Ҳанӯз 9-уми октябри соли 1992 қарор "Дар бораи тадбирҳои муътадилгардонии вазъи сарҳади Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Афғонистон" аз ҷониби роҳбарони кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар шаҳри Минский Ҷумҳурии Белорус ба тавсиб расид, ки дар он роҳбарони кишварҳои Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон, Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати беҳбудии вазъи сарҳади Тоҷикистону Афғонистон қарорҳои дахлдор қабул карданд [6.2].

Дар банди 1 қарори мазкур дарҷ гардидааст, ки "Барои таъмини вазъи муътадили сарҳади Тоҷикистону Афғонистон гурӯҳи қӯшунҳои сарҳадии Федератсияи Россия тақвият дода шаванд. Баталиони махсус иборат аз 500 нафар аз ҳисоби контингентҳои ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Федератсияи Россия ва дигар кишварҳо ташкил гардида, ҷиҳати ҳифзи сарҳади Тоҷикистон бо Афғонистон омода ва сафарбар карда шаванд". Қабули чунин қарорҳо ва шартномаҳо, пеш аз ҳама, ба ҳифзи сарҳади натанҳо Тоҷикистон ҳамчун аъзои ИДМ, балки дигар кишварҳои минтақа, ки дар ҳамсоягии Тоҷикистон ҷойгиранд, равона гардида буд.

Баъдан 18-уми декабри соли 1992 фармони Президуми Шӯрои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тадбирҳои беҳтар намудани ҳифзи марзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз ҷониби раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Раҳмон ба тавсиб расид, ки тибқи банди 1 он "То муътадил гардидани вазъи ҷамъиятию сиёсӣ дар ноҳияҳои марзии Ҷилликул, Қубодиён, Қумсангир, Панҷ, Шаҳритус, Москва,

Муъминобод, Фархор, Шӯрообод, Ванҷ, Дарвоз, Ишкошим, Мурғоб, Рӯшон ва Шуғнони Ҷумҳурии Тоҷикистон режими гузарномавӣ муқаррар карда шавад” [7,1].

Дар асоси созишномаи дуҷониба байни Тоҷикистон ва Федератсияи Россия ҳимояи хати аввали марзи Тоҷикистон бо Афғонистонро аз соли 1992 то соли 2005 маҳз Кӯшунҳои сарҳадии Федератсияи Россия ба зимма доштанд ва дар ҳифзи муштараки Сарҳади давлатӣ нақши муассир гузоштанд.

Бешубҳа, муътадил гардонидани вазъи сарҳади Тоҷикистон бо Афғонистон аз бисёр ҷиҳат ба ҳалли низои байни тоҷикон вобаста буд, зеро ҷангҷӯёни мусаллаҳи мухолифи давлат дар минтақаҳои сарҳадии Афғонистон қарор доштанд ва ба амнияти кишвар таҳдид мекарданд.

Вобаста ба мусоидат намудан ба гуфтушуниди тоҷикон, махсусан мулоқоти Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо роҳбари Иттиҳоди неруҳои опозитсионии тоҷик (ИНОТ) Саид Абдуллоҳи Нурӣ дар деҳаи Хусдеҳи Афғонистон нақши роҳбарияти ҳамонвақтаи Афғонистон Бурҳониддин Раббонӣ ва Аҳмадшоҳи Масъуд ва дигарон хело муассир аст.

Бояд қайд намуд, ки тоҷикони мубориза Афғонистон саҳми худро натанҳо дар тинҷиву амонии Тоҷикистон, балки дар ҳифзу истиқлолияти Афғонистон низ то ҳадди имкон гузоштаанд. Онҳо дар солҳои 1979-1989 ҳангоми амалиёти махсуси неруҳои низомии Иттиҳоди Шӯравӣ, дастаҳои мусаллаҳро ташкил дода, дар озодӣ ва истиқлоли Афғонистон саҳми бузург гузоштанд. Чунин қаҳрамонию фидокории онҳо буданд, ки ба дастоварду муваффақиятҳои назаррас дар таъмини сулҳу оромӣ ноил гардидан ва ба тоҷики асил ва ватандӯсту озодихоҳ Аҳмадшоҳи Масъуд дар конфронси Бонн, унвони Қаҳрамони миллии Афғонистон дода шуд. Тибқи хулосаи мутахассисон маҳз муқовимати Аҳмадшоҳи Масъуд ва Бурҳониддин Раббонӣ аз раванди густариши нерӯҳои “Толибон” дар тӯли солҳои 1996-2001 ҷилавгирӣ намуда, онро даҳсолаҳо боздошт. Агар ин муқовиматҳои тоҷикон намебуд, вазъи Афғонистон аз имрӯза ҳам бадтар мегардид [2,1-2].

Пас аз барқарор гардидани ҳукумати расмӣ дар Афғонистон 13-уми июли соли 2001 Тоҷикистон яке аз аввалин кишварҳое буд, ки Ҳукумати нави Афғонистонро ба расмият шинохт ва сафоратхонаи худро дар шаҳри Кобул ифтитоҳ намуд. Баъдтар консулгариҳои Тоҷикистон дар Мазори Шариф, Файзобод ва Қундузи Афғонистон, инчунин сафоратхонаи Афғонистон дар шаҳри Душанбе ва консулгарии Афғонистон дар шаҳри Хоруғи Тоҷикистон ифтитоҳ гардиданд. Тӯли солҳои 1992-2021 муносибатҳои ҳар ду кишвар дар чаҳорчӯбаи Аҳдномаҳои дӯстӣ ва ҳамкориҳои дуҷониба, ки дар ҷараёни мулоқотҳои роҳбарони ду кишвар ба имзо расида буданд, ташаккул ва рушд намуданд.

Ҷиҳати пойдории сулҳу оромӣ дар Афғонистон аз ҷониби Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳамаи баромад ва маърӯзаҳои ҳам дохилӣ ва ҳам аз минбарҳои баланди ҷаҳонӣ ҳамчун модели беҳтарини расидан ба сулҳ музокираҳои сулҳи тоҷикон пешниҳод карда шудааст. Ҳанӯз соли 1998, аз ҷониби Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати ташкили “камарбанди амниятӣ дар атрофи Афғонистон” дар минбари СММ пешниҳод манзур гардида буд ва такроран ҳамин масъала ҳангоми суханронӣ дар конфронси байналмилалии сатҳи баланд зери унвони “Ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ оид ба амният ва мудирияти сарҳад ҷиҳати муқовимат ба терроризм ва пешгирӣ аз таҳарруки террористон” дар шаҳри Душанбе (18.10.2022) чунин зикр гардид: *“Дар ин робита, талошҳои таъхирнопазир ҷиҳати татбиқи ташаббуси Тоҷикистон – консепсияи “камарбанди амниятӣ” дар атрофи Афғонистон ба манзури пешгирӣ ва коҳиш додани пайомадҳои хатару таҳдидҳо амри зарурӣ мебошад”* [13].

Ҳангоми суханронӣ дар маҷлиси тантанавӣ бахшида ба таҷлили 15-солагии таъсисёбии Қушунҳои сарҳадӣ Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон (28.05.2009) таъкид намуданд, ки “Имрӯз вазъи минтақа ва махсусан вазъияти сарҳади давлатӣ дар байни Тоҷикистону Афғонистон, инчунин ҳалли масъалаҳои вобаста ба таъмини амнияти миллӣ ва ҳифзи манфиатҳои давлати Тоҷикистон аз сарҳадбонон

тақозо дорад, ки дар иҷрои вазифаҳои касбии худ беш аз ҳарвақта зиракиву ҳушёрӣ ва омодабошии доимӣ зоҳир намоянд" [14].

Бо вуҷуди андешидани ҳамаи чораҳо ҷиҳати ҳифзи Сарҳади давлатии Тоҷикистон бо Афғонистон аз гурӯҳҳои ҷиноӣ, воридшавии шахсони дар кофтукоб қарордошта, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, моддаҳои психотропӣ ва силоҳу аслиҳа мунтазам ҳангоми пешгирӣ дар рафти адои хизмати ҳарбӣ аз ҷониби неруҳои сарҳадӣ задухӯрдҳои мусаллаҳона ба амал меоянд. Аз ҷумла, маводҳои дастрасгардидаро таҳлил намуда, ба хулоса омадан мумкин аст, ки танҳо соли 2009 дар ин самт "*...зиёда 1 тонна маводи нашъаовар, аз ҷумла 240 кило героин, 252 кило афюн ва 569 кило маводи гурӯҳи канабис мусодира намудаанд. 9 нафар қочоқчии маводи нашъаовар боздошт карда шуда, зиёда аз 1,5 млн. бех ниҳоли банги ҳиндӣ нобуд карда шудааст. Аз ҷониби сарҳадчиёни тоҷик 52 адад силоҳи оташфишон, аз ҷумла 29 автомат, 15 адад милтиқ ва камони шикорӣ, 3 адад таппонча, 2 адад пулемёт, 1 адад гранатамиёт, 1 адад АГС-17, ҳамчунин зиёда аз 8 ҳазор дона тирҳои гуногунқутр мусодира намудаанд*" [9].

Айни ҳол дар самти сарҳади Тоҷикистон ва Афғонистон 7 гузаргоҳи давлатии сарҳадӣ амал мекунанд, ки инҳо:

–"Ишкошим" – автомобилгард, дар ҳудуди ноҳияи Ишкошими ВМКБ, мақоми байналмилалӣ;

–"Тем" – автомобилгард, дар ҳудуди шаҳри Хоруғи ВМКБ, мақоми байналмилалӣ;

–"Рузвай" – автомобилгард, дар ҳудуди ноҳияи Дарвози ВМКБ, мақоми байналмилалӣ;

–"Кокул" – обӣ, дар ҳудуди ноҳияи Фархори вилояти Хатлон, мақоми байналмилалӣ;

–"Панҷи поён" – автомобилгард, дар ҳудуди ноҳияи Панҷи вилояти Хатлон, мақоми байналмилалӣ;

–"Хумроғӣ" – автомобилгард, дар ҳудуди ноҳияи Ванҷи ВМКБ, мақоми байналмилалӣ;

–"Шоҳон" – автомобилгард, дар ҳудуди ноҳияи Шамсиддини Шоҳин, вилояти Хатлон, мақоми байналмилалӣ мебошанд [10].

Пас аз ба сари қудрат омадани «Толибон» дар Афғонистон ба масъалаи ҳифзу ҳимояи Сарҳади давлатӣ ва таҳкими заминаи моддию техникӣ, аз ҷумла инфрасохтори он диққати махсус зоҳир мегардад. Нуқтаи мазкур ҳангоми суханронии Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Конфронси байналмилалии сатҳи баланд зери унвони "Ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ оид ба амният ва мудирияти сарҳад ҷиҳати муқовимат ба терроризм ва пешгирӣ аз таҳарруки террористон" дар шаҳри Душанбе (18.10.2022) чунин таъкид гардид: "*Тоҷикистон ва Афғонистонро 1400 километр хатти сарҳад бо қитъаҳои мураккаби кӯҳӣ ба ҳам мепайвандад, ки тақрибан 60 фоизи марзҳои давлатҳои Осиёи Марказиро бо ин кишвар ташкил медиҳад. Дар чунин шароит мо ҷиҳати таҳкими сарҳадот чораҳои зарурӣ андешида истодаем ва тайи ду соли охир зиёда аз 175 иншооти сарҳадиро сохта ба истифода додем. Қобили зикр аст, ки ҳамзамон бо ин сохтмони 30 иншооти дигар идома дорад ва моро лозим аст, ки дар оянда боз 300 иншооти марбутаро бунёд намоем*" [13].

Бешубҳа, нақши Неруҳои сарҳадии Тоҷикистон дар ҳифзи сарҳади Тоҷикистону Афғонистон муассир аст. Махсусан хизматҳои шоён ва қаҳрамониҳои сарбозону афсарони ин ниҳоди муҳим, ки дар самти ҳифзи марзу буми кишвар аз худ қаҳрамониҳои бемисл нишон додаанд, қобили ситоиш аст.

Аз ҷумла, дар муҳорибаҳои ҷангӣ махсусан ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматӣ, ҳифзу ҳимояи марзу бум, пешгирии убури ғайриқонунии Сарҳади давлатӣ ва гузаронидани амалиётҳои махсуси сарҳадӣ дар солҳои гуногун Қушунҳои сарҳадӣ афсарону сарбозони зиёдеро аз даст додааст.

Дар ин маврид Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми суханронӣ дар маҷлиси тантанавӣ бахшида ба 25-умин солгарди таъсисёбии Қушунҳои сарҳадии кишвар

28.05.2019 дар шаҳри Душанбе махсус таъкид намудаанд: “*Махсус ёдовар бояд шуд, ки дар тӯли ин солҳо барои ҳифзи сохти конститутсионӣ, ҳимояи марзу буми кишвар, ҳаёти осудаи сокинон ва оромиву суботи мамлакат ҳангоми амалиёту муҳорибаҳои зиддитеррористӣ 148 нафар хизматчиёни ҳарбии Қӯшунҳои сарҳадӣ ҷони худро қурбон кардаанд, ки мардуми шарифи тоҷик ва давлату Ҳукумати Тоҷикистон номи нек ва ҷасорату фидокории онҳоро ҳаргиз фаромӯш нахоҳанд кард”* [15]

Нишонаи барҷастаи ин қаҳрамониҳо 02.12.2017 аз ҷониби полковник Аҳтамов Хайриддин зоҳир гардид, ки ҳангоми иҷрои вазифаи хизматиаш дар отряди сарҳадии “Шӯрообод” дар набард бо вайронкунандагони сарҳади давлатӣ ҳалок гардид. Бо дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар арафаи таҷлили рӯзи Артиши миллӣ моҳи феврали соли 2018 ба оилаи марҳум Х.Аҳтамов калиди хонаи истиқоматӣ, воқеъ дар ш. Душанбе бо ҳамаи таҷҳизоташ супорида шуд. Ба ин монанд майор Олимиён Суханвар соли таваллудаш 1984, оиладор соҳиби се фарзанд, ҳангоми гузаронидани амалиёти ҳарбӣ дар мавзеи “Сарichашма”-и ноҳияи Ш. Шоҳин ба муқобили қочоқбарони афғон ба ҳалокат расид. Аскари қаторӣ Азимов Бахтовар соли таваллудаш 1997 ҳангоми иҷрои вазифаи хизматӣ ба ҳалокат расид.

Ҳамин тавр, дар давраи соҳибистиқлолии кишвар самт ва фаъолияти мақомоти амният, махсусан Қӯшунҳои сарҳадӣ таҳким ва такмил дода шуд, ки ин тадбир дар барқарорсозии сулҳ, таҳкими амнияти давлатӣ ва миллӣ нақши муҳим бозид. Қабули тамоми чораҳои зарурӣ, аз он ҷумла тадриҷан барпокунии сохторҳо ва неруҳои марзбонӣ барои ҳалли масъалаҳои амният дар минтақаҳои наздимарзӣ, махсусан дар ҳифзи сарҳади Тоҷикистон ва Афғонистон нақши калон бозиданд.

**АДАБИЁТ:**

1. Искандаров Қ. Афғонистони имрӯз: омилҳои дохилӣ ва хориҷии ҷангу сулҳ / Қ.Искандаров, Р.Давлатов, Р.Абдуллоев. (Монография). – Душанбе: Дониш, 2017.

2. Искандаров Қ. Ба қудрат расидани «Толибон» ва сарнавишти тоҷикони Афғонистон / Қ.Искандаров “Ҷумҳурият”, №79 (25690), 17 апр. 2023.

3. Казаков Р. Таджикско-афганские взаимоотношения в 1991-2013 гг. – Душанбе, 2017.

4. Карамшоев Д. Сарҳадбонон ва сокинони Помир / Д. Карамшоев, И. Харкавчук. – Душанбе: Помир, 1995.

5. Назаршоев Н. В годы суровых испитаний / Н.Назаршоев // Пянджский рубеж. – Душанбе, 2004.

6. Садои мардум, №12 (493) аз 28.01.1993.

7. Фармони Президуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тадбирҳои беҳтар намудани ҳифзи марзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”//Ҷумҳурият, №217 (18377) аз 24.12.1992.

8. Шарипов А. Эмомалӣ Раҳмонов – наҷотбахши миллат (Сиёсати дохилӣ ва хориҷии Президенти Тоҷикистон дар солҳои 1992-1995) / А. Шарипов, С. Фатоев // Китоби 1. – Душанбе, 2006.

9. Бекназар А. Вазифаҳои соли 2010 Қӯшунҳои сарҳадӣ муайян шуданд. Агентии миллии иттилоотии Тоҷикистон “ХОВАР”, 7 янв. 2010. [Сарчашмаи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: https://khovar.tj/ 2010/01/vazifa-1202-oi-soli-2010-i-1178-1262-shun-1202-oi-sar-1202-ad-1250-muajyan-shudand/ (санаи муроҷиат: 22.04.2024).

10. Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Сомонаи расмӣ / Сарҳади давлатии Тоҷикистон бо Афғонистон. – Душанбе, март 2013. [Сарчашмаи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: https:// mfa.tj/tg/main/view/149/sarhadi-davlatii-jumhurii-tojikiston-bo-jumhurii-islomii-afgoniston (санаи муроҷиат: 23.04.2024).

11. Климов А., Книга памяти Ты нас помни, страна! Мы – твои сыновья. [Сарчашмаи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: https://shieldandsword. mozohin.ru/kgb5491/ troops/border_guard/POGO/117.htm/ (санаи муроҷиат: 1.07.2024).

12. Назриев С., Гумруки Хатлон: ронандаҳои тоҷик аз кори марзбонон ва кормандони гумруки "Толибон" розиянд. “Asia-Plus”, 9 феврали 2022. [Сарчашмаи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: https:// asiaplustj. info/tj/news/tajikistan/20220209/gumruki-khatlon-ronandahoi-tojik-az-kori-marzbonon-va-kormandoni -gumruk-olibon-roziyand. (санаи муроҷиат 20.04.2024).

13. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: Суханронӣ дар Конфронси байналмилалии сатҳи баланд зери унвони “Ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ оид ба амният ва мудирияти сарҳад ҷиҳати муқовимат ба терроризм ва пешгирӣ аз таҳарруки террористон”. – Душанбе, 2022. [Сарчашмаи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: http://www.prezident.tj/node/29326 (санаи муроҷиат 29.04.2024).

14. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: Суханронӣ дар маҷлиси тантанавӣ бахшида ба 15-солагии таъсисёбии Қӯшунҳои сарҳадӣ. – Душанбе, 2009. [Сарчашмаи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: http://prezident.tj/node/2766 (санаи муроҷиат 27.03.2024).

15. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: Суханронӣ дар маҷлиси тантанавӣ ба муносибати 25-солагии таъсисёбии Қӯшунҳои сарҳадӣ. – Душанбе, 2019. [Сарчашмаи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: http://www.prezident.tj/node/20254 (санаи муроҷиат 8.07.2024).

16. Терешенко В.В. История создания и охраны среднеазатской границы СССР / В.Терешенко. Вестник архивиста. – Москва, 2013. – №3. [Сарчашмаи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: https://www.vestarchive.ru/2013-2/2600-istoria-sozdaniia-i-ohranv-redneaziatskoi-granicv-sssrr.pdf (санаи муроҷиат 11.01.2024).

УДК: 325 (575.3)

# МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ ВА ОМИЛҲОИ АСОСИИ ТАВСЕАИ ОН

(таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон)

**СУЛАЙМОНОВ У.М.**

*Унвонҷӯйи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*

*Муаллиф дар ин мақола масъалаҳои ташаккулёбии раванди муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия, таъсири он ба амнияти миллӣ ва сабабу омилҳои пайвастани шаҳрвандони ҶТ ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротиву иртиҷоиро нишон додааст. Дар баробари ин, зарурати дарки илмии фаҳмиши хусусиятҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва дигар масъалаҳои муҳоҷират, таъсири он ба вазъи сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, амнияти кишвар ва соҳаҳои фарҳангию равонӣ ва ахлоқӣ дар даврai кунунӣ пеш омада, дигар оқибатҳои муҳоҷират дорои хусусиятҳои мусбӣ ва манфӣ зоҳир мегардад.*

**Калидвожаҳо:** *муҳоҷират, муҳоҷирати маҷбурӣ, амнияти миллӣ, фарҳанг, иқтисодиёт, аҳолӣ, терроризм, экстремизм, сиёсат ва давлат.*

# ТРУДОВАЯ МИГРАЦИЯ И ЕЁ ОСНОВНЫЕ ФАКТОРЫ РАЗВИТИЯ

(на практике Республики Таджикистан)

**СУЛАЙМОНОВ У.М.**

*Соискатель Института философии, политологии и права имени А.Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана*

*В данной статье автор указал на вопросы формирования процесса трудовой миграции граждан Республики Таджикистан в Российской Федерации, её влияние на национальную безопасность, причины и факторы присоединения граждан РТ к экстремистским партиям и радикальным движениям. В то же время возникает необходимость научного осмысления социально-экономических и других проблем миграции, ее влияния на политическую, социально-экономическую ситуацию, безопасность страны и культурно-психологическую и нравственную сферы в нынешний период, а также другие последствия миграции как положительные, так и отрицательные.*

**Ключевые слова:** *миграция, принудительная миграция, национальная безопасность, культура, экономика, население, терроризм, экстремизм, политика и государство.*

# THE LABOR OF MIGRATION AND MAIN FACTORS OF ITS DEVELOPMENT

(on the practice of the Republic of Tajikistan)

**SULAYMONOV U.M.**

*Applicant of the Institute of Philosophy, Law and Political Sciense named after A. Bahovaddinov of the National Academy of Sciences of Tajikistan*

*In this article, the author pointed out the issues of the formation of the process of labor migration of citizens of the Republic of Tajikistan in the Russian Federation, its impact on national security, the reasons and factors for the accession of citizens of the Republic of Tajikistan to extremist radical parties and movements. At the same time, there is a need for scientific understanding of socio-economic and other problems of migration, its impact on the political, socio-economic situation, the security of the country and the cultural, psychological and moral spheres in the current period, as well as other consequences of migration have both positive and negative characteristics.*

**Keywords:** *migration, conscription migration, national security, culture, economy, population, terrorism, extremism, policy and state.*

Яке аз омилҳои муҳимме, ки ба вазъияти оперативӣ ва амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири худро мерасонад, ин муҳоҷирати меҳнатӣ мебошад.

Муҳоҷирати меҳнатӣ таърихи тӯлонӣ дошта, дар ҳама давру замон бо зарурати беҳтар сохтани сатҳи зиндагии аҳолӣ алоқаманд мебошад. Таърихан, омили асосии тавсеа ёфтани ин навъи муҳоҷиратро тараққии шаҳрдорӣ, навоварӣ ва гуногуннавъии касбу шуғл дар шаҳрҳо нисбат ба деҳот ташкил медод.

Дар даҳаи сеюми соҳибихтиёрии давлатии тоҷикон раванди муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷ аз кишвар афзоиш ёфта, паёмадҳои он аз масъалаҳои муҳимми давлатдорӣ низ маҳсуб меёбад.

Муҳоҷират як зуҳурот ва раванди бузурги ҷаҳонӣ мебошад. Тибқи пешбиниҳои Созмони ҷаҳонии меҳнат то соли 2050 шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ дар ҷаҳон ба 450 млн нафар мерасад (ба маротиб зиёд шудани ин шумора аз вазъи сиёсии Шарқи Наздик ва дигар кишварҳои ҷангзада вобастагӣ дорад). Вобаста ба шароити имрӯзаи кишвар моро зарур аст, ки ба раванди муҳоҷират ҳамчун воқеият муносибат намуда, дар шароити ҷаҳонишавӣ ва бархӯрди манфиатҳои кишварҳои муайян ҳамчун як роҳи табиии касбу кор ва таъмини рӯзгор нигарем.

Дар шароити имрӯзаи соҳибистиқлолӣ муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз масъалаҳои муҳимми иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсӣ маҳсуб ёфта, ин ҷараён ба стратегияи сиёсати давлату давлатдорӣ ҳамчун як узви ҷудонашаванда дохил мешавад. Мусаллам аст, ки дар даврони Иттиҳоди Шӯравӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон садҳо намояндаҳои халқиятҳову миллатҳои гуногун сукунат дошта, бо касбу кор таъмин буданд.

Тадқиқоти ҷанбаҳои асосии равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар тӯли садсолаҳо сурат гирифтааст ва олимони шохаҳои гуногуни илм бо истифода аз равишҳои мухталиф, қонуниятҳои рушди онро ошкор намуда, саҳми худро ба қадри тавони хеш гузоштаанд. Дар солҳои 60-ум як қатор корҳои илмии В.И. Переведентсов ба ҷанбаҳои методологии муҳоҷират бахшида шуда буд, ки муҳаққиқонро чун муҳаррики маконӣ муайян кардааст. Дар тадқиқотҳои охири худ, ӯ муҳоҷиратро ба маънии васеи ин мафҳум баррасӣ намуда, онро чун маҷмуи ҳамагуна ҷойивазкунии одамон дар макон (аз маънои маҳдуд интиқоли одамон, ки тағйири ҷойи истиқомати онҳо ба муҳлати нисбатан тӯлонӣ робита дорад) муайян менамояд [2].

Дар асари худ О.Коситов зери унвони «Муҳоҷирати аҳолии ҶСШ Тоҷикистон», равандҳои муҳоҷиратро дар Тоҷикистон тавсиф намуда, ба омӯхтани омилҳои асосии муҳоҷират, аз ҷумла иқтисодӣ, этникӣ, демографӣ, табиӣ ва ғайра таваҷҷуҳи зиёд зоҳир мекунад. Дар асоси маводи омории расмию давлатӣ ҷой ва моҳияти ҳар як аз ин омилҳои зикргардидаро асоснок намуда, таваҷҷуҳи зиёд ба тавсифи мутаҳаррикии аҳолии деҳоти ҷумҳурӣ медиҳад. Дар тадқиқотҳои Хореев Б.С., Чапек В.Н., Рибаковский Л.Л. баъзе аз ҷанбаҳои иҷтимоию иқтисодии масъалаи муҳоҷиратро мавриди таҳлил қарор дода, таърифи илмӣ ва асосмандии он дода мешавад [6].

Агар ба мафҳуми асосии муҳоҷират назар афканем, **муҳоҷират – ин раванди ҷойи зистивазкунии аҳолӣ дар дохил ва берун аз сарзамини худ мебошад.** Ҷойи зистивазкунии аҳолӣ – кушода ва пӯшида сурат гирифта, ба аҳолии кушода аҳолии деҳот ё шаҳр мисол шуда метавонад. Аҳолии пӯшида бошад, аҳолии тамоми кураи Заминро дар бар мегирад. Дар замони ҳозира рушди иқтисодӣ-иҷтимоӣ маҳдудияти сарзаминҳои алоҳидаро барҳам дод, вале дар шароити муосир аҳолии бисёр мамлакатҳо бо муҳоҷирати берунаи худ ба аҳолии пӯшида наздик мебошанд. Муҳоҷирати аҳолӣ ҷараёни мураккаби иҷтимоӣ буда, бо тағйироти сохти иқтисодӣ ва ҷойгиркунии қувваҳои истеҳсолкунанда, бо инкишофи иҷтимоӣ ва меҳнатии аҳолӣ алоқаи зич дорад. Муҳоҷирати аҳолӣ аз рӯйи як қатор нишондиҳандаҳо тасниф карда мешавад:

1) вобаста ба гузариши сарҳад муҳоҷирати аҳолӣ ба: **а)** муҳоҷирати берунӣ, **б)** муҳоҷирати дохилӣ ҷудо мешавад. **Муҳоҷирати берунӣ** – бурида гузаштани сарҳадҳои давлатҳоро мефаҳмонад (Ӯзбекистон, Қазоқистон, Русия). **Муҳоҷирати дохилӣ** – ҷойивазкунӣ дар ҳудуди як мамлакат байни ноҳияҳои маъмурӣ ва иқтисодӣ-географии ҷойҳои аҳолинишинро дар бар мегирад. Ба ин намуди муҳоҷират, муҳоҷирати аҳолии деҳа ба шаҳр ва байниноҳиявӣ дохил мешавад;

2) шаклҳои муҳоҷирати аҳолӣ аз рӯйи нишондиҳандаҳои вақт ба се шакл ҷудо мешаванд: **доимӣ** (бебозгашт), **муваққатӣ** ва **мавсимӣ**. Муҳоҷирати бебозгашт бо ҷойивазкунии макони зисти доимӣ рабт дорад. Ба ин намуд муҳоҷирати аҳолии деҳа ба шаҳр мисол шуда метавонад. Муҳоҷирати муваққатӣ – ин муҳоҷирати давомдори маҳдудро бо муҳлати муқарраршуда, ки бо ҷойи кор ва ба даст овардани музди меҳнат алоқаманд аст, дар бар мегирад. Муҳоҷирати мавсимӣ – ин шакли ҷойивазкунии ҳарсолаи мардум дар давраи муайяни сол (кишоварзӣ, ҷамъоварӣ маҳсулоти полезӣ, сабзавот ва мева) мебошад.

Сабабҳои асосии муҳоҷирати аҳолӣ соҳаҳои гуногуни ҳаёти инсонро дар бар мегиранд: **1) иқтисодӣ** (ҷойи кор, музди меҳнат, даромади молиявӣ, ивазкунии тарзи ҳаёт ва ғайра); **2) иҷтимоӣ** (сатҳи зиндагӣ, нафақа, кумакпулӣ, имтиёзҳои иҷтимоӣ ва ғайра) [5]. **3) сиёсӣ** (таъқиби сиёсӣ, нажодӣ, фишорӣ, динӣ ва ғайра); **4) ҳарбӣ** (тахлия, депортатсия).

Сарчашмаҳои маълумот оид ба ҳаҷми муҳоҷирати аҳолӣ. Таҳлили миқдории муҳоҷират бо муайянкунии ҳаҷми он алоқаманд мебошад. Муҳоҷирати аҳолӣ ба маҷмуи хориҷшудагон берун аз сарзамин ва ба маҷмуи воридшудагон берун аз ҳудудҳои он ҷудо мешавад. Яъне, бо тарзи дигар гӯем, сухан дар бораи эмигратсия ва имигратсия (мигратсия) меравад. Фарқият байни миқдори хориҷшудагон ва миқдори воридшудагон дар давраи муайян муҳоҷирати холис номида мешавад. Ҷамъи миқдори воридшудагон ва хориҷшудагон муҳоҷирати умумӣ номида мешавад. Ҳаҷми муҳоҷирати аҳолии додашуда ба дигар аҳолӣ ба воситаи нишондиҳандаҳои зерин тавсиф мешавад: миқдори воридшудагон, хориҷшудагон, муҳоҷирати холис, муҳоҷирати умумӣ, тақсимшавии муҳоҷирати умумӣ аломатҳои гуногун доранд.

Муҳоҷират вобаста ба тавсифи гуногуни муҳоҷирон тақсим мешавад ба: 1) демографӣ; 2) вазъи иҷтимоӣ; 3) касбӣ. Тибқи ин тақсимот муҳоҷиршавии зан ва мард аз рӯйи гурӯҳҳои гуногуни синну сол, истиқоматкунандагони шаҳр ва деҳа муайян карда шудааст. Омӯзиши муҳоҷират барои ҳисоби ҷорӣ ва оянда шумора ва таркиби аҳолӣ ва инчунин барои омӯзиши равандҳои ҷойивазкунии аҳолӣ аҳамияти калон дорад. Вазифаҳои бақайдгирии ҷории муҳоҷирон аз инҳо иборат аст. Мувофиқи маълумотҳои бақайдгирии ҷорӣ ҳаракати табиӣ ба даст овардани маълумотҳо оид ба шумора ва таркиби аҳолии ин ё он сарзамин дар лаҳзаи муайяни давраи барӯйхатгирӣ мебошад. Инчунин, муайян кардани таъсири муҳоҷират ба таркиби аҳолӣ аз рӯи ҷойи даромад ва баромади муҳоҷирон. Маълумот оид ба муҳоҷират барои омӯзиши ҷараёни ҷойивазкунии аҳолӣ дар ҳудуди як мамлакат (аз як ноҳия ба дигар ноҳияҳо, аз деҳа ба шаҳр ва баръакс) ҳамзамон, берун аз он зарур аст. Омӯзиши таркиби муҳоҷирон ва қонунияту равандҳои ҷойивазкунии аҳолӣ. Ҷойивазкунии аҳолӣ аз як ҷой ба ҷойи дигар хусусияти муваққатӣ ё доимӣ дорад ва он ба категорияи гуногуни аҳолӣ дохил карда мешавад. Ҷойивазкунӣ бо тағйирёбии ҷойи истиқомат – муҳоҷирати доимӣ, яъне муҳоҷирати ҳам доимӣ ва ҳам мавҷуда мебошад. Дар шароити ҳозира бақайдгирии ҷорӣ муҳоҷирати муваққатӣ ва доимиро дар бар мегирад, лекин дар баъзе ҳолатҳо танҳо бақайдгирии ҷорӣ муҳоҷирати доимиро ба ҳисоб мегирад, ки бақайдгирии муҳоҷирати муваққатӣ бисёр душвор аст.

Тибқи маълумотҳои расмӣ бақайдгирии муҳоҷирати дохилӣ дар асоси маълумотҳои маъмурӣ оид ба бақайдгирии ахолӣ ва азқайдбарорӣ дар як қатор мамлакатҳо дар соли 1924 оғоз шудааст. Дар соли 1932 бақайдгирии муҳоҷирати дохилии ҳамаи шаҳрҳо, шаҳракҳо, ҷойҳои аҳолинишини деҳаро дар бар гирифта буд. Соли 1953 бошад, шакли ягонаи бақайдгирии муҳоҷирати дохилӣ ҷорӣ карда шуда, бақайдгирии он умумӣ гардонида шудааст.

Муҳоҷирати иҷборӣ барои ҷумҳуриҳои собиқ шӯравӣ зуҳуроти нав буда, ба вайроншавии робитаҳои иқтисодию сиёсии пештара алоқаманд аст, ки боиси зиёдшавии бекорӣ гардид. Аз ин раванд асосан ҷавонон ҳамчун қисми фаъоли ҷамъият зарар диданд.

Агар муҳоҷири меҳнатӣ дар муҳити хуб афтода, муносибат байни кордиҳандаю муҳоҷир хуб бошад ва аз ҷониби давлати миллиаш дастгирӣ ёбад, он гоҳ вай барои ташаккули шуури солими миллӣ мусоидат менамояд. Дар акси ҳол ташаккули шуури миллӣ коста гардида, гаравиши ҷавонон ба ҳар гуна ташкилотҳои ифротиву иртиҷоӣ ба сатҳи боло мерасад.

Масъалаи муҳоҷирати меҳнатӣ мавзуи демографӣ буда, ҳанӯз аз солҳои 80-уми асри XIX мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Доир ба ин падидаи иҷтимоӣ-сиёсӣ аввалин маротиба Равянский Е. омили иқтисодӣ доштани муҳоҷирати меҳнатии байналмилалиро дар заминаи ба ҳам алоқамандии фаъолшавӣ ва самти ҳаракати ҳиҷрат қонунҳои онро ошкор намудааст. Ин мавзуъ дар асри XX бар иллати он ки дар ин раванд қувваи асосиро ҷавонон ташкил медиҳанд, ба он хотир «доғи рӯз» гардид, ки он оқибати гуногун дорад. Бахусус, аз солҳои 70-80-уми асри XX сар карда доир ба муҳоҷирати меҳнатии аҳолӣ иҷтимоиётшиносон, равоншиносон ва файласуфони соҳаи иҷтимоишиносӣ ибрози андеша намуда, ба омӯзиши «муҳоҷирати меҳнатии аҳолӣ», «нақши муҳоҷират дар суботи захираҳои меҳнатӣ» ва «хусусиятҳои раванди имрӯзаи муҳоҷират» даст заданд [1].

Азбаски ба доираи муҳоҷирати меҳнатӣ халқҳо ва қувваҳои нав ба нав ҳамроҳ гаштаанд, ба тадқиқи ҷиҳатҳои гуногуни «муҳоҷирати меҳнатӣ», «навъҳои муҳоҷират», «оқибатҳои иқтисодию сиёсӣ», «маданӣ-иҷтимоӣ», «равонӣ», «муносибати давлати муҳоҷирқабулкунанда бо муҳоҷирон», «бегонашавии иҷтимоӣ» ва ба «генофонди миллат» эътибори ҷиддӣ медодагӣ шуданд.

Ба андешаи аксарият, муҳоҷирони меҳнатии тоҷик муҳоҷирони иҷборӣ буда, як қисм аз тарси ҷанги шаҳрвандӣ ҳиҷрат намуда, қисми дигарашон аз набудани ҷойи кор ба хотири дарёфти манбаи таъмини рӯзгор тарки Ватан кардаанд. Бале, ин фикру ақидаҳо асоси худро қаблан доштанд. Аммо имрӯз, ки соҳаҳои сохтмон, саноатикунонӣ, бунёди иншоотҳои муҳимми стратегӣ ва ғ. дар дохили кишвар рушд намуда истодааст, зарурати ба муҳоҷирати иҷборӣ рафтани шаҳрвандонро аз байн бурда, дар дохил бо кори доимӣ таъмин гардидани онҳо шароит муҳайё гардида истодааст. Новобаста аз ин шаҳрвандони кишвари мо, ки бо баҳонаҳои дарёфт намудани маблағи пулӣ ва ё беҳтар намудани шароити зисти худ самти ФР ва Ҷумҳурии Қазоқистонро интихоб намудаанд, то ҳол рафтуомади худро идома дода истодаанд. Дуруст аст, ки бо кори доимӣ таъмин будан ва дар ин кишварҳо сукунат доштани онҳо ба вазъи иқтисодию иҷтимоияшон таъсири мусбӣ расонад, омили дигаре, ки бештар ба назар расида, боиси нигаронӣ гардидааст, гаравиши ҷавонон ва наврасон ба ҳар гуна ташкилотҳои ифротиву иртиҷоӣ ҳамчун зуҳуроти нав зуҳур намуда истодааст, ки дар сатрҳои поён оварда шудааст.

Ба таври тахмин, аз ҳар як оилаи тоҷик ду ё се намояндааш дар муҳоҷирати меҳнатӣ берун аз ҳудуди Тоҷикистон меҳнат менамоянд. Аз ин муҳоҷирон аксарияташон ҷавонони аз 17-сола боло буда, бештарашон ягон ихтисос надошта, бозори арзони меҳнатро ташкил менамоянд.

Олимони ватанӣ Муҳаммад А.Н. ва Сафарализода Х.Қ. дар китоби «Амнияти миллӣ» ба таври равшан дарҷ намудаанд, ки бо соҳибистиқлол шудани кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, як силсила мушкилотро барои табақаҳои гуногуни ҷомеа ба бор овард. Буҳрони сохти иқтисодии аввала ва кӯшиши тағйирдиҳии он боиси паст шудани сатҳи зиндагӣ ва истеҳсолот гардид. Бесарусомонии иҷтимоӣ-сиёсӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ, дар навбати худ, вазъияти муҳоҷиратро дар Тоҷикистон тезутунд намуданд.

Ду мавҷи муҳоҷирон солҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва пас аз ҷанг аз Тоҷикистон ба Федератсияи Россия, ба Афғонистон ва ҷумҳуриҳои дигари Осиёи Марказӣ нишон доданд, ки муҳоҷирати оммавӣ боз як муаммои соҳаи амният мебошад. Ин муаммо пештар ба рӯзномаи масъалаҳои амният дохил карда нашуда буд, чунки он масъалаи ҳифзи ҳуқуқ ба ҳисоб мерафт.

Дар давоми 15 соли охир масъалаҳои аз ҳама душвор дар ҷараёни густариш ёфтани муҳоҷират пайдо гардиданд. Вазъияти баамаломада ба амнияти давлатӣ таъсири манфӣ мерасонад. Имрӯз миқёси муҳоҷират ва ҷараёнҳои гуногуни он роҳҳои нави ҳалли

муаммоҳои амниятиро тақозо мекунанд ва дар сатҳи давлатӣ баррасӣ намудани масъалаҳои мазкур хеле зарур аст. Бо вуҷуди он, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми июли соли 2000 Қонуни ҶТ “Оид ба муҳоҷират” қабул шудааст ва Хадамоти давлатии муҳоҷират дар назди Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва ҳифзи иҷтимоии ҶТ таъсис дода шудааст, ҳоло базаи ҳуқуқии бисёр масъалаҳои муҳоҷиратӣ коркард нашудааст. Тоҷикистон бояд шароити муносиб муҳайё намояд ва барои ба ҷумҳурӣ баргаштани мутахассисони босалиқа кумак кунад [4].

Вақтҳои охир ин масъала дар доираи фалсафаи иҷтимоӣ дар Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор гирифта истодааст. Чун ба ин ҷараён бештар ҷавонон пайвастаанд, онҳо қувваи асосии истеҳсолкунанда маҳсуб мешаванд. Ва аз он ки онҳо ба кадом сифатҳои тахассусию касбӣ ба муҳити этникии дигар ворид мешаванду дар муҳити нав худро чӣ тавр одат мекунонанд ва аз он чӣ бардошт менамоянд, муносибати байни миллатҳо вобаста мегардад.

Аслан таҳлилгарон муҳоҷирони меҳнатиро як падидаи ҳамарофарогир ва пешқадам арзёбӣ менамоянд, чунки бархӯрди тамаддунҳо бо ҳамин роҳҳо сурат мегиранд. Яке аз дигаре чизе мегирад ва дар айни ҳол худ низ чизе дода, бо ҳамин роҳ арзишҳои умумибашарӣ пайдо мешаванд.

Аммо ин ҷо сухан дар бораи ду навъи муҳоҷират:

**а) маҷбурӣ**, ки он барои таъмини ризқу рӯзӣ дар ҷустуҷӯйи ҷойи кору манбаи даромад маҷбуран сарҳади давлатҳои дигарро убур карда, бо садҳо монеаҳо тобу тоқат намуда, соҳиби ҷойи кор мешаванд. Аксарияташон муддатҳои тӯлонӣ ва қисмате аз онҳо бебозгашт зану фарзанд ва падару модарашонро бетакягоҳ монда, он ҷо мемонанд, ки оқибаташ хуб нест;

**б) давлатҳо ҳавасманди онанд**, ки соҳибкасбони миллатҳои дигар ба кор оянду дар иқтисодиёташон саҳм гузоранд. Агар муҳоҷирони меҳнатӣ дар кишварҳои дигар касбу кореро ёд гиранд, ки ҳангоми ба Ватан баргаштан донишу таҷриба ва ихтисоси гирифтаашонро корбаст намоянд, он гоҳ ин раванд пешқадам аст.

Агар муҳоҷирони меҳнатӣ урфу одат ва анъанаҳои хуби миллаташонро муаррифӣ намоянду дар як вақт аз сарватҳои маънавии кишваре, ки дар он ҷо кор мекунанд, истифода бурда, ҷаҳони маънавиашонро ғанӣ гардонида бошанд, инчунин ба ҳодисаю зуҳуроти иқтисодию сиёсӣ, илмию техникӣ баҳо доданро аз худ намуда бошанд, он гоҳ муҳоҷират хусусияти пешқадамро касб менамояд.

Шиносоӣ бо муҳити истеҳсолӣ, ахлоқию мадании халқҳои дигар, дониста гирифтани урфу одатҳо имкон медиҳад, ки дараҷаи инкишофи иқтисодӣ, сиёсӣ, илмӣ ва фарҳангии миллати хешро бо халқе, ки муҳоҷир дар онҷо муваққатан кору зиндагӣ менамояд, муқоиса намуда, бурду бохти миллати хешро ошкор сохта, баҳри рафъи иллатҳои ҷомеаи миллиаш андеша намояд. Бо он ки муҳоҷири меҳнатӣ ҳангоми муқоиса чӣ гуна хулоса мебарорад ва онро дар ҳаёти воқеии миллиаш чӣ хел амалӣ месозад, дараҷаи худшиносии миллиаш ошкор мегардад. Вале набояд фаромуш кард ки «…фарҳанг ин он чӣ аст, ки одамонро муттаҳид месозад ва ҳам онҳоро аз ҳам ҷудо мекунад» (Валеретайн И.М.).

Феълан ҳамин тавр аст. Агар ҷавонон муҳоҷири иҷборӣ набошанд, онҳо имкони бо ҳамон навъи фаъолияти меҳнатие, ки барои ватанашон зарур ба кор даромадан дошта бошанд ва ин навъи фаъолиятро дониста интихоб карда бошад, хеле хуб аст. Гузашта аз ин, муҳоҷирони соҳибкасб дар коллективҳои калони меҳнатӣ бо онҳо баробар фаъолият намуда, бо мардуми бумӣ шиносу ёру рафиқ гашта, муносибатҳои неки дӯстона барқарор менамоянд. Ин бошад, ба мустаҳкамшавии муносибатҳои дӯстона табдил ёфта, робитаҳои байни ду миллат ривоҷ ва устувор мегарданд, ки онро як навъ парламенти халқӣ номидан мумкин аст. Чунин фазои маънавии дӯстона ҳам барои давлати интиқолдиҳандаи қувваи корӣ ва ҳам тарафи қабулкунанда муфид буда, боиси мустаҳкам намудани муносибатҳои некбинонаи байни миллатҳо ва давлатҳо мегардад.

Хусусияти дигари муҳоҷирати меҳнатӣ он аст, ки мутахассисони баланддараҷа дар Ватани хеш тамоми имкониятҳои касбию зеҳниашонро амалӣ сохта наметавонанд ва аз

ин хотир, рӯ ба ҳиҷрат мениҳанд. Тарафи қабулкунанда, ки ба меҳнати чунин мутахассисон ниёз дорад, барои кору фаъолияти пурсамари онҳо тамоми шароитҳои заруриро муҳайё намуда, дар ҳеҷ сатҳ ба душворӣ мутаваҷҷеҳ намешавад.

Аммо муҳоҷирони иҷборӣ, агар боз соҳиби касби муайян набошанд, аз он имкониятҳое, ки соҳибкасбон доранд, маҳруманд. Кордиҳанда ба чунин муҳоҷирон кадом кореро пешниҳод намояд, ин гуна муҳоҷирон ба хотири саргардонии камтар ба он зуд розӣ мешаванд. Чунин муҳоҷирони иҷборӣ имкони рад кардан надоранд ва табиист, ки баъди бозгашт ба Ватан ҳам чизи наве барои рушди ҷомеа пешниҳод карда наметавонанд.

Мувофиқи ҳисоботҳои оморӣ, айни замон тахминан аз 620 ҳазор (тибқи маълумоти ВКД ФР 870 ҳазор) шаҳрванди ҶТ дар ҳудуди Федератсияи Россия ба ҳайси муҳоҷири меҳнатӣ қарор доранд. Ҳамзамон, вобастагии Тоҷикистон аз маблағи муҳоҷирон сол то сол коҳиш ёфта истодааст. Аммо дар асл ҳолати воқеӣ чунин нест. Сабаби коҳишёбии интиқоли маблағҳо дар он аст, ки сокинони ҶТ кӯшиш намуда истодаанд, ки шаҳрвандии ФР-ро дарёфт карда, барои истиқомати доимӣ ба ин кишвар кӯчанд.

Дар ин раванд мақомоти расмии ФР барои муҳоҷирон як қатор имтиёзҳо ва роҳҳои сабуки гирифтани шаҳрвандиро фароҳам сохтааст. Чунин раванд метавонад дар оянда барои таъмини амнияти Тоҷикистон мушкилоти ҷиддиро эҷод кунад. Аз ҷумла:

1. Федератсияи Россия барои шаҳрвандони соҳибмаълумот, дорои касбияти баланд ва ихтисосҳои барои ҷомеа муҳимму муфид (табибон, омӯзгорони фанҳои дақиқ, забонҳои хориҷӣ, муҳандисон, олимони илмҳои техникӣ, технологӣ ва муҳандисӣ) афзалият медиҳад. Дар натиҷа, мутахассисони баландихтисос, Тоҷикистонро тарк карда раванди хуруҷи мағзҳо афзуда истодааст.

2. Теъдоди бештари муҳоҷирони тоҷик, ки шаҳрвандии ФР-ро қабул менамоянд, мардони аз 18 то 45 сола мебошанд. Ин гурӯҳи иҷтимоӣ асоси захираи эҳтиётии Қувваҳои мусаллаҳ буда, дар ҳолати зарурати сафарбарии умумӣ таъмини пурраи ҳайати шахсиро ғайриимкон мегардонад.

3. Муҳоҷирони меҳнатӣ фирефта ва пойбанди ақидаҳои ташкилотҳои террористию экстремистӣ шуда, аз тарафи душманони сохти конститутсионӣ барои хурофотзада ва ифротигардонии ҷомеаи тоҷик истифода мегарданд, ки имрӯз чунин ҳолат ҳамчун зуҳуроти муқаррарӣ дар ҷомеа ба назар мерасад.

4. Муҳоҷират ба василаи фишор ва фишанги таъсиррасонӣ ба сиёсати давлатӣ табдил дода хоҳад шуд.

5. Истиқомати доимии шаҳрвандони ҶТ дар ФР ҳаҷми воридоти пули нақдро коҳиш медиҳад ва боиси поён рафтани ММД-и кишвар ва афзоиши сатҳи таваррум мегардад, ки таҳдиди ҷиддӣ ба амнияти иқтисодӣ аст.

Бо мақсади муайянсозии вазъи муҳоҷирати меҳнатӣ, мушкилоти ҷойдошта ва тамоюли инкишофи он дарояндаи наздику дур, тибқи мушоҳидаҳо қисмати аз муҳоҷирони тоҷик маълумоти миёна ва миёнаи нопурра доранд. Сатҳи пасти саводнокии ин гурӯҳро созмонҳои ифротӣ ва террористӣ истифода карда, баъди мағзшӯйӣ қисме аз онҳоро ба сафҳои худ шомил месозанд.

Мушкилоти иқтисодӣ ва монеаҳои бюрократӣ боис гардидаанд, ки танҳо 10-12%-и муҳоҷирон иҷозатномаи корӣ гирифта, расман фаъолият намоянд. 22,5% ҳуҷҷатҳои худро ба расмият надароварда, иҷозати муваққатии истиқомат (то 3 моҳ) доранд. Онҳо дар бахшҳои гуногун ғайриқонунӣ фаъолият намуда, мунтазам мавриди таъқибу фишори мақомоти танзимкунандаи муҳоҷирати меҳнатӣ қарор мегиранд.

Муҳоҷирони меҳнатӣ ҳудуди 23%-и интихобкунандагонро ташкил медиҳанд. Ҳолати мазкурро ба инобат гирифта, саркардагон ва мубаллиғони ташкилотҳои террористию экстремистии собиқ ҲНИ ва «Гурӯҳи 24» диққати хешро ба онҳо равона сохтаанд. Дар барномаҳои иғвоангези «Садои мардум», «Минбари муҳоҷир», «Ҳақ ва ботил», «Бидуни парда», «Фардои Тоҷикистон», «Дидгоҳ», «Парандаҳои муҳоҷир» ва ғайра пайваста мушкилоти муҳоҷиронро ба таври муғризона муҳокима карда, Ҳукумати ҷумҳуриро ҳамчун сарчашмаи эҷодкунандаи мушкилоти мазкур бадном мекунанд. Бо

назардошти синну соли миёнаи муҳоҷирон (аз 22 то 35 сола), дурӣ аз хонавода, камбудии молиявӣ ва мағзшӯйӣ аз ҷониби душманони сохти конститутсионӣ, зарфияти эътирозии муҳоҷирони меҳнатӣ тамоюл ба баландшавӣ дорад. Аммо дар муқобили ин падидаи номатлуб чӣ бояд кард?

Бо назардошти муҳиммияти масъалаи муҳоҷирати меҳнатӣ, таъсири он ба иқтисодиёт ва амнияти миллии кишвар, инчунин таъмини назорати муҳоҷирон дар шароити хориҷа андешидани чораҳои зерин ба мақсад мувофиқ дониста мешавад:

1. Таъмин намудани амалисозии созишномаҳо дар хусуси муҳоҷирати меҳнатӣ, ки қаблан бо як қатор кишварҳо (Кореяи Ҷанубӣ, Олмон ва ғайра) ба имзо расидаанд.

2. Ба роҳ мондани гуфтушунид бо мақомоти дахлдори ФР ҷиҳати поён бурдани арзиши патент, иҷозатнома барои кор, низоми андозбандӣ ва дигар пардохтҳои муҳоҷирони меҳнатӣ.

3. Гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ, ташкили машваратҳои ҳуқуқии ройгон, муттаҳидсозии муҳоҷирон дар атрофи диаспораҳо ва нишон додани фаъолияти ғамхоронаи Ҳукумати ҶТ нисбат ба муҳоҷирон.

4. Аз мавқеи консулгариҳо роҳандозӣ намудани вохӯриҳои мунтазам бо муҳоҷирон, ташкил намудани рақамҳои телефони боварӣ ва кумакрасонӣ дар ҳаллу фасли мушкилоти шаҳрвандон.

5. Фаъолсозии таблиғоти корҳои анҷомдодаи сафорат, консулгариҳо ва дигар ниҳодҳои давлатӣ дар самти беҳбудӣ бахшидани шароити будубоши муҳоҷирони меҳнатӣ дар хориҷа.

Ҳукумати Тоҷикистон дар 20-30 соли охир имконияти кам кардану аз байн бардоштани муҳоҷирати маҷбурии кориро надошт. Аммо имрӯз Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми тадбирҳо ва имконоти худро ҷиҳати амалисозии барномаҳои дурнамо аз қабили коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ, кам кардани муҳоҷирати маҷбуриро зина ба зина амалӣ сохта истодааст. Барои ҳамин бо назардошти маблағи бозори меҳнати саноатӣ дар Русия ва дигар давлатҳои рушдёфта, ба монанди кишварҳои Аврупо, барои меҳнати саноатӣ омодасозии ҷавонон ҳаётан зарур аст.

Ба ҳамагон маълум аст, ки ба давлати коммунистии Чин дар ин солҳо ягон давлати пешрафта техника ва технологияи навро намедод. Бекорӣ хусусияти оммавӣ гирифт, аммо ҳукумат имкон пайдо намуда, ҷавононашро барои меҳнати саноатии истеҳсолӣ касб омӯзонида, ба хориҷи кишвар ба кор фиристод. Бисёр ҷавонони хитоӣ гӯё бо ҷурми норозигӣ аз сиёсати ҳокимияти коммунистӣ ба хориҷ асосан ба давлатҳои пешрафта ҳиҷрат намуда, он ҷо бо техникаю технологияи нав шинос шуда, як қисмашро харидорӣ намуда, ба ватанашон оварданд. Аниқтараш муҳоҷирони меҳнатиаш ба Чин техникаю технологияи навро ворид намуданд. Аз ин рӯ, дар пешрафти ин давлати бузург маҳз саҳми муҳоҷирони меҳнатиаш хеле барҷаста аст. Ин давлат баробари омӯзонидани касб ба муҳоҷирони оянда, инчунин онҳоро дар руҳияи қадру қимати миллӣ ва ватандӯстӣ тарбия намуд.

Аммо ҷавонони муҳоҷири тоҷик аксаран дар Русия ба омӯзиши идеологияи сиёсии дин ва ҳаргуна мазҳабу андешаҳои иртиҷоӣ машғул шуда, барои аз худ намудани касбу кор ва донишҳои нав, ки барои пешрафти ҷомеа ва баланд бардоштани иқтидори зеҳнӣ мусоидат кунад, андеша намекунанд. Бар замми ин, аз рӯйи надоштани дониши кофии диниву дунявӣ ба доми фиреби ҳар гуна мубаллиғони гурӯҳҳои иртиҷоӣ афтода, аз рӯйи хислати зудбоварӣ ба таври (тез) мағзшӯйӣ гардида, барои иҷрои супоришҳо, ки танҳо ба зарари онҳо мебошад, равона мегарданд.

Дар муқобили ин зуҳурот, аз рӯзи ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон беш аз 10 ҳазор ҷавонон худро барои гирифтани таҳсил ба хориҷи кишвар сафарбар намуданд, ки тақрибан 40-50%-и онҳо баъди бомуваффақ хатм намудани муассисаҳои олии кишварҳои хориҷӣ баргашта, дар идораҳову вазоратҳои давлатӣ кор ва фаъолият намуда истодаанд. Ғайр аз ин, бо роҳхати вазорату идораҳо ва дигар ташкилотҳои давлатии кишвар дар давоми панҷ соли охир зиёда аз чор ҳазор намояндагони миллати тоҷик барои таҳсил ва такмили ихтисос ба кишварҳои хориҷӣ

равона гардиданд, ки дар айни ҳол баъд аз хатми муассисаҳои олӣ дар соҳаҳои гуногуни кишварамон фаъолият намуда, таҷрибаи пешқадами давлатҳои тараққикардаро амалӣ сохта истодаанд [3].

Аз рӯйи мушоҳидаҳои муҳоҷирони меҳнатии собиқадори тоҷик, айни замон, дар масҷидҳои Маскав баҳсҳои салафиву алавиву ғайра оғоз карда шудааст. Дар масҷиде, ки намояндагони миллати тотор ва дигарон имомхатибӣ мекунанд, ба тоҷикон бо шубҳа менигаранд. Чаро дар ин бора касе чизе намегӯяд? Баръакс, кадомаш бо ифтихор менависад, ки дар масҷидҳо муаззину имомхатибҳои тоҷик зиёд шудаанд. Не, ин мояи ифтихор нест! Чунин пешаҳо барои муфтхӯронанд, барои ҳамин ба тоҷикон расидаанд. Ин нишонаи он аст, ки бо вуҷуди мавҷудияти созмонҳои гуногуни аз ҳисоби муҳоҷирон зиндагикунанда ҳеҷ кадом доир ба ояндаи миллат андеша намекунад.

Аз тарафи дигар, агар дар ҷавонон ҳиссиёти миллӣ, нангу номуси миллӣ ва худшиносии миллиро бедор менамудем, онҳо ба қувваи бузурги миллӣ табдил мееёфтанд. Дар ин кор саҳми диаспораҳои тоҷик нақши калонро мебозад.

Доштани шуури миллӣ ба ҳар фард, новобаста аз оне ки дар кадом давлате меҳнат накунад, имкон медиҳад, ки ба манфиати миллати хеш, баланд бардоштани эътибори миллиаш талош варзида, муаррификунандаи сифатҳои беҳтарини миллаташ бошад. Ҳамзамон, чунин сифат эътимоди мардуми бумиро бо муҳоҷирони меҳнатӣ афзуда, ба онҳо некбинона назар менамояд. Хусусан, дар баробари ахлоқи ҳамида, муҳоҷир соҳибкасби варзида бошаду дар адои кор масъулиятшинос,бешак, муносибатҳои маданӣ-иҷтимоии ду миллат дар доираи байнидавлатӣ ҳам сифати нав мегирад.

Аз ин рӯ, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Кумитаи кор бо ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ташкилоту мақомоти ба муҳоҷирон сарукордоштаро месазад, то интиқоли хоҳишмандони муҳоҷират на танҳо ба онҳо касб омӯзонанд, балки машғулиятҳои хештаншиносиро низ васеъ ба роҳ монанд.

Танҳо бо воқеият нигаристан итмоми масъала нест. Раванди муҳоҷират дар назди давлат вазифа мегузорад, ки барои боз ҳам камтар намудани паёмадҳои манфии он тадбирҳо ҷуста, ба самти мақсаднок ва ҳадафмандона равон намудани неруи муҳоҷирон талош намояд. Зеро аҳамияти масъалаи мазкур барои ояндаи давлатдории миллии тоҷикон аз чор самти стратегии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон – раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, расидан ба истиқлоли энергетикӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва рушди босуръати саноатикунонии кишвар камтар нест. Яъне, сиёсати давлатӣ дар самти муҳоҷирати меҳнатӣ бояд ба афзалиятҳои пазируфташудаи стратегии кишвар мубаддал гардад.

Амалкардаи солҳои ахири Ҳукумат вобаста ба низоми ягона ворид намудани мудирияти раванди муҳоҷират далел ба он аст, ки дар сатҳи роҳбарияти давлат нисбат ба ин масъала таваҷҷуҳи хосса зоҳир мешавад. Дар ин самт қадамҳои ҷиддие гузошта шудааст. Қарордоде, ки ахиран бо Русия ба имзо расид, ба будубоши муҳоҷирон дар ин давлат сабукиҳое меоварад. Аммо рад кардан ҳам намешавад, ки масъалаҳои ҷиддитаре дар сатҳҳои поёнии идоракунӣ ва ҷомеа оид ба раванди муҳоҷират вуҷуд дорад, ки давлат вазифадор аст, ки ба он низ таваҷҷуҳ намояд.

Ба монанди ин афзоиши оилавии ба муҳоҷират рафтан, дар оянда бо нафақаи арзанда таъмин нагардидани муҳоҷирон, дар руҳияи берун аз арзишҳои миллӣ ташаккул ёфтани ҷавонҳо ва амсоли ин аз падидаҳои манфие мебошанд, ки рӯйи он таваҷҷуҳ зоҳир накардан, баробар ба бетаваҷҷуҳӣ нисбат ба оянда хоҳад мебошад.

Дар навбати худ, пешбинӣ мешавад, ки дар ояндаи наздик дар даҳаи чаҳорум ва панҷуми давлатдории миллии тоҷикон аз паёмадҳои раванди муҳоҷират метавон ба нафъи давлат истифода кард. Аммо он ба чигунагии муносибати имрӯзаи давлат ба раванди муҳоҷират вобаста мебошад, то ба чунин натиҷа даст ёбем, яъне танҳо дар ҳолати муносибати давлатмеҳварона ба раванди муҳоҷират дар оянда имкони аз он ба нафъи миллат истифода намудан пайдо мешавад ва таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон додааст, ки муҳоҷират барои такони чашмгири давлатҳо мусоидат кардааст.

Пешбинӣ мешавад, ки раванди муҳоҷират метавонад дар Тоҷикистон барои ташаккули қишри миёна замина бигузорад. Агар ба таърихи ҳудуди сад сол қабли раванди муҳоҷират дар кишварҳои осиёӣ, аз ҷумла Чину Филиппин, назар афканем, муҳоҷират тавонистааст, дар ин кишварҳо таҳаввулоти фикриву фарҳангӣ низ ба миён оварад. Масалан филиппиниҳое, ки ба муҳоҷират рафтанд, худашон ва ё фарзандҳояшон билохира ба ватан баргаштанд, ки ба нумуи минбаъдаи давлат асос гузоштанд.

Дар даҳаҳои оянда, қишри ташаккулёфтаи насли муҳоҷирони тоҷик ногузир ба ватан бармегарданд. Табақаҳои фарҳангии миллати тоҷик заиф нест ва он таъсир мегузорад, ки насли дар муҳоҷират русмаоб ҳам бошад, фарзанд тоҷикияти худро коркард мекунад ва дар арзишҳои миллӣ бештар дар хориҷ зоҳир мешавад. Барои дар руҳияи миллӣ ҳифз намудани муҳоҷирон доштани робитаи мустақим бо онҳо муҳим аст. Имконоти асри имрӯз мусоидат мекунад, ки бо истифода аз расонаҳову шабакаи Интернет пайвандии муҳоҷирон бо фазои нисбатан миллиро таъмин кард.

Ниҳодҳои зарурии давлатро зарур аст, ки бахри кам намудани паҳлуҳои манфии раванди муҳоҷират, таъмини некӯаҳволии пайвандони муҳоҷирон дар ватан, барои гусаста нагардидани муҳоҷирон аз ватани аҷдодӣ, барои бештар кардани паҳлуҳои мусбати раванди муҳоҷират ва дарояндаи наздик канда нашудани пайванди наслҳои муҳоҷирон бо миллат ба масъалаҳои зерин таваҷҷуҳ намояд:

– аз тарафи ҷамоатҳо, кумитаҳои маҳаллӣ, роҳбарони динӣ ва муҳоҷир, оилаҳои онҳо дар масъалаҳои ахлоқӣ, зарурати масъулиятнокӣ дар тарбияи ахлоқию маънавӣ ва моддӣ, инчунин дастгирии ҳамаҷонибаи онҳо зарур шуморида мешавад;

– аз тарафи сохторҳои соҳаи тиб бо ҷалби созмонҳои байналмилалӣ таъмин намудани миқдори зарурии лавозимоти дахлдор барои ташхис, пешгирӣ ва табобати бемориҳои сироятӣ мебошад;

– вобаста ба муҳиммияти масъала дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ муваззаф гардидани яке аз муовинони раис маҳз ба масъалаи муҳоҷирати меҳнатӣ, ки ҳатто имкон дошта бошад, ки дар сатҳи роҳбарони ҳамсонаш дар Русия ва дигар кишварҳои қабулкунандаи муҳоҷират қарордод барои таъмини ҷойи кор баста тавонад, зарур мебошад;

– аз тарафи муассисаҳои давлатие, ки ба масъалаи шуғл ва муҳоҷирати меҳнатӣ сарукор доранд, гузаронидани мониторинги бозори меҳнат дар хориҷи кишвар бо мақсади муайян намудани шумора ва намудҳои зарурии касбҳои коргарӣ; инчунин муайян намудани талаботи ҷавонон, вазъи воқеии шуғл ва тарзи зиндагии онҳо дар хориҷ бо мақсади дастгирӣ, кумак ва баланд бардоштани малакаҳои касбии онҳо мувофиқи мақсад дониста мешавад;

– таҳияи Барномаи давлатӣ дар бораи омодасозии мардуми манфиатдор ба муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ, ҳифзи иҷтимоии онҳо ва қабули қарори махсуси Ҳукумат дар бораи масъулияти ҳукуматҳои маҳаллӣ ва ҷамоатҳо дар назди оилаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ (масоили таълиму тарбия, ахлоқу маънавият ва саломатии онҳо) ба нафъи кор мебошад;

– пешниҳоди тавсияҳо барои истифодаи самараноки маблағҳои аз муҳоҷират интиқолшаванда аз ҷониби мақомоти иҷроия ва ҷамоатҳо, бо додани имтиёзҳо барои ҷалби муҳоҷирон дар соҳибкории хурд ва миёна зарур шуморида мешавад;

– тақвият бахшидани раванди танзими давлатӣ ва кам намудани муҳоҷирати ғайримуташаккилона;

– истифода бурдан аз зарфиятҳои зиёиён, аҳли илму эҷод ва руҳониёни суннатӣ барои барҳам задани ихтилофҳои мазҳабӣ ва маҳаллӣ дар миёни муҳоҷирон.

Хулоса, доштани зиндагии шоиста ҳақи ҳар сокини Тоҷикистон аст. Барои дастёб шудан ба он давлат мусоидат намояд, ки аслҳои инсониву демократӣ ба мисли ҳуқуқу озодиҳои инсон, иззату эҳтироми ӯ ва амсоли инҳо волотарин арзиш бошанд. Тавре Сарвари давлат дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ таъкид доштанд, ки ҳадафи аслии мо расидан ба сатҳи шоистаи зиндагӣ ва шароити мусоиди иҷтимоӣ барои ҳар фарди ҷомеа мебошад. Дар сурати талоши ҳамагонӣ, албатта мо ба он хоҳем расид.

Маҳз бо пешгирии сиёсати иҷтимоии инсонмеҳвар, ки инсон дар маркази он қарор дорад, дар марҳилаи нав давлат талоши онро хоҳад кард, ки мардуми шарифи Тоҷикистон бояд худро дар ватани худ соҳиби иззату эҳтиром ва мавриди ғамхории ҳамаҷониба бинад, татбиқи ҳуқуқу озодиҳояшро эҳсос намояд, зиндагии шоиста дошта бошад.

Зарурияти нигоҳ доштани бақои миллат ва солимии он, бо назардошти кам гаштани талабот ба муҳоҷирони меҳнатӣ дар Аврупо аз як тараф ва авҷ гирифтани ихтилофи байни давлатҳо барои дастёбӣ ба манбаъҳои ашёи хом аз ҷониби дигар, инчунин ба бозори бе ҳамин ҳам ками меҳнат дар Тоҷикистон ворид гаштани чиниҳо ва афзоиши шумораашон дар кишвари мо хавфи навро эҷод менамояд. Ин давлати абарқудрат бо роҳи воридсозии шаҳрвандонаш ба ҳайси коргар ва издивоҷи онҳо бо занону духтарони тоҷик нақшаи дурнамои сиёсиашро татбиқ менамояд, ин бошад, барои давлату миллати тоҷик хеле хатарнок аст.

Сарвари давлат дар ҳар мулоқоташ бо соҳибкорон нақши бештар дар рушди саноат ва афзун намудани ҷойҳои корӣ доштанро талаб менамояд, ки он боиси «…бунёди ҷойҳои нави корӣ» гардад. Ба андешаи хирадмандонаи Сарвари давлат соҳибкорони худогоҳи миллӣ метавонанд барои ҳамватанони хеш пай дар пай ҷойҳои нави корӣ муҳайё намоянд. Маҳз талоши соҳибкорони ватанӣ бо дастгирии давлат имкон доранд барои ҳар чӣ зудтар ба Ватан баргардонидани ҷавонони муҳоҷир ва бо кор таъмин намудани онҳо саҳмгузор бошанд.

Фаромӯш набояд кард, ки давлатҳои абарқудрат мубодилаи баробарсудмандро намехоҳанд. Аз ин рӯ, онҳо бо ҳар роҳу усул аз ҷумла, бо роҳи таъсири биологӣ, кимиёвӣ, физикӣ, ҷангандозӣ ва ғайра шумораи аҳолии кишварҳои қафомондаро кам мекунанд.

Барои он ки миллат худро аз вобастагӣ ба бозори меҳнатии дигар халқҳо, аз таъмини озуқаю маводи сӯхт ва маҳсули зеҳнии халқҳои дигар каме камтар намояд, аз худ намудани навтарин дастгоҳҳои илмӣ-техникӣ, дастрасӣ ба технологияи нав, тавассути дониши амиқи илмҳои ҳозиразамон ва ҳифз намудани амнияти миллӣ шарти зарурӣ мебошад.

**АДАБИЁТ:**

1. Маҷаллаи Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. «Дониш». – Душанбе 2016. – №1 (241).
2. Переведенцев В.И. Методы изучения миграции населения. – Москва, 1975.
3. Р.Улмасов, Н.Курбанов. Проблемы миграции и пути их решения в рамках интеграционных объеденений. – Душанбе, 2015. – №6 (98).
4. Муҳаммад А.Н., Сафарализода Х.Қ. Амнияти миллӣ. Воситаи таълимӣ. – Душанбе, 2019. – 226с.
5. Раванди муҳоҷират: воқеият ва паёмадҳои он. [Сарчашмаи электронӣ] URL: https://tj.allinweb.info/demografiyatj/2297/ (санаи муроҷиат 12.06.2024).
6. Ҳақназаров У.Н. Аброров А. П. Назария ва методологияи муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2019, 35с.
7. Ҳақназаров У.Н., Аброров А. Афзоиши аҳолӣ ва баъзе масъалаҳои демографию муҳоҷирати меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2019, 82с.

ИЛМҲОИ ФАЛСАФӢ-ФИЛОСОФСКИЕ НАУКИ-PHILOSOPHY SCIENCES

УДК: 1Ф

# МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ ОҒОЗИ ИНҚИЛОБИ ФИКРӢ ВА РОҲ БА СӮЙИ ТАБАДДУЛОТИ БУЗУРГИ ТЕХНОЛОГӢ

**АМИНОВ Ф.А.**[1]
**СОДИҚОВ Ҳ.Х.**[2]

[1]*Номзади илмҳои фалсафӣ, дотсент, ходими пешбари илмии Институти илмӣ-таҳқиқотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

[2]*Номзади илмҳои биология, дотсенти кафедраи экологияи факултаи биологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

*Дар мақола зикр мегардад, ки фаъолияти давлат бештар ба ҳолати шуури ҳуқуқии шаҳрвандони он вобаста аст. Муаллифон ба муқаррароти (постулати) файласуфи бузург И.А. Илин "халкро мебояд боифтихор қонунҳои кишвари худро донад" ва "ҳуқуқ ба забони шуур ҳарф мезанад ва ба мавҷудоти бошуур муроҷиат мекунад" истинод намуда, андеша доранд, ки мушкилоти маърифат ва тарбияи ҳуқуқӣ воситаи зарурии ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ аст. Объекти таҳқиқот шуури ҳуқуқии ҷавонон ва предмети таҳқиқот бошад, асосҳои назариявӣ ва амалии ташаккули шуури ҳуқуқии ҷавонон дар шароити тағйирёбии низоми ҳуқуқии Тоҷикистони муосир ба шумор меравад. Маърифати ҳуқуқӣ яке аз шаклҳои шуури ҷамъиятӣ буда, маҷмуи ақида, эътиқод, эҳсос ва таҷриба, эҳсос дар бораи ҳуқуқ ва нақши он дар ҷомеа мебошад. Маърифати ҳуқуқӣ унсури асосии фарҳанги ҳуқуқӣ мебошад. Муаллифон ақида пеш мегузоранд, ки ташаккули маърифати ҳуқуқӣ вазифаи мустақили тарбияи ҳуқуқии муассисаҳои маориф, мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва кулли ҷомеа хоҳад буд.*

**Калидвожаҳо:** *ҳуқуқ, шуури ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ, маърифати ҳуқуқӣ, воқеияти ҳуқуқӣ, рафтори ҳуқуқӣ, арзишҳо, озодӣ, шахс, идеология.*

# ПРАВОВОЕ ПОЗНАНИЕ НАЧАЛА ИНТЕЛЕКТУАЛЬНОЙ РЕВОЛЮЦИИ И ПУТЬ К ВЕЛИКИМ ТЕХНОЛОГИЧЕСКИМ СВЕРШЕНИЯМ

**АМИНОВ Ф.А.**[1]
**СОДИКОВ Х.Х.**[2]

[1]*Кандидат философских наук, доцент, ведущий научный сотрудник Научно-исследовательского Института при Таджикском национальном университете*

[2]*Кандидат биологических наук, доцент кафедры экологии биологического факультета Таджикского национального университета*

*В статье отмечается, что успешное функционирование государства во многом зависит от состояния провового сознания его граждан. Авторы, опираясь на постулат великого философа И.А.Ильина о том, что "народу необходимо достойно знать законы своей страны» и «право говорит на языке сознания и обращается к сознательным существам», считают проблемы правового просвещения и воспитания необходимым средством формирования правовой культуры. Объектом исследования является правовое сознание молодежи и предметом исследования выступают теоретические и практические основы процесса формирования правового сознания молодежи в условиях трансформирующейся правовой системы современного Таджикистана. Правопознание – одна из форм общественного сознания, представляющая собой совокупность взглядов, убеждений, эмоций, опыта и мотивации чувств о праве, их роли в обществе. Правопознание является составным элементом правовой культуры. Авторы считают, что формирование правового познания является самостоятельной правовоспитательной функцией образовательных учереждений, органов госудрственной власти и общества в целом.*

**Ключевые слова**: *право, правосознание, правовая культура, правовое познание, правовая реальность, правовое поведение, ценность, свобода, личность, идеология.*

## LEGAL KNOWLEDGE OF THE BEGINNING OF THE INTELLECTUAL REVOLUTION AND THE PATH TO GREAT TECHNOLOGICAL ACHIEVEMENTS

**AMINOV F.A.[1]**
**SODIKOV H.H.[2]**
[1]*Candidate of Philosophy* sciences*, associate professor, leading researcher at the Research Institute at the Tajik National University*
[2]*Candidate of Biological Sciences, associate professor of the Department of Ecology of the Tajik National University*

*The article notes that the successful functioning of the state largely depends on the state of the legal consciousness of its citizens. The authors, relying on the postulate of the great philosopher I.A.Ilyin that "the people need and deserve to know the laws of their country" and "law speaks the language of consciousness and addresses conscious beings" consider the problem of legal education and upbringing to be necessary means of forming a legal culture. The object of the study is the legal consciousness of youth and the subject of the study is the theoretical and practical foundations of the process of forming the legal consciousness of youth in the conditions of the transforming legal system of modern Tajikistan. Legal knowledge is one of the forms of public consciousness, which is a combination of views, beliefs, emotions, experience and motivation, feelings about law, its role in society. Legal knowledge is an integral element of legal culture. The authors consider that the formation of legal cognition is an independent legal-educational function of educational institutions, state authorities and society as a whole.*

**Keywords:** *law, legal consciousness, legal culture, legal consciousness, legal reality, legal behavior, value, freedom, personality, ideology.*

Донишҳои ҳуқуқӣ таассурот ва тасаввуроти инсонро дар алоқамандӣ ба ҳаёт, ба асрори зиндагии фардию ҷамъиятӣ афзун сохта, имкон медиҳанд, ки инсон амиқтару аниқтар ва муҳимтар аз ҳама, дуруст ва оқилона рафтору амали хеш ва дигаронро баҳогузорӣ намояд. Донишҳои ҳуқуқӣ на танҳо ҷаҳонфаҳмӣ ва ҷаҳондониро васеъ месозанд, балки имкон медиҳанд, ки инсон боэътимод ва устуворона дар ҳаёт қадам занад. Ин донишҳо ба инсон дар роҳи ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои хеш ва дифои манофеи ҷомеаю давлат кумак хоҳанд кард. Мусаллаҳ шудан ба донишҳои ҳуқуқӣ марҳилаи муҳимми ташаккули маърифати ҳуқуқӣ буда, дар фазои муносибатҳои ҷамъиятӣ ба пойдор ва устувор шудани шуури ҷамъиятӣ мусоидат менамоянд. Дар адабиёти ба назарияи давлат ва ҳуқуқ бахшидашуда шуури ҳуқуқӣ маҷмуи идея, ақидаю андеша, таассуроту эҳсос ва ҷаҳонбинӣ аст, ки муносибати одамонро ба зуҳуротҳои ҳуқуқии ҳаёти ҷамъиятӣ ифода менамоянд [11, 126-160]. Шуури ҳуқуқӣ дар баробари шаклҳои дигари шуури ҷамъиятӣ чун ахлоқ, дин, санъат, сиёсат ва ғайра, қисмати таркибии ҷаҳонбинии инсонро ташкил дода, дар марҳилаҳои хоси таърихи инсоният аҳамияти воло ва нақши ҳалкунандаеро барои инкишофи фарҳангии инсоният, барои тараққиёти иҷтимоию иқтисодии ҷамъият, касб кардааст. Иҷтимоӣ шудани ҳама гуна ҷомеаи инсонӣ пеш аз ҳама ба огоҳии ҳуқуқӣ ва таъмини принсипҳои озодии инсон алоқаманд аст. Шуури ҳуқуқӣ бунёди мантиқӣ, психологӣ ва иҷтимоии назару ақидаи инсон дар бораи воқеияти ҳуқуқӣ ва маърифати озодии инсон мебошад. Озодии инсон маҳз дар доираи устувор будани низоми сиёсӣ-ҳуқуқӣ ва нерӯманд будани ҷомеаи ҳуқуқбунёд муяссар мегардад. Ба онҳое, ки аз инкишофи таърихии ҷомеаи инсонӣ огоҳанд, маълум аст: аксари нобасомониҳо, исёну инқилобҳои иҷтимоӣ бар асари носозгориҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, беадолатӣ ва пахши одитарин ҳуқуқҳои инсонӣ ба амал омадаанд. Марҳилаи аввали ҷомеаи ҳуқуқбунёд фаро гирифтани қишрҳои гуногуни ҷомеа ба маърифати ҳуқуқӣ, таъмини оддитарин унсурҳои адолати ҳуқуқӣ ва озодиҳои инсон аст. Дар раванди ташаккул ва инкишофи ҷомеаҳои тозаистиқлол маърифати ҳуқуқӣ омили муҳимми худшиносии миллӣ, хештаншиносӣ ва дарёфти ҳувияти бошарафонаи инсонӣ

хоҳад буд. Маҳз дар фазои маърифат ва огоҳии ҳуқуқӣ инсон аз озодии хештан огоҳ шуда, ба ҳимояи соддатарин ҳаққи инсонӣ ва иҷрои вазифаҳои шаҳрвандиаш оғоз мекунад. Ҷамъи тасаввуроту андеша, тафаккуру ҷаҳонбинии ҳуқуқӣ, низоми муайяни назарияву амалияи ҳаёти ҳуқуқӣ, сатҳи огоҳию маърифати ҳуқуқии ҷомеа фарҳанги ҳуқуқиро ташкил мекунад, ки вобаста ба марҳилаҳои муайяни таърихӣ моҳияту мундариҷаи хосеро касб мекунад. Ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ яке аз вазифаҳои мубрами замони Истиқлоли миллӣ ва марҳилаи эъмори ҷомеаи ҳуқуқбунёд аст. Раванди устувор шудани фарҳанги ҳуқуқӣ марҳилаҳои дурударози таърихиро дар бар гирифта, принсипи меросияти фарҳанг аҳамияти хосеро касб мекунад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккули фарҳанги ҳуқуқие, ки ҷавобгӯйи воқеияти замони муосир ва анъанаҳои таърихист, вазифаи муҳимму мубраме хоҳад буд. Анъанаҳои таърихӣ мероси идеявӣ-назариявие халқамон аст, ки аксарияти муҳаққиқони назарияи давлат ва ҳуқуқ омӯхтан ва холисона арзёбӣ намудани онро тавсия медиҳанд [13]. Чунин нуқтаи назар далели таърихӣ ва бунёди назариявӣ дорад. Гузаштагони мо ба дарки озодӣ, ба маърифати принсипи инкишоф, ки қадами аввал дар роҳи фарҳанги ҳуқуқӣ аст, ҳанӯз дар замони бостон рафта расидаанд. Дар аввали асри XIX файласуфи бузурги олмонӣ Георг Гегел дар асари “Фалсафаи таърих” мақоми хоси тоҷиконро дар таърихи умумиҷаҳонӣ зикр намуда, дар муқоиса ба афкори халқҳои дигари бостонӣ – чун чиниҳою ҳиндуҳо тоҷикон-форсҳоро халқе медонад, ки ба дарки принсипи инкишоф расидаанд: «Форсҳо аввалин халқи таърихиянд. Персия нахустин давлати азбайнрафта аст. Ин ҷо, дар Персия, бори аввал рӯшноӣ пайдо шуд, ки он бо дигар ранг, бо ранге равшанӣ медиҳад, ки онро нахуст Зардуштия барафрӯхт ва он ба олами маърифати рух, ки робитаи фарққунанда дорад, мансуб аст. Дар давлати форсӣ мо ваҳдонияти ботинияташ неку муътабарро ҳамчун нахустмабдае мебинем, ки озодии алоҳидаи фардро фарогир аст. Рӯшноӣ фарқиятро намедонад. Офтоб ҳам барои одилону адолатхоҳон ва ҳам барои ноодилон, ҳам барои олимартабаҳо ва ҳам барои тобеон баробар нур мебахшад ва ба ҳамагон як хел саховату некӣ дорад. Принсипи инкишоф дар таърихи Персия ҳувайдо мегардад ва аз ин рӯ, таърихи умумиҷаҳонӣ, хулласи гап, аз таърихи он шурӯъ мешавад. Зеро манофеи кулли рух дар он аст, ки то ҳадди беохир вориди ботину ҳастии субъективияти хеш гашта, тавассути тазоди мутлақ созиш ба даст оварад. Кулл дар Персия зуҳур мешавад ва ба шарофати он индивидуум шурӯъ ба фарқ намудани хеш аз кулл мекунад ва дар як вақт хешро бо он омезиш медиҳад. Дар принсипи чинию ҳиндӣ чунин фарқгузорӣ нест ва он ҷо танҳо ягонагии мабдаи руҳию табиӣ рух медиҳаду халос” [2, 209]. Гегел вассофи озодӣ ва тараннумгари хулқияту хиради эъҷозгару оламафрӯз аст. Дар фалсафаи ӯ идеяи озодӣ меҳвари истиқрори инсониятгароӣ ва маҳаку аслияти худшиносии инсон аст. Гегел қотеъона арз медорад, ки ориёиҳои бостон ба дарки моҳияту арзиши озодӣ ва тавсифи ҳуқуқи дахлнопазири инсон шарафёб шудаанд. То замони Гегел мутафаккирони дигари аврупоӣ, бахусус Иоҳанн Гердер хулқияти форсҳоро интиқод намуда, минтақаи зисти ориёиҳои бостониро тавсиф накарда, нисбати гузаштагони мо назари хело ҳам манфӣ ва ғайриқобили эҳтиромро баён мекунанд [3,149-150]. Вақте Гегел доир ба ватани Ориёнҳо ҳарф мезанад, гумон меравад, ки ӯ дар муқаррар намудани минтақаҳои бостонии ориёӣ иштибоҳ намекунад. Аз нигоҳи ӯ «Дар болооби дарёи Окс (Омӯ), шаҳри Бактра (Бохтар) воқеъ буд, ки эҳтимол меравад Балхи имрӯза бошад. Худи Зороастр ин кишварро Арианна мегӯяд» [4,212]. Маълумотҳои дусад сол пештар пешниҳод намудаи Гегел ба таҳқиқотҳои ҳозираи илмӣ хело наздиканд ва барои тақвияту тасдиқи ин андеша аз китоби шашҷилдаи «Таърихи Шарқ», (таҳти таҳрири А.Б. Рыбаков) иқтибосе меорем:« ...аз лиҳози ҳудуди ҷуғрофӣ Авестои хурд ва диалекти авестоӣ – ватани зороастризмро на дар шимолу шарқи Эрон, балки дар вилоятҳои ҳамсоягии Осиёи Миёна ва Афғонистон бояд ҷуст» [6,264].

Идеяи озодӣ ва маърифати пешрафти (прогресси) таърихӣ ба туфайли мавҷуд будани низоми муайяни сиёсӣ ва барқарор будани маърифати ҳуқуқӣ муяссар мегардад. Дар таърихи умумиҷаҳонӣ навишта мешавад, ки «Сокинони он ҷо яке аз аввалин шуда ба пешрафти таърихӣ қадам зада, ҳанӯз дар ҳазорсолаи сеюми то милод хурофоти хеш ва

иттиҳоди давлатии хешро доштанд» [1, 225]. Озодӣ ва қобилияти ба даст овардани маърифати ҳуқуқу озодиро ба марҳилаҳои дар амал татбиқ шудани Рӯҳи ҷаҳонӣ тобеъ намуда, Гегел иродаи озоди ориёнҳои қадимро ситоиш мекунад. Ва ин нуқтаи назари ӯ новобаста ба он ки дар низоми афкори идеализми объективӣ баён шуда буданд, сазовори эътирофи муҳаққиқони оянда гаштанд. Ба тақвияти назари ӯ, муаллифони «Таърихи умумиҷаҳонӣ» менависанд: «Инсон аз рӯйи таълимоти Зардушт иродаи озоди хешро соҳиб аст ва метавонад байни Некию Бадӣ чизеро интихоб кунад» [13,230]. Ҳамин тавр, идея дар хусуси он ки меросиятро дар инкишофи фарҳанги ҳуқуқӣ эҳё намуда, мероси бои идеявӣ-назариявии гузаштагонамон бодиққат арзёбӣ шавад, мавзуи саривақтӣ ва тақозои замон аст. Файласуфи рус, илоҳиётшинос И.А. Илин андеша пеш мегузорад, ки “Халқро мебояд боифтихор қонунҳои кишвари худро донад, ин ба таркиботи ҳаёти ҳуқуқӣ дохил мешавад. Ҳуқуқ ба забони шуур ҳарф мезанад ва ба мавҷудоти бошуур муроҷиат мекунад. Ҳуқуқ тасдиқ ва инкор намуда, тавсифу тасвиб карда, ба хотири он ки одамон бидонанд: чӣ тасдиқ шудаю чӣ инкор шудааст, талабот пеш мегузорад, то ки тақозои таҳияшударо маърифат бисозанд”. Ва дар асари “Доир ба моҳияти шуури ҳуқуқӣ” се аксиомаи шуури ҳуқуқӣ, аз қабили “қонуни эътирофи ҳамдигарӣ”, “қонуни мухторият” ва “қонуни шарофатмандии маънавӣ”-ро ном мебарад [5,217]. Раванди маърифати ҳуқуқӣ бидуни қабули қонунҳои мувофиқ ва дастрас шудани он ба маълумоти шаҳрвандон ғайриимкон аст.

Масъалаи огоҳии ҳуқуқии шаҳрвандон ҳамеша дар мадди назари Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад. Ҳанӯз дар оғози Паёми аввал – 30-юми апрели 2001, зарурати омода сохтани Кодекси мурофиавии ҷиноятиро ба миён мегузоранд, ки бидуни қабули он татбиқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз соли 1998 қабул шуда буд, боиси рӯй додани ғалатфаҳмиҳо дар фаъолияти мақомоти дахлдор мешуд. Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15-уми апрели 2009 гуфта мешавад, ки риояи қатъии муқаррароти Қонун доир ба танзими расму оинҳои мардумӣ дар давоми як солу нуҳ моҳи амали Қонун сабаби сарфа шудани 2 миллиарду 800 миллион сомонӣ шудааст. Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20-уми апрели 2011 зикр мегардад, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон ҷавҳари асосии сиёсати давлатро ташкил медиҳад. Вале амалӣ намудани ин ҳадафҳои олӣ бе қонунҳои муосири ҷавобгӯйи талаботи ҷомеаи демократӣ ва танзимкунандаи фаъолияти бонизоми мақомоти давлатӣ ғайриимкон аст. Воқеан, танҳо дар фазои муносибатҳои солими ҷамъиятӣ, ки онро давлати ҳуқуқбунёд устувор месозад, имкони татбиқи қонунҳои ҷавобгӯйи ҷомеаи демократӣ ба амал меояд. Оромию осудагии ҷомеаро давлат бо қабул ва татбиқи қонунҳои мувофиқ ба ҷомеаи демократӣ таъмин намуда, амнияти кишвар ва осудагии халқро устувор месозад. Чуноне ки профессор С.Ятимов таъкид мекунад: “Дар ҳама давру замон масъулияти таъмини системаи амният ва суботи ҷомеа бар дӯши давлат аст. Онро ҳамчун организми ягонаи зиндаи миллат дар фазо ва вақт донистан мумкин аст” [15,11]. Давлат муносибатҳои ҷамъиятиро идора намуда, озодии инсон ва риояи ҳуқуқи ӯро муҳайё месозад. Давлат вазифаи ҳаётан муҳимми идоракунии ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангиро пеш бурда, оромию осудагиро таъмин намуда, муташаккилият ва тартиботро дар ҷомеа таъмин менамояд. Муҳимтарин муносибатҳои ҷамъиятӣ тавассути ҳуқуқ, муқаррарот, дастурамал, манъкунӣ ва иҷозатномаҳо ба танзим дароварда мешаванд. Аз ин рӯ, давлат ва ҳуқуқ ба қатори дастовардҳои фарҳангии инсоният дохил мешаванд [13,75].

Инсоният ҳанӯз дар замони бостон ба хотири ташаккули фаҳмиши қонунҳо ва эҳсоси масъулият дар назди вазифаҳои шаҳрвандӣ кӯшишҳо анҷом додааст. Мутафаккирони замони бостон равшании фикр ва огоҳӣ аз воқеияти ҳаётиро қадами устуворонаи зиндагӣ эълон доштаанд. Дар фаҳмиши Демокрит ашё аз худ эйдосҳоро берун сохта, бо таъсири онҳо эҳсосу идрок рӯй мезананд ва ба туфайли он шуур ташаккул меёбад. Маърифатро ӯ ба а) маърифати воқеию ҳақиқӣ ва б) маърифат

тавассути фикру андеша тақсим мекунад. Маърифати ҳақиқиро ӯ маърифати равшан ва маърифатеро, ки аз мавқеи фикру андеша меояд, торик меномад.Маърифати аввал натиҷаи фаъолияти ақлу хирад ва маърифаи дуюм, натиҷаи амали узвҳои ҳис ва таассуроти ҳиссӣ ҳастанд. Маърифати ҳақиқӣ танҳо тавассути ақл муяссар мешавад. Демокрит андеша дорад, ки қонун зарур аст то барои ҳаёти хушбахтонаи одамон ёрӣ расонад, аз ин рӯ тобеият ба қонун – гувоҳи накӯандешии инсон аст. “Қонун мехоҳад ҳаёти одамонро хубтар ба роҳ монад.” Аммо ин корро ҳамон вақт анҷом дода метавонад, ки “агар одамон худашон зиндагии хубро ихтиёр кунанд, зеро қонун татбиқи накӯи худро дар ҳамоне зоҳир месозад, ки ӯро итоат намояд. Ба ғайр аз ин, “шарти одоб тақозо мекунад, ки қонун, ҳукумат ва афзалияти ақлро тобеъ бошед” [8]. Дар таълимоти Афлотун инсон қабл аз он ки ба олами тасаввуршаванда, олами мушоҳидашаванда биёяд, дар олами абадии қудсӣ донишу маърифатеро соҳиб буд, ки инсон бо ёрии анамнесис (ёдоварӣ) (дар диалогҳои “Менон” 81 е, Федон, 72 е) онро маърифат хоҳад намуд.

Маърифати ҳуқуқӣ ифодакунандаи шуури ҳуқуқӣ буда, эҷод шудан, ташаккул ёфтан ва татбиқи ҳаётии он марҳилаи муайяни фарҳанги ҳуқуқиро муаррифӣ менамояд. Ҳар қадами дигаргунсозандаи инсон ба хотири инкишоф ҳиссаи нотакрори ӯ дар фарҳанги умумиҷаҳонӣ аст. Ҳар инқилобу ҳар табаддалоти иҷтимоӣ аз табадулотҳо дар афкори инсонҳо оғоз шуда, тамоми инқилобҳои илмию технологӣ аз инқилобҳои фикрӣ оғоз шудааст. Ва бо итминони комил арз медорем, ки дар меҳвари инқилобҳои фикрӣ маърифат ва афкори пешқадами ҳуқуқӣ қарор дорад. Инро мо дар раванди табаддулотҳои бузурги асрҳои XVII-XVIII мебинем, ки маҳз эҷод шудани низомҳои муайяни ҳуқуқию сиёсӣ ба пешравии ҷомеа, ба ҳаракати босуръати илму технология бурда расонд. Муҳимтарин мавзуи мутафаккирони озодандеши аврупоии Замони Нав мақоми инсон дар ҷомеа ва нақши давлат дар масъалаи ҳифзи ҳуқуқи инсон буд. Мутафаккирони Замони Нав яқин карданд, ки бидуни устувории давлат ва амнияти ҷомеа оромию осудагӣ ва тартибот дар ҷомеа номумкин аст. Гуго Гротсий (1583-1645) таъкид мекард, ки давлат ин иттиҳоди комили одамони озод аст ба хотири риояи ҳуқуқ ва муфидияти умумӣ. Ин мутафаккир яке аз бунёдгузорони назарияи ҳуқуқи табиӣ ба шумор меравад [4, 48]. Бенедикт Спиноза (1632-1677) идея пеш мегузорад, ки ҳуқуқи давлат бояд ба андешаи аксарият мутобиқ бошад ва ҳокимияти давлатӣ муаззаф аст ба андешаи ҷомеа мусоидат намояд. Дар осори Б.Спиноза моҳияти қонун ҳамчун таъминкунандаи амнияту осудагии одамон тавсиф мешавад. Ҷон Локк (1632-1704) идея пеш мегузорад, ки давлат аз одамон ҳамон қадар салоҳиятеро мегирад, ки барои таъмин, нигоҳдорӣ ва татбиқи озодиҳои шаҳрванд зарур бошад. Назарияи тақсимоти ҳокимиятро Ш.Монтескё (1689-1755) мушаххас баён мекунад: дар ҳар давлат бояд се шохаи ҳокимият – қонунгузор, иҷроия ва судӣ мавҷуд бошад. Озодӣ ин ҳуқуқест, ки қонун иҷозат медиҳад; хусусияти қонун ба муҳити ҷуғрофӣ, замин ва иқлиме, ки он ҷо одамон зиндагӣ мекунанд, робитаи мутақобила дорад ва ғ. Ж.Ж. Руссо (1712-1778) даъват ба амал меорад, ки дар вазъияти табиӣ ҳамаи одамон баробаранд; нобаробарӣ танҳо дар ҳолати сиҳатӣ ва синнусолӣ аст; нобаробарии иҷтимоӣ дар раванди мукаммал шудани олоти меҳнат, пайдо шудани моликияти хусусӣ ва иштибоҳ дар фаъолияти одамон ба вуҷуд омад. Ҳамин тавр, Инқилоби фикрии Замони Навро мутафаккирони бузурги он давра бо афкори ҳуқуқӣ оғоз намуда, барои пешрафти илмию технологии он замон роҳ кушоданд [16,461]. Сарнавишти ҳамаи халқҳои ҷаҳон ҳамин тавр аст. Магар доир шудани инқилоби бузурги технологии Олмони охири асри XIX-ро метавон аз дигаргуниҳои бузург дар афкори фалсафию ҳуқуқии Олмон (дар мисоли фалсафаи классикии олмонӣ) берун сохт. Имрӯзҳо мо дар арафаи Инқилоби бузургии фикрие ҳастем, ки ҷавҳари онро маърифати ҳуқуқӣ ташкил мекунад. Маърифати ҳуқуқӣ самти татбиқи назарияҳои мукаммали ҳуқуқие ҳастанд, ки ҷамъан зуҳури шуури ҷамъиятии ин ё он марҳилаи таърихӣ мебошад. Месазад, ки боз дар бораи шуури ҳуқуқӣ амиқтару васеътар ҳарф бизанем. Шуури ҳуқуқӣ яке аз шаклҳои шуури ҷамъиятӣ аст. Хусусияти хоси шуури ҳуқуқӣ дар муқоиса ба дигар шаклҳои шуури ҷамъиятӣ он аст, ки дар шуури ҳуқуқӣ робитаю алоқаҳои дар воқеияти

ҳуқуқӣ мавҷуд буда инъикос ёфта, муносибати одамонро ба қонунгузории амалкунанда ифода менамояд. Ҳуқуқҳое, ки дар идеяҳо, тасаввурот ва эҳсосҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, маҷмуи афкори ҳуқуқӣ ва ё шуури ҳуқуқиро ташкил медиҳанд. Маҷмуи ин робитаю муносибатҳои ҳуқуқӣ тавассути истилоҳи "ҳуқуқ" ва "уҳдадориҳо" (масъулиятҳо) дар шуури ҳуқуқӣ дода шудаанд. Шуури ҳуқуқӣ аз чанд унсур иборат аст:

*донишҳои ҳуқуқӣ, ки асоси онро Конститутсияи кишвар, меъёрҳои бунёдии қонунгузории ҷумҳурӣ ва кодексҳои соҳавӣ муаррифӣ мекунанд; идеологияи ҳуқуқӣ: маҷмуи нуқтаи назар, тасаввурот, муносибати инсон ба санадҳои ҳуқуқӣ дар доираи низоми муайяни арзишҳо;

*психологияи ҳуқуқӣ: идрок, эҳсос, одат ва ҳаяҷон (эмотсия), ки муносибати гурӯҳҳои иҷтимоиро ба низомҳои ҳуқуқӣ ва қонунҳо баён медоранд. Унсурҳои рафторӣ: муқаррароти ҳуқуқӣ, яъне омодагии психологии инсон ба хотири рафторҳои амалияи ҳуқуқ.

Одатан се сатҳи шуури ҳуқуқиро ҷудо мекунанд:

*шуури ҳуқуқии муқаррарӣ: дар таҷрибаи зиндагии шахсӣ ташаккул ёфта, мундариҷаи рӯякӣ ва характери номуназзам дорад;

*шуури ҳуқуқии касбӣ: дар рафти омодагии махсус ва дар раванди фаъолияти ҳуқуқнигорӣ татбиқ мегардад;

*шуури ҳуқуқии илмӣ (назариявӣ): дар ҷараёни таҳқиқотҳо, натиҷагириҳои васеи ҳуқуқӣ ба даст омада, шакли махсус ва олии татбиқи назариявии ҳуқуқ аст. Дар аксари китобҳои дарсӣ тақрибан ба ҳамин шакл унсурҳо ва дараҷаҳои шуури ҳуқуқиро тавсиф менамоянд. Чуноне ки болотар зикр намудем, шуури ҳуқуқӣ баёнсозандаи фарҳанги ҳуқуқии замони таърихӣ аст**.** Фарҳанги ҳуқуқӣ тадриҷан сохта мешавад.

Фарҳангҳои ҳуқуқӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ дар ҷараёни робитаи мутақобила қарор доранд. Раванди алоқамандии муштараки типҳои мухталифи фарҳангҳои ҳуқуқӣ ба қобилияти фарҳанг дар ҷодаи мубодилаи муштарак, пайванду алоқаи фарҳангӣ ва таъсири ҳамдигарии фарҳангҳо вобастагӣ дорад. Фарҳанги ҳуқуқӣ мисли фарҳанг дар алоҳидагию ҷудоӣ инкишоф ёфта наметавонад. Робитаи мутақобила аз аввал хоси фарҳанги инсонӣ аст. Дастоварди фарҳангии як халқ хазинаи арзишҳои умумиинсониро пурра мекунанд [13,220]. Фарҳанги ҳуқуқӣ муаррификунандаи донишу ормонҳои ҳуқуқии халқҳо буда, боиси ифтихори миллӣ ва мусоидаткунандаи ахлоқу шарофатмандии миллат аст. Бидуни мафҳумҳое чун виҷдон, шараф, ҳақиқат, эҳсоси шарофатмандии шахсӣ, хайр ва накӯ будан фарҳанги ҳуқуқӣ комил шуда наметавонад. Дониш ва маърифати ҳуқуқӣ доир ба зуҳуротҳои некӣ ва бадӣ, бошарафӣ ва бешарафӣ, озодӣ ва бандагӣ ба ҷавони ба арсаи муҳокимарониҳои ҳуқуқӣ воридшуда, кумак хоҳанд расонд, ки маълумоти аввалияро дар соҳаи ҳуқуқ азхуд намоянд. Ҷавони донишҷӯ ба соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ, ба принсипҳо ва аксиомаҳои он таваҷҷуҳ зоҳир карда, аз Қонуни асосӣ, санаду меъёрҳои ҳуқуқӣ, аз китобҳои таълимӣ, аз асарҳои бадеӣ ва аз филмҳои детективӣ донишҳои муқарририро доир ба криминалистика ва мурофиаи судӣ ҷабида мегирад. Ҳамин тавр, донишҳои ҳуқуқӣ, ки тавассути пурқувват сохтани маърифати ҳуқуқӣ такомул меёбад, асоси фарҳанги ҳуқуқӣ мебошанд. Дар ҷараёни фаъолияти ҷамъиятӣ маърифати ҳуқуқӣ неруманд шуда, афкори оммаро фаро мегирад. Дар ҳуқуқбор шудани афкори омма, сатҳи дигари фарҳанги ҳуқуқӣ мисли эҳсоси ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама, эҳсоси адолат ва эҳсоси эҳтироми ҳуқуқ аст, нақши бориз дорад. Ба туфайли эҳсос ва таассуроти ҳуқуқӣ одамон бо таассуф ва нороҳатӣ дарк хоҳанд кард, ки бенизомӣ аз болои тартибот, худсарӣ аз болои қонун нишонаи бемаърифатии ҳуқуқӣ аст. Маҳз дар фазои тарбияи ҳуқуқӣ ва эҳсоси ҳуқуқӣ, ки сутунҳои ташаккули маърифати ҳуқуқианд, дар мафкураи одамон эҳсоси қонунмандӣ, қонунитоаткунӣ пайдо мешавад. Муҳимтар он аст, ки дар ҳолати мусаллаҳ будан ба афкор, эҳсос ва иродаи ҳуқуқнигоҳдорӣ, яъне дар доираи ошноӣ ба фарҳанги ҳуқуқӣ ба ҳама зуҳуроти қонунвайронкунӣ монеагӣ кардан ва ба ҳамин восита кори олиеро ба хотири пойдории адолати қонун ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон анҷом додан мумкин аст. Дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон тарбияи ҳуқуқӣ вазифаи умумидавлатӣ эълон гашта, сифати тарбия ва нишондодҳои тарбияи ҳуқуқӣ

бевосита ба инкишофи мамлакат, хусусан ба инкишофи давлати ҳуқуқбунёд, ки ҳадафи ноил шудан ба онро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳор медорад, таъсири мубраме хоҳад расонд.

Дар алоқамандӣ ба дараҷаи маърифати ҳуқуқии шахс ва зуҳури самаранокии он намудҳои инфиродии фарҳанги ҳуқуқӣ – чун муқаррарӣ, касбӣ ва назариявӣ ташаккул ёфтааст. Шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии шахс бо таъсири чанд омил ҷараён мегирад. Дар илми ҳуқуқ ду роҳи фаъолияти ҳуқуқнигорӣ эҷод шудааст, ки якеро тарбияи ҳуқуқии шахс ва дигареро ташаккули ҳуқуқии шахс ном бурдаанд:

– тарбияи ҳуқуқии шахс – ин раванди муташаккилона, педагогӣ ва мақсадноку ҳадафнигоронаи таъсир расонидан ба шуури одамон аст, ки бо ёрии усулҳои махсуси тарбияи ҳуқуқӣ, воситаю методҳо бо мақсади ташаккул додани сатҳи баланди шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ анҷом дода мешавад;

– тарбияи дурусти ҳар фарди алоҳида ба эҷод шудани ҷомеаи фарҳангӣ ва аз лиҳози иҷтимоӣ фаъол оварда, шаҳрвандони чунин ҷомеа эҳтироми қонун ва риояи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандони дигарро чун рукни асосии ҷомеаи ҳуқуқбунёд эътироф мекунанд.

Муҳаққиқи ҷавон Александр Александрович Кваша аз Академияи ВКД Федератсияи Россия дар шаҳри Волгоград дар мавзуи дастуру муқаррароти ҳуқуқии шаҳрвандон рисолаи илмие навиштааст, ки таваҷҷуҳи муаллифони мақолаи мазкурро ҷалб кардааст. А.А. Кваша тарбияи ҳуқуқиро, ки бунёди маърифати ҳуқуқии инсон аст, тавассути унсурҳои таркибии он хело бо тафсил баён мекунад: “тарбияи ҳуқуқӣ иборат аз таҳвил (додан, супоридан), андӯхтан ва азхуднамудани донишҳо дар бораи принсипҳои меъёрии ҳуқуқ, инчунин ташаккули муносибати мувофиқ ба ҳуқуқ ва амалияи татбиқи он, маҳорати истифодаи ҳуқуқ, риояи амалҳои манъшуда ва иҷрои уҳдадориҳо иборат аст. Аз ин ҷо зарурати бошуурона маърифат сохтани муқаррароти зарурию асосии қонунгузорӣ бармеояд ва эҳсоси эҳтироми амиқ ба ҳуқуқ таҳия мегардад. Донишҳои маърифатшуда бояд ба эътиқоди шахсӣ, ба дастури қавии қотеона иҷро намудани нишондоди ҳуқуқӣ табдил ёфта, сипас ин донишҳо ба талаботи ботинӣ дар роҳи иҷро ва риояи қонун мубаддал гарданд” [7]. Иштироки шаҳрвандон дар ҳаёти ҳуқуқии ҷомеа ба маърифати ҳуқуқии фардҳо таъсир расонида, ба аз худ намудани донишу малакаҳои ҳуқуқӣ мусоидат менамояд. Ҷомеа ва давлат барои ташаккули шаҳрвандони аз лиҳози иҷтимоӣ фаъол, ҳамзамон, ба шаҳрвандони қонунтобеъ, ки мундариҷаи ормонҳои ватанӣ ва идеологияи миллиро дарк мекунанд, ниёз дорад. Давлати мутамаддуни муосир наметавонад бидуни идеология ва ниҳодҳои он, ки ҳадафаш эҷод сохтани идеология дар шуури фард ва омма аст, мавҷудият дошта бошад. Дар китоби профессор С.Ятимов “Идеология ва манфиати миллӣ” зикр мегардад: таҷрибаи кишварҳои мутараққӣ нишон медиҳанд, ки арзишмандии идеология дар ғояҳои нигаҳдории истиқлоли давлатӣ, тамомияти арзӣ, ваҳдати миллӣ, рушди демократӣ ва таъмини пешрафту устувории иқтисодӣ зуҳур меёбад [14,42-43]. Дар заминаи идеологияи муосир, ки ба таҳкими устуворию суботи давлат, комёб шудан ба сатҳи баланди ҳаёти моддию маънавӣ мусоидат менамояд, низоми арзишҳои демократӣ қабул шудаанд, ки баробарии шаҳрвандонро дар назди қонун, плюрализми сиёсӣ ва ғ. ифода мекунанд. Чунин низоми арзишҳо иҷтимоӣ шудани ҳуқуқро ҳамчун воситаи истеҳсолоти фарҳанги ҳуқуқӣ тақвият мебахшад. Ҳуқуқ ҳамчун арзиши бузурги иҷтимоӣ, ифода ва омили татбиқи озодиҳои шахс, кафолати ҳуқуқҳои моддию маънавии инсон баромад мекунад. Ҳамагуна зуҳуроте чун “саркашию гарданшахӣ”, яъне ба эътибор нагирифтани ҳуқуқ ва меъёрҳои дигари иҷтимоӣ, психологияи ваҳшигӣ дар муқобили шахсони алоҳида, тасаввурот дар бораи демократия тибқи суханбозие чун “ҳар чизеро ки дилам мехоҳад, ҳамонро мекунам” барои ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ монеа шуда, раванди эъмори ҷомеаи ҳуқуқбунёдро бозмедорад [10,363]. Бартараф намудани чунин зуҳуроти офатбори иҷтимоӣ қисмати муҳимми тарбияи ҳуқуқӣ ва маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон буда, мундариҷаи фаъолияти ҷомеаро ба хотири решакан намудани худсарӣ, нигилизм ва бепарвоии иҷтимоӣ ташкил мекунад. Тарбияи ҳуқуқӣ қисмати таркибии маърифати ҳуқуқӣ буда, ба ахлоқ, ба андешаи демократии шаҳрванд алоқаи ногусастанӣ дорад. Зеро рафтори

бошарафона, озодона ва боадолатона гувоҳи баланд шудани маърифати ҳуқуқӣ ва устувор гаштани фарҳанги ҳуқуқӣ хоҳад буд. Демократия, қонунмандӣ, масъулияти шаҳрвандӣ, ҳуқуқи инсон падидаҳои ҳаёти иҷтимоие ҳастанд, ки катъиян муқобили анархия, худсарӣ, саркашию ноогоҳӣ дар рафтору амали фард қарор дорад. Барои инкишоф ва баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқӣ ва маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон барномаи махсуси умумиҷумҳурӣ, ки аз мундариҷаи даҳҳо санаду меъёрҳои ҳуқуқӣ, нуқтаҳои хосе, ки аз Паёмҳои асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бармеоянд, таҳия ва татбиқ мегардад.

Бар асари он ки предмет, объект ва зуҳуроту падидаҳо мураккабу печида ҳастанд, усули роҳ ёфтан ба сӯйи фаҳмидани асрори онҳо низ мураккаб хоҳад буд. Раванди аз худ кардан ва фаҳмидани ин зуҳуроту объектҳо аз табиати худи субъекти маърифат – аз инсон, аз мавқеи иҷтимоӣ, аз сатҳи омодагии таҷрибавию назариявии ӯ, аз ҳолати равонӣ, хусусияти физиологӣ, аз фаъолияти олии асаби ӯ вобаста аст. Маърифати воқеияти ҳуқуқӣ низ сарфи назар нахоҳад буд. Шароитҳои иҷтимоию фарҳангӣ, авзои сиёсӣ, ҳолати амнияти кишвар, сатҳи мутамаддин будани халқ, огоҳии мардум аз олами низоми ҳуқуқӣ, инкишофи худшиносии инсон ҳамчун мавҷуди ҳуқуқӣ ва ғ. воқеияти ҳуқуқие ҳастанд, ки болотар аз иродаи фардҳои алоҳида қарор дорад. Дар аксари адабиёти назариявии ҳуқуқӣ таъкид мекунанд, ки сарҳади маърифати воқеияти ҳуқуқӣ ба сарҳади маърифати олами муҳити ҳаётии инсон мувофиқ аст [12]. Аз ин лиҳоз, роҳ ба сӯйи маърифати ҳуқуқӣ фаъолияти мураккаб ва иқдомҳои дурнамои иҷтимоию ҳуқуқиро тақозо дорад. Набояд андешае қабул кард, ки "...то охири сол доир ба маърифати ҳуқуқӣ чанд чорабиние гузаронида, бо ҳамин маъракаи эълоншударо анҷом медиҳем". Фаъолият дар самти баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ дар давоми як сол маҳдуд нашуда, бояд ҳамеша пеш бурда шавад. Ин кор на танҳо дар доираи чорабиниҳои донишгоҳию мактабӣ, балки дар зинаҳои мухталифи ҳокимияти иҷроия, мақомотҳо ва объектҳои истеҳсолии саноатию сохтмонӣ ва агросаноатӣ бояд иҷро гардад.

Табиист, ки ин кору фаъолият аз муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, миёнаи касбӣ ва миёнаи умумӣ оғоз мегардад. Ин масъулият тақозо дорад, ки ба аҳли омӯзгорони макотиби таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ, муаллимони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавсия дода шавад: новобаста аз предмети таълимшаванда, дар ҷараёни дарс нуқтаҳои таъхирнопазири таблиғи афкори ҳуқуқиро чанд дақиқаи муайяне баён намоянд. Дар ҷамъомаду нишастҳо, дар маҳфилу ҳамоишҳои гуногун дар сатҳи ноҳияҳою шаҳрак ва деҳаҳо баромаду музокираҳои тамоили ҳуқуқфаҳмонӣ қувват дода шавад. Ба воситаи усулу тарзҳои гуногун дастрасии оммаро, хусусан ҷавононро ба санаду меъёрҳои ҳуқуқӣ осонтар сохт. Чун донишҷӯён дар саффи пеши дигаргуниҳои иҷтимоию иқтисодӣ қарор доранд ва онҳо метавонанд неруи устувори паҳнсозандаи маърифати ҳуқуқӣ миёни ҷавонони кишвар бошанд, маҳз онҳо бояд бештар ба донишҳои ҳуқуқӣ фаро гирифта шаванд. Омӯзиши ҳуқуқии донишҷӯён, шиносоии онҳо бо меъёрҳои ҳуқуқ, ҳуқуқ ва вазифаи онҳо ба раванди муназзами фаъолияти онҳо робита дошта, ташаккули шуури ҳуқуқӣ ва ҷаҳонбинии ҳуқуқии мутахассисони оянда чунин самтҳо доранд:

– ташаккули маҳорати донишҷӯён ба хотири огоҳона ва босаводона истифода кардани ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар амалия, маърифати қонунҳо ва санадҳои зерҳуқуқӣ, инчунин муносибати мантиқӣ ва донишмандона дар рафти иҷрои қонунҳо;

– паҳн сохтани донишҳои ҳуқуқӣ миёни ҷавонони ҳамсабақ ва ҷавонони муҳити атроф, ки дар рафти муколама пеш меоянд;

– пешгирии (профилактика) ҳуқуқвайронкунӣ миёни ҷавонон, хусусан донишҷӯён бо роҳи дар андешаи донишҷӯён ва ҷавонон тафаккури масъулиятшиносиро ташаккул додан, ҷалб намудани онҳо ба суйи масъулият доштанашон дар нисбати рафтору кирдор, даъват кардани донишҷӯён ба хотири мутобиқати амалашон ба низоми меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ғ.;

– ҷалб ва иштироки донишҷӯён ба чорабиниҳои мундариҷаи ҳуқуқӣ дошта, раҳнамоӣ ба татбиқи ниятҳои нек ва мусоидат ба аъмоли хуб;

– дар назди факултаҳои ҳуқуқшиносии донишгоҳҳо, муассисаҳои таълимӣ-низомии риштаи ҳуқуқдошта маҳфилҳо ва семинарҳои гуногуни мундариҷаи ҳуқуқӣ доир гашта, иштироки донишҷӯёни ихтисосҳои дигар ба чунин маҳфилҳо ҷоннок гардад;

– дар сайти донишгоҳҳо, муассисаҳои дигари марбута бояд ҳар вақт саҳначаҳо аз чорабиниҳои ҳуқуқӣ ва муаммоҳои ҳуқуқӣ ба намоиш гузошта шаванд;

– аз миёни магистрони тахассусҳои ҳуқуқшиносӣ гурӯҳҳои таблиғӣ ташкил шуда, дар миёни магистрони факултаҳои дигар дарсҳои омӯзишӣ бурда шаванд. Чунин таҷриба, бо иштироки магистрони факултаи ҳуқуқ дар гурӯҳҳои дигари тахассусҳои ғайриҳуқуқии ДМТ гузаронида шудааст;

– дар ҳама муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ суҳбатҳо, викторинаю семинарҳои ҳуқуқӣ бо иштироки муаллимони ҷавон ва донишҷӯёни фаъоли тахассусҳои ҳуқуқшиносӣ гузаронида шавад;

– тартиб додани маводи таблиғӣ ва айёнӣ, видиороликҳо, суратгазетаҳо, варақаҳои иттилоотӣ, инчунин дар ҳама муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва миёнаи касбӣ фаъолияти клубҳои “Машварати ҳуқуқӣ” пурзӯр гардад;

– ба воситаи маслиҳатҳои ройгони ҳуқуқӣ робита ба аҳли ҷамоатчигии шаҳри Душанбе ва шаҳрҳои дигар боз ҳам васеътар ва бештар ба роҳ монда шавад.

Маърифати воқеияти ҳуқуқӣ ба шароитҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, сатҳи тамаддуногоҳӣ, алоқаманд ба “низоми ҳуқуқӣ” ва инкишофи худшиносии инсон ҳамчун мавҷуди ҳуқуқӣ вобаста аст. Воқеияти ҳуқуқӣ – ин ҳамзистии инсон ва робитаи мутақобилаи ӯ ба воқеияти ҳамарӯзаи низоми муносибатҳои ҳуқуқӣ-ҷамъиятӣ буда, сарҳади маърифати воқеияти ҳуқуқӣ ба сарҳади маърифати оламшиносии инсон мувофиқ меояд. Маърифати воқеияти ҳуқуқӣ, дар навбати аввал, ба фаъолияти инсон дар ҳама шаклҳои фаъолияти ҳаётӣ алоқаманд аст. Фаъолияти инсон низоми ягонаи олами ҳаётии ӯро фаро мегирад. Маърифати олам, хусусан маърифати ҳуқуқӣ инсонро бо таҷрибаи ҳаётӣ мусаллаҳ намуда, имконияти роҳ ёфтани ӯро ба ҳалли мушкилотҳои зиндагию рӯзгор васеътар месозад. Сарҳади раванди маърифати воқеияти ҳуқуқӣ ба талабот ва манфиати инсон алоқаманд аст. Иштироки фаъолонаи ӯ дар низоми муқарраршудаи муносибатҳои ҷамъиятӣ, муносибати ӯ ба аз худ намудан, омӯхтан ва маърифат кардани воқеияти ҳуқуқӣ ин баҳогузории ӯ ба воқеияти ҳуқуқӣ аст. Дар фазои муносибатҳои ҳуқуқӣ фаъолият намуда, одамони касбу кори гунонунро мебояд меъёрҳои эътирофшудаю ба ҳукми қонун даромадаро риоя кунанд. Табиб имкониятҳои касбии худро татбиқ намуда, ҳатман бояд муқарраротӣ интизомии ҷомеаро дар шакли санаду меъёрҳои ҳуқуқӣ риоя намояд. Дар ҳолати мухолифат намудан ба фазои воқеияти ҳуқуқӣ, масалан агар ӯ маводи таркиботи мухадир доштаро берун аз ҳадди истифодааш, равона созад, ё ин ки бо ягон амали худ моликияти ҷамъиятӣ ва ё давлатиро нобуд созад ва ё корҳоеро анҷом диҳад, ки хилофи ахлоқи коргар ва ё мутахассис бошад, дар ин ҳолат фаъолияти ӯ муқобили фазои воқеияти ҳуқуқӣ мегардад.

Маърифати воқеияти ҳуқуқӣ ҷараёни аз худ намудани инсон меъёрҳои ҳуқуқӣ аст, ки ба фаъолияти касбӣ ва тарзи зиндагии ӯ таъсир мерасонад. Маърифати ҳуқуқии инсон – ин аз ҷониби инсон дарк намудан, омӯхтан ва аз худ намудани меъёрҳои ҳуқуқиест, ки ҳамчун идеалҳои муайян, қоидаю меъёрҳои муқарраршуда иҷрои масъулиятбори он аз ҷониби инсон татбиқ мегардад. Дар доираи маърифати ҳуқуқӣ ва комилияти шуури ҳуқуқӣ инсон корҳоеро анҷом медиҳад, ки аз чаҳорчӯбаи қонунҳои амалкунанда берун намебароянд. Сарҳади маърифати воқеияти ҳуқуқӣ дар алоқамандӣ бо инкишофи шуури ҳуқуқии фардӣ, ки моҳияти ҷамъиятӣ дорад, муайян мегардад. Нақши маърифати ҳуқуқӣ дар ҷараёни иҷрои меъёрҳои ҳуқуқӣ дар он аст, ки на танҳо татбиқи самараноки онро таъмин месозад, балки дар роҳи фаҳмиши дурусти он вобаста ба ҳар як ҳодисаи алоҳидаю ҷузъӣ зимни мушкилоти вайрон кардани ҳуқуқ, масъулияти шахсии ҳуқуқӣ ва ё иҷтимоӣ инсонро ба сӯйи амали огоҳона ва оқилона роҳнамоӣ мекунад. Ба ӯ қобилиятеро медиҳад, ки шахсони хавфнок, бадгуҳар ва ҷиноятмаобро сари вақт ошкор намуда, масъалаи усули безарар гардонидани муҳитро аз чунин одамон биҷӯяд. Ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистонро мебояд дар шароити ҷаҳонишавӣ ва раванди босуръати

инкишофи технологии инсоният бо афкори солими ахлоқӣ, мафкураи баланди ҳуқуқӣ ва донишҳои илмӣ мусаллаҳ гашта, манофеи фардӣ, гурӯҳӣ ва ҷамъиятии тоҷиконро дар ҳар гӯшаи сайёра, хусусан дар минтақаи Осиёи Марказӣ ва Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ҳимоя намояд.

**АДАБИЁТ:**


1. Всемирная история. Век железа. Древнейшие цивилизации Востока. – Москва-Минск, 2000. – 760с.
2. Гегель Г.В. Ф. Философия истории / Г.В.Ф. Гегель. – СПб.: Наука, 2000. – 480с.
3. Гердер Г.В. Идеи к философии истории человечества / Г.В. Гердер. – М.: Наука, 1977. – 703с.
4. Гроций Г. О праве войны и мира / Г.Гроций. – М.: Ладомир, 1994. – 867с.
5. Ильин И.А. О сущности правосознания / И.А. Ильин // Собрание сочинений: в 10 тт. – М.: Русская книга, 1994. – Т. 4. – 624с.
6. История Востока. В шести томах. Том 1. – М.: Восточная литература, ДАН, 2000. – 688с.
7. Кваша А.А. Правовые установки граждан: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.01 / Александр Александрович Кваша. – Волгоград, 2002. – 160с.
8. Политико-правовые идеи Демокрита [Сарчашмаи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: https://be5.biz/pravo/i029/03.html./ (санаи муроҷиат: 16.05.2024).
9. Спиноза Б. Избранные произведения. В 2-х томах. Т. 1 / Б. Спиноза Б. – М.: Госполитиздат, 1957.
10. Теория государства и права: учебник / под ред. М.Н. Марченко. – М.: Просвещение, 2005.
11. Теория государства и права: учебник для бакалавров / В.Н. Хропанюк; под ред. В.Г. Стрекозова. – 7-е изд., стер. – М.: Издательство «Омега-Л», 2013;. Теория государства и права: учеб. А. Б. Венгеров. – 9-е издание, стер. – М.: Изд. «Омега-Л», 2013.
12. Философия права. Курс лекций: учебное пособие: в 2 т. – Т. 2 / С.Н. Бабурин, А.Г. Бережнов, Е.А. Воротилин и др. // Отв. ред. Марченко. – М., 2011.
13. Философия права: Учебник / Под.ред. О.Г. Данильяна. – М.: Эксмо, 2005.
14. Ятимов С.С. Идеология ва манфиати миллӣ / С.Ятимов. – Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2015. – 192 с.
15. Ятимов С.С. Эҳёи миллат – бақои миллат / С. Ятимов // Илм ва амният. Маҷаллаи илмии Мактаби олии КДАМ ҶТ. – Душанбе, 2023. – № 4 (6).
16. Яхъяев М.Я. Мыслители Нового времени / М.Я. Яхъяев. – Махачкала, 2001.

УДК: 151.8

# ВИҶДОН ҲАМЧУН АСОСИ РУШДИ ШАХСИЯТ ВА ҶАМЪИЯТ
(таҳлили аксиологӣ)

**АБДУЛЛОЕВ А.А.**
*Унвонҷӯйи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*

*Дар мақола масъалаи виҷдон ҳамчун категорияи асосии ахлоқ аз мавқеи аксиологӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Бо дарназардошти буҳрони ахлоқӣ дар ҷомеа, рӯ овардан ба масъалаҳои ахлоқӣ, махсусан виҷдондорӣ ва риояи талаботи виҷдон, таҳлил, таҳқиқ ва ҳалли он рӯз то рӯз мубрам гардида истодааст. Муаллиф ба ин масъалаи муҳим диққати ҷиддӣ дода, дар бораи таърихи баррасӣ аз даврони қадим то имрӯз, шарҳу тафсири мутафаккирону файласуфон ва мавқеи шахсии худро мухтасар доир ба масъалаи баррасишаванда, ҳамзамон, чорабиниҳои мушаххас барои ҷалб намудани диққати ҷомеа ба эҳсоси виҷдондорӣ баён доштааст, ки ҷолиб мебошад.*

**Калидвожаҳо:** *Виҷдон, виҷдондорӣ, аксиология, арзиш, ахлоқ, буҳрони ахлоқӣ.*

# СОВЕСТЬ КАК ОСНОВА РАЗВИТИЯ ЛИЧНОСТИ И ОБЩЕСТВА
(аксиологический анализ)

**АБДУЛЛОЕВ А.А.**
*Соискатель Института философии, политологии и права имени академика А.Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана*

*В статье вопрос совести как основной категории этики исследуется с аксиологической точки зрения. Учитывая моральный кризис в обществе, обращение к вопросам нравственности, особенно добросовестности и соответствия требованиям совести, их анализы, исследование и решение приобретает все большее значение. Автор уделил серьезное внимание этому важному вопросу и кратко изложил историю вопроса с древнейших времен до наших дней, интерпретации мыслителей и философов, а также свою личную позицию по рассматриваемому вопросу.*

**Ключевые слова:** *Совесть, добросовестность, аксиология, ценность, мораль, нравственный кризис.*

# CONSCIENCE AS THE BASIS OF PERSONALITY AND SOCIAL DEVELOPMENT
(axiological analysis)

**ABDULLOEV A.A.**
*Applicant of the Institute of Philosophy, Law and Political Science named after A. Bahoviddinov of the National Academy of Sciences of Tajikistan*

*In the article, the issue of conscience as the main category of ethics is investigated from an axiological point of view. Taking into account the moral crisis in the society, turning to moral issues, especially conscientiousness and compliance with the requirements of conscience, analysis, research and solution are becoming increasingly important. The author paid serious attention to this important issue, and briefly explained the history of the review from ancient times to the present day, the interpretation of thinkers and philosophers, and his personal position on the issue under review.*

**Keywords:** *Conscience, conscientiousness, axiology, value, morality, moral crisis.*

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки инсоният аз оғози асри XX то ба имрӯз бо ихтироот ва тараққиёти технологӣ шароити зиндагиашро дар тамоми самтҳо рӯз ба рӯз беҳтар менамояд. Меҳнатҳои пурмашаққати ҷисмонии одамон аз байн рафта, онро пурра дастгоҳҳои компютерӣ ва роботҳои ҳушманд иҷро карда истодаанд. Тавассути технологияи компютерӣ ва имкониятҳои интернетӣ муносибати одамон наздик шуда,

имкон пайдо гардид бо якдигар аз тамоми гӯшаҳои олам дар робита бошанд ва дилхоҳ маводро ба ҳам ирсол ва ё табодул намоянд.

Ҳарчанд рушди ин соҳа ҷанбаҳои зиёди мусбат дошта, меҳнати инсониятро хеле осон намудааст, вале дар баробари ин, ҷанбаҳои манфии ин тараққиёт низ рӯз то рӯз ба мушоҳида мерасад. Ба рушди илмҳои техникӣ бештар рӯй оварда, таваҷҷуҳ ба илмҳои инсонӣ (гуманитарӣ) – камтар, эҳсосоти мусбати байниинсонӣ, ба монанди муҳаббат, самимият, шарм, виҷдон ва умуман арзишу меъёрҳои тӯли асрҳо побарҷобудаи ахлоқӣ, ки асоси меъёрҳои "инсон будан" ҳастанд, коста, даъвати "бо чароғ гирди шаҳр гаштану инсон ҷустан"-и Мавлонои Балхӣ ҳолати воқеии ҳаёт шудааст. Бетаваҷҷуҳӣ ба арзишҳои фарҳангӣ-фалсафӣ боиси аз ҳам дур шудани наслҳои башар гардида, таҳти таъсири робот ва зеҳни сунъии ихтироъкардааш, инсонҳо ба мавҷуди бемуҳаббат ва ғайрисамимӣ табдил шуда, меъёрҳои ҳатмии муносибатҳои байниинсониро сарфи назар ё тамоман фаромӯш карда истодаанд.

Мантиқист, ки таваҷҷуҳ ва омӯзиши арзишҳои ахлоқӣ ҳамон вақт барои мо зарур ва ногузир мегардад, ки дар ҷомеа буҳрони маънавӣ ба костагиҳои ахлоқӣ мерасонад. Бадшавии ҳолати рӯҳӣ-равонӣ ва ба самти манфӣ дигар шудани муносибатҳои байни одамон, ҷойи виҷдону шарм ва муҳаббату дилсӯзиро танг ва ҳамдигарбадбиниву нифоқ, хурофоту ҷаҳолат, ҷангу хунрезӣ, терроризму экстремизм, амалҳои коррупсионӣ, гардиши ғайриқонунии маводи нашъадор, фиребу бадкориҳои дигар ба авҷ мерасад. Вазъияти буҳронии мазкур боиси ташвиши қишри рӯшанфикр гардида, тақозои ҷалб намудани ҷомеа ба арзишҳои инсонӣ, махсусан арзишҳои ахлоқиро ба мадди аввал мебарорад ва муҳимму мубрам месозад.

Тавре ишора гардид, бар асари тараққиёти техникӣ, маънои зиндагӣ, тарзи ҷаҳонқабулкунӣ, сурати олам ва арзишу меъёрҳои равонӣ-ақлӣ тағйири маъно карда истодаанд. Тағйироти буҳронӣ ва беқурбшавии ахлоқро метавон дар шакли қашшоқии ахлоқӣ ва расмишавии бадахлоқӣ дар ҷомеа, афзалият пайдо кардани ҳирсу чизпарастӣ, вобастагӣ аз арзишҳои моддӣ (шопоголизм), эгоизм, фардгароӣ ё озодии фардӣ, рад кардани арзишҳои устувори эътирофшуда, сустшавии асосҳои анъанавии ахлоқи хонаводагӣ, таблиғи хиёнати хонаводагӣ, болоравии пархошгарӣ ё таҷовузи наврасон нисбат ба калонсолон, ба инобат нагирифтан ё рад кардани урфу одатҳои ахлоқӣ, робитаи наслҳо ва ғайра мушоҳида кард [5,3]. Дар баробари ин, акнун дин (махсусан, ислом) аз рисолати худ, ки асосан тарбияи ахлоқии инсонро ба уҳда дошт, маҳрум гардида истода, ба асбоб ё олоти сиёсӣ мубаддал гардидааст ва акнун таълимоти динӣ (қариб дар тамоми шаклҳо) нақши ғоявӣ ё идеологии ташкилотҳои муайяни сиёсӣ ва террористиро бозида истодааст.

Ҳар кадоме аз масъалаҳои қайдшуда, метавонад дар алоҳидагӣ мавриди омӯзиш қарор дода шавад, масъалаҳои асосии буҳрони ахлоқии мавҷуда, маҳз ҳаминҳо ҳастанд.

Мушкилоти иҷтимоии мазкур ҳамеша бо қолабшиканиҳо, ба таври амиқу ошкоро вайроншавии мазмуни арзишу меъёрҳои ахлоқӣ, махсусан аз даст додани эҳсоси виҷдондорӣ алоқаманд аст. Бинобар ин, ба ақидаи мо яке аз роҳҳои асосӣ ва муҳим, ки метавонад барои ислоҳи вазъ дар ҷомеа нақши ҳалкунанда дошта бошад, ҳарчи бештар ташвиқу тафсир ва шиносоии ҷомеа ба масъалаи виҷдон ва арзишҳои ахлоқии он мебошад. Зеро аз дарозои таърих маълум аст, ки тавассути риояи талаботи виҷдон, шарҳу вазъи он, одамон ба худназораткунӣ, худдорӣ аз амалҳои бад ва ботинан водор кардани худ ба амалҳои нек ва хубӣ машғул гардидаанд. Таъсири ботинии виҷдон то ҳадде зиёд аст, ки мутафаккирони сатҳи ҷаҳониро дар ҳайрат гузоштааст.

Бо вуҷуди муҳиммият доштан, ба масъалаи "виҷдон" мутафаккирони тоҷик вақтҳои охир камтар таваҷҷуҳ кардаанд. Дар ҳоле ки дигарон ба ин масъала диққат намуда, онро то ҳадди илми алоҳида – "Совестология" (ё "Виҷдоншиносӣ") расонда истодаанд [3, 120]. Ба назари мо, ҷалби таваҷҷуҳи ҷомеа, алалхусус файласуфону сиёсатшиносон, равоншиносону ҳуқуқшиносон ба таҳқиқ ва таблиғи масъалаи виҷдон ҷиҳати тарбияи насли ҷавон ва ислоҳи буҳрони ахлоқӣ дар ҷомеа мусоидат ва таъсиррасон хоҳад буд.

Омӯзиш нишон медиҳад, ки таваҷҷуҳ ба масъалаи “виҷдон” ҳамчун категорияи махсуси ахлоқӣ ва воситаи пуртаъсиртарини ботинии инсон, маротибаи аввал дар фарҳанг ва дини қадими тоҷикон – зардуштия мушаххасан ба маънӣ, мафҳум ва мазмуни имрӯза вомехӯрад. Вобаста ба қадимӣ ва аввалин будани зардуштия ишора карда, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар асари пурарзишашон “Чеҳраҳои мондагор” таъкид мекунанд, ки “Дини зардуштӣ нахустин динест, ки таҳкурсии мустаҳками ахлоқии динҳои муосири ҷаҳонро гузошта, дорои тамоми рукнҳо, сохтор, аҳком ва назму тартиби мушаххаси ормонӣ мебошад. Чун ин дин дар даврони туфулияти башар по ба арсаи вуҷуд гузошта, аз саргаҳи ирфони инсонӣ баҳраманд гардидааст, бунҳои он низ мусаффою нуронӣ буда, тамоми пайкараш бо торҳои дурахшони зиндагӣ ва зарраҳои асилу равшани офариниш танида шудааст” [6,70].

Мафҳуми “виҷдон” чун мафҳуми ахлоқӣ ва арзиши олӣ дар таълимоти ахлоқии ниёгонамон мақом ва мартабаи вижа дошта, аҳамияташро то ба ҳол аз даст надодааст. Таълимоти зардуштия, ки бар нуҳ асос поягузорӣ шудааст, дар баробари эътиқод ба Аҳурамаздову Зардушт ва бовар ба олами руҳониву қувваҳои некиву бадӣ, эътиқод ба ҷавҳари инсонӣ – ба виҷдон (даэна – решаи калимаи дин, виҷдон ва имон) ва храту (хирад) ба таври махсус ва дар ҳақиқат муъҷизавӣ таъкид кардааст [11]. Дар ҳақиқат, ҳангоме ки дар асри XVII мутафаккири ҷаҳонӣ Иммануил Кант “Ду чиз дар олам руҳи маро аз ҳайбати муқаддас пур мекунад: осмони пурситора дар болои сар ва қонуни ахлоқ (виҷдон – А.А.А.) дар ботини мо” мегӯяд, тақрибан 2500 сол пештар дар ин шакл одӣ ва фаҳмо ҳамчун «отифаи худовандӣ дар ботини инсон… ва неруи худовандии фанонопазир, ки Офаридгор дар ботини инсон ба ин манзур ҷо кардааст, ки ҳамеша ӯро аз некию бадии аъмолаш огоҳ созад» гуфтани Зардушт муъҷизавӣ аст [6,73].

Мувофиқи таълимоти зардуштия, эҳсоси виҷдон дар ҳар як фарди башар мавҷуд буда, дар миёни қувваҳои ботинӣ, ки ба он ишора кардем, муҳимтарину шарифтарин ба шумор меравад. Дар ҳоти 46-и «Ясно» чунин омада: «Ай Аҳура, аз ҳамон ҳангоме ки ту даенаи азалиро биёфаридӣ, касе, ки дӯстдори дурӯғ аст, ба дурӯғ пайваст шавад ва касе, ки хостори ростӣ аст, ба ростӣ рӯйи иродат оварад». Чун дар тӯли зиндагӣ интихоби рост ё дурӯғ вобаста ба виҷдон ва гирифтани тасмим вобаста ба равон (руҳ) аст, ногузир дар рӯзи охират низ, чунон ки дар ҳоти 31-и «Ясно», банди 20 ва ҳоти 49-и «Ясно», банди 20 ва ҳоти 49-и «Ясно», банди 9 ишора шудааст, даена ё виҷдон ба ҳамроҳии равон (руҳ) амал карда, дар таъйини биҳишту дӯзах ва дар бахшидани подоши неку сазои зишт муносибати бевосита хоҳад дошт [6,74].

Қайд кардан зарур аст, ки ҳарчанд масъалаи виҷдон дар зардуштия ба таври возеҳ ва амиқ шинохта шуда, таъсири он ба руҳияи инсон нишон дода шудааст, вале ин шинохт аксаран хусусияти динӣ дошта, хулоса мегардад, ки вобаста ба пиндору рафтору кирдораш баъди марг инсонро ба биҳишт ё дӯзах ворид мекунад.

Дар фалсафаву ҷаҳонбинии Юнони қадим истилоҳи «виҷдон» (συνείδησις – совесть, сознание) то зухури стоикҳо (асри III то милод) мавҷуд набуд. Виҷдон сараввал ба маънии «шарм» фаҳмида шуда, тибқи нақлҳои асотирӣ, худои худоҳо – Зевс барои наҷот додани инсон аз ҷомеаи ҳайвонӣ, худои Гермесро мефиристад, то шарм ва ҳақиқатро дар вуҷуди одамон ворид ва паҳн кунад. Гермес ба Зевс дар бораи ба ҳама инсоният баробар ё гуногун паҳн кардани шарм мепурсад. Зевс ҷавоб медиҳад, ки ҳама инсоният бояд эҳсоси шарм дошта бошанд ва дастур медиҳад, ки «Аз ман қонун бисоз, то ҳар касе, ки аз шарму ҳақиқат даст кашад, ҳамчун вабо (бадӣ – А.А.А.) дар ҷомеа кушта шавад» [8].

Юнониҳои қадим таъкид мекарданд, ки тарс аз марги ҷисмонӣ эҳсоси шармро нест мекунад. Аз даст додани эҳсоси шарм, аз даст додани шараф аст ва ин аллакай марги ахлоқӣ ба ҳисоб мерафт ва бошарафона мурдан талқин мегардид. Ин гуна тасаввури арзишӣ дар фарҳанги тоҷикон низ ҳамеша мавҷуд буда, нафароне, ки масали «номард бош, вале зинда»-ро ба худ шиор доштанд, ҳамеша аз ҷониби мардони бошараф ва ҷанговарон мавриди масхара қарор гирифтаанд. Ҳарчанд мафҳуми «шарм» то дараҷае ба мафҳуми «виҷдон» наздикӣ дошта, айни замон низ қисмате аз муҳаққиқон ин

мафҳумҳоро ҳаммаъно ва муродиф дониста «виҷдонро танҳо дараҷаи инкишофи шарм» [13] мегӯянд, вале ба ақидаи мо эҳсоси шарм дар муқоиса бо эҳсоси виҷдон камтаъсир аст.

Демокрит ҳарчанд мафҳуми «шарм»-ро шарҳ медиҳад, вале ба мафҳуми «виҷдон» наздик мешавад. Қайд мекунад, «инсоне, ки амали шармовар мекунад, пеш аз ҳама, бояд аз худ шарм кунад» [8]. Ин ақида баъдан аз ҷониби стоикҳо инкишоф дода мешавад.

Тибқи навиштаҳои Афлотун, Суқрот мафҳуми “даймоний – демон”-ро ба маънии “садои Худо, овози ботин, ки ҳангоми иҷрои амалҳо аз худ дарак медиҳад” истифода бурдааст, ки ба “даена”-и зардуштия аз ҷиҳати шакл ва мазмун хеле наздикӣ дошта, нишонаи таъсирпазирӣ аз фалсафаи зардуштия мебошад [10].

Истилоҳи юнонии «συνείδησις» (лотинӣ – conscientia, русӣ – совесть, тоҷикӣ – виҷдон)-ро бори аввал дар Юнони қадим стоикҳо истифода бурданд [9]. Пайрави таълимоти стоикӣ – Сенека мушаххасан «покии виҷдон»-ро ҳамчун сарчашмаи худкифоӣ ва ҷазо барои амалҳои нохуби содиркарда, инчунин муҳиммияти он таъкид мекунад.

Арасту дар заминаи таҳлили мафҳуми шуҷоат, виҷдонро бо амали бохирадона вобаста медонад ва ҳамчун мутафаккири таъсисдиҳандаи ситемаи нави донишҳо, ба масъалаи “виҷдон” ба таври хос дахл намуда, андешаҳои ҷолиберо ироа намудааст. Ӯ чунин мешуморад, ки омили асосии ташаккули инсон, ин “асоси асосҳо – руҳи бохирад” мебошад. Руҳи бохирад, ин руҳи накӯкору бофазилат, дорои ҳуш, ақлу зеҳн ва фаъол аст. Танҳо руҳи бохиради ҳушманд метавонад, фазилату накӯиро омӯзад. Виҷдон яке аз фазилатҳои руҳи инсон буда, бояд тарбият ва парвариш ёбад. Руҳи инсон ҳамчун барандаи фазилату накукорӣ имконияти аз худ кардани донишҳо дар бораи хайр, ҳақиқат ва адолатро дорад. Барои далеру ҷасур, боадолат ва бовиҷдон будан, бояд донист, ки дар кадом соҳаи илм ва фаъолият онҳо дохил мешаванд, бояд донист, ки онҳо сифатҳои инсон ва ҷамъият маҳсуб меёбанд. Бофазилат ва накӯкор будан, маънои бовиҷдон буданро дорад. Накукорӣ ҳамчун раванде баррасӣ мешавад, ки онро шахс дар мавҷудияти худ тасдиқ мекунад. Фазилати виҷдон тарбияи руҳониро дар назар дорад, ки ба гуфтаи Арасту, бе руҳи оқил наметавонад онро анҷом диҳад. Руҳе, ки аз ақл илҳом гирифтааст, ҳадафи зиндагӣ аз рӯйи виҷдонро мегузорад, қувваи ҳаётан муҳим мегардад. Руҳи оқил чизи ҷудонашаванда аст, ки дар худ фазилатҳои зиёдеро фаро мегирад ва ба шахс имкон медиҳад, ки мавҷудияти иҷтимоӣ бошад. Фазилату накукорӣ ҳамчун сифати руҳ бо хайру накуии инсон алоқамандӣ дошта, он ченаки амалҳои ахлоқӣ мебошад. Хайр, аз нигоҳи Арасту, он чизе аст, ки ба дастурҳои худовандӣ мувофиқат мекунад. Танҳо хиради худовандӣ бехато, боадолат ва фарогир аст, бинобар ин, бовиҷдон аст. Руҳи бохирад бе виҷдони накукор наметавонад ҳувайдо гардад. Виҷдони бофазилат руҳро фаъол мегардонад ва он бо хирад алоқаи наздик дорад (Боиси қайд аст, ки ин тарзи баён дар зардуштия мушаххасан ва бо ҳамин тартиб таъкид гардидааст – А.А.А.).

Тарбияи накӯкорӣ ва фазилат, ин дастоварди камолот дар ҳама намуди фаъолияти инсон аст. Метавон гуфт, ки виҷдон ин фазилати мусаллаҳ бо донишҳо ва дар асоси мутобиқат бо ин донишҳо амалкунанда мебошад. Инсони бофазилат, яъне тарбияи зарурӣ дошта, аз рӯйи талаботи виҷдон зиндагӣ ва фаъолият мекунад, зеро ӯро дониш ва рӯҳи бохирадаш роҳнамо аст. Шакли зуҳури виҷдон дониш ва тафаккуре, ки бо худшиносӣ ва фаъолияти инсон алоқамандӣ дорад, мебошад. Омили муҳимми тарбияи виҷдон давлат ба ҳисоб меравад. Давлат ба шаҳрвандон фазилату накуии амалҳоеро мехоҳад, ки бе доштани онҳо ба ҳолати хайру бақо расидан ғайриимкон аст. Ҳаёт дар давлат ҷавҳари иҷтимоӣ-табиии инсон маҳсуб меёбад [2]. Ҳамин тавр, Арасту хулоса мекунад, ки виҷдон – ин қазовати инсони нек ва бофазилат аст. Вале барои бедор кардани виҷдони нафарони бадкирдор, истифодаи қувва, яъне дар рӯяш бо мушт заданро низ тавсия додааст [14].

Қайд кардан зарур аст, ки масъалаи виҷдон, дар фарҳанги исломӣ низ ба таври фаъол вомехӯрад. Худи калимаи “дин”, ки гӯё калимаи арабӣ аст, аз ҷиҳати шаклу мазмун, иқтибосшуда аз калимаи “даена”-и зардуштия аст. Муносибат ба виҷдон дар ислом бештар хусусияти эътиқодӣ дошта, дар он ҷанбаҳои илмиву фалсафӣ камтар дида

мешавад. Дар фарҳанг ва ахлоқи эътиқодӣ “виҷдон” ва “имон” ба як маъно истифода гардида, диндорӣ ё эътиқод ба Худоро ифода менамояд.

Шарҳи “виҷдон”-ро аз рӯйи ҳадисе аз Пайғамбари ислом метавон хулоса кард: марде ба назди ӯ омад ва гуфт, ки суоле дорад ва мепурсад, ки тақво ва гуноҳро барояш шарҳ диҳад. Пайғамбар се ангушти худро ҷамъ карда, ба синаи он мард ишора карда мегӯяд: Эй мард, бо дилат маслиҳат кун (мазмунан нақл гардид – А.А.А.). Яъне, Худо шинохти неку бадро ба сурати як илҳом ба қалби ҳар башаре ворид кардааст, ки он виҷдон ва ё имон аст. Муҳаққиқони исломӣ ба категорияи асосии ахлоқӣ будани виҷдон ишора намуда, қайд мекунанд, ки амалҳое ахлоқианд, ки аз виҷдон илҳом гирифта бошанд.

Орифи мутафаккир Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ (1207-1273) дар ин маврид қайд мекунад, ки виҷдон дар ботини ҳар нафар мавҷуд буда, ҳарчанд диданашаванда аст, вале вобаста ба ҳар амал хеле равшан худро зоҳир мекунад: “Сироҷиддин гуфт, ки масъалае гуфтам, андаруни ман дард кард. Фармуд он муваккилест, ки намегузорад, ки онро бигӯйӣ. Агарчи он муваккилро маҳсус намебинӣ, валекин чун шавқ рондану алам мебинӣ, донӣ, ки муваккиле ҳаст. Масалан, дар обе меравӣ, нармии гулҳову райҳонҳо ба ту мерасад ва чун тарафи дигар меравӣ, хорҳо дар ту мехалад; маълум шуд, ки он тараф хористон асту нохушию ранҷ аст ва он тараф гулистону роҳат аст, агарчи ҳар дуро намебинӣ. Инро виҷдоне гӯянд аз маҳсус зоҳиртар аст. Масалан, гуруснагию ташнагӣ ва ғазабу шодӣ ҷумла маҳсус нестанд, аммо аз маҳсус зоҳиртар шуд. Зеро агар чашмро фароз кунӣ, маҳсусро набинӣ» [4].

Дар “Маснавӣ” низ ба ин масъала таваҷҷуҳ гардида, Мавлоно таъкид мекунад, ки дарки виҷдон тавассути ҳис сурат гирифта, ҳар касе виҷдонро инкор мекунад, чунин маъно дорад, ки ӯ ҳиссиёти худро инкор кардааст. Баръакс, ҳисси виҷдонӣ аз дигар ҳиссиёт, ба монанди хашму ғазаб, сериву гуруснагӣ ва ғайра зиёдтар аст, зеро дигар ҳиссиётро манъ кардану қонеъ шудан имкон дорад, вале ҳисси виҷдониро идора кардан номумкин аст:

Дарки виҷдонӣ ба ҷойи ҳис бувад,
Ҳар ду дар як ҷадвал, эй ам, меравад.
Нағз меояд бар ӯ кун ё макун,
Амру наҳйу моҷароҳову сухун. [1, 521]

Мавлоно виҷдонро ба ҳайси қувваи мустақил ва ихтиёр ба худ шарҳ медиҳад, ки дар ботини инсон ва ҳатто ҳайвонот амал мекунад. Яъне, агар марде шутурро бо чӯб мезанад, ё сагеро бо санг мезанад, сагу шутур на ба воситае, ки ба ӯ ҷабр расонид, яъне сангу чӯб, балки ба марде, ки ин сангу чӯбро истифода бурдааст, ҳуҷум мекунанд, зеро мустақилона медонад, ки:

Хашм дар ту шуд баёни ихтиёр,
То нагӯйӣ ҷабриёна эътизор.
Гар шутурбон уштуреро мезанад,
Он шутур қасди зананда мекунад.
Хашми уштур нест бо он чӯби ӯ,
Пас, зи мухторӣ шутур бурдаст бӯ.
Ҳамчунин саг, гар бар ӯ санге занӣ,
Бар ту орад ҳамла, гардад мунсанӣ.
Сангро гар гирад, аз хашми ту аст,
Ки ту дурию надорад бар ту даст.
Ақли ҳайвонӣ чу донист ихтиёр,
Ин магӯ, эй ақли инсон, шарм дор. [1, 522]

Инсон, ба ақидаи Мавлоно, дар иҷрои амалҳои худ мустақил ва соҳибихтиёр аст. Ба монанди Арасту, Мавлоно низ таъкил мекунад, ки инсон бояд фазилату накӯиро дар худ тарбия намуда, аз рӯйи талаботи виҷдон зиндагӣ кунад. Вале инсонҳо аз сабаби мустақиливу соҳибихтиёрии хеш, гоҳҳо ба амалҳои ношоиста ва номатлуб даст мезананд

ва костагии ахлоқии хешро беасос ба тақдир ва қазову қадар, «соҳибихтиёр набудани инсон дар аъмоли хеш ва қаблан муайян будани тақдир аз ҷониби Худо» нисбат медиҳанд. Мавлоно дар «Маснавӣ» ин гуна афкорро сахт танқид, масхара ва сарзаниш намуда таъкид мекунад, ки барои виҷдони бадкореро бедор кардан, «ду-се мушт задан дар сараш» лозим аст:

Гуфт дузде шаҳнаро, к-эй подшоҳ!
Он чи кардам, буд он ҳукми Илоҳ.
Гуфт шаҳна: – «Он чи ман ҳам мекунам,
Ҳукми Ҳақҡ аст, эй ду чашми равшанам!»
Аз дӯконе гар касе турбе барад,
К-ин зи ҳукми Эзад аст, эй бохирад!
Бар сараш кӯбид ду-се мушт: – «Эй кареҳ!
Ҳукми Ҳақҡ аст ин, ки ин ҷо боз неҳ!» [1,522]

Одамоне, ки дидаву дониста ба амалҳои ношоиста даст мезананд ва баъди ошкор шудану дастгир гардидан, масъулияти гуноҳу бевиҷдониро ба тақдиру ҳукми Худо нисбат медиҳанд, Мавлоно ҳукми мантиқӣ медиҳад, ки дар ҳеҷ миллату дин таълим нест, ки барои содир кардани гуноҳ ҳавола ба тақдир гардад ва ҷазо дода нашавад. Барои исботи гуфтаҳояш, Мавлоно ҳикоятеро меорад, ки марде барои дуздии мева ба боғе медарояд. Боғбон ӯро мушоҳида намуда, барои амали дуздиву шармовар сарзаниш мекунад. Вале дузд даъво мекунад, ки ман бандаи Худоам ва аз боғи Худо меваи офаридаи Худоро мехӯрам. Дар ҷавоб боғбон ресмонеро гирифта, дуздро баста, бо чӯб задан мегирад, ки ӯ низ аз ноилоҷӣ фармони Худоро иҷро карда истодааст. Дузд мебинад, ки боғбон марди зиракест, аз амали кардааш тавба карда, эътироф мекунад, ки ӯ на бо иродаи Худо, балки бо ихтиёри худаш даст ба дуздӣ задаву бевиҷдонӣ кардааст:

Он яке мерафт болои дарахт,
Мефишонд он мевароduздона сахт.
Соҳиби боғ омаду гуфт: – «Эй данӣ,
Аз Худо шармет ку? Чӣ мекунӣ?»
Гуфт: – «Аз боғи Худо бандаи Худо
Гар хӯрад хурмо, ки Ҳақ кардаш ато.
Омиёна чӣ маломат мекунӣ?
Бухл бар хони Худованди ғанӣ?»
Гуфт: – «Эй айбак, биёвар он расан,
То нагӯям ман ҷавоби булҳасан».
Пас бибасташ сахт он дам бар дарахт,
Мезад ӯ бар пушту соқаш чӯб сахт.
Гуфт: – «Охир, аз Худо шарме бидор,
Мекушӣ ин бегунаҳро зори зор».
Гуфт: – «Аз чӯби Худо ин бандааш
Мезанад бар пушти дигар банда х(в)аш.
Чӯби Ҳаққу пушту паҳлӯ они ӯ,
Ман ғуломи олату фармони ӯ».
Гуфт: – «Тавба кардам аз ҷабр, эй аёр,
Ихтиёр аст, ихтиёр аст, ихтиёр».
Ихтиёрот ихтиёраш ҳаст кард,
Ихтиёраш чун саворе зери гард. [1,522]

Мутафаккирони аврупоии давраи эҳё ба масъалаи виҷдон бештар таваҷҷуҳ намуда, аз ҷиҳати илмиву фалсафӣ онро ба таври гуногун ва гоҳҳо мутазод шарҳу тафсир намудаанд, вале бо дарназардошти маҳдудияти мақола, нигоҳи иҷмолиеро кофӣ мешуморем.

Тавре қайд гардид, шинохти виҷдон, шарҳу тафсир ва масъалагузории он гуногун буда, ин гуногуниро дар ду назарияи ба ҳам муқобил метавон нишон дод: таҳаввулотӣ ва

ҳиссӣ. Тарафдорони равияи якум, ба монанди Ф.Нитшсе инкишофи виҷдонро аз шароити равонӣ ва иҷтимоии ҳаёти инсон шарҳ дода, равияи дуюм виҷдонро бо табиати инсон ё бо неъмати объективӣ, ба монанди И.Кант алоқаманд медонанд.

Омӯзиши таърихи таълимоти фалсафӣ дар бораи виҷдон нишон медиҳад, ки он хеле пурпечутоб ва пурбаҳс буда, то ҳол дар шинохт ва тафсири он ягонагӣ дида намешавад [9]. Ин баҳсҳо асосан вобаста ба ҷаҳонбиниҳои ба ҳам оштинопазири фалсафӣ марбут ҳастанд. Лекин барои мо ҳоло зарур аст, ки дар бораи масъалаи виҷдон ба таври умумӣ тасаввурот дошта бошем ва бароиислоҳи бӯҳрони ахлоқӣ дар ҷомеа омили виҷдониро ба кор барем.

Ақидае мавҷуд аст, ки дар замони ҳозир тамаддуни ғарбӣ, ки дар муддати дусад соли охир аз ҳама пешрафта ва дар сатҳи баланд муташаккил арзёбӣ мегардид, дигар наметавонад инсониятро аз бӯҳрони ахлоқӣ наҷот диҳад. Илова бар ин, таназзули силсилаҳои ахлоқӣ дар Ғарби муосир бонги хатар ба ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад. Зеро таъсири тамаддуни ғарбӣ, ки дар ин ҳолат қарор дорад, ба фазои ҷаҳонӣ таъсири калон дошта, дар фарҳангҳои дигар миллатҳо реша давондааст. Бӯҳрони ин тамаддун ба инсоният оқибатҳои фоҷиавӣ ва вайронкориҳои пешгӯйинашаванда ба бор хоҳад овард [1,4]. Ҳолати мазкур вокуниши ҷиддии олимони ҷомеашинос, файласуфон ва умуман зиёиёнро ҳатто дар худи Аврупо ба миён оварда, онҳоро барои ҷустани роҳи наҷот водор кардааст. Донишмандони соҳаҳои қайдшуда, ба таври оммавӣ фарёду эътироз накарда, дар осорашон афкору мавқеи худро баён мекунанд, ки таъсираш камтар ё дар сатҳи зарурӣ ба гӯши ҷомеа намерасад. Лекин намояндагони санъату ҳунар ва синамо дарди даруни худ, костагиҳои ахлоқӣ дар ҷомеаро баён медоранд. Ален Фабен Морис Марсел Делон, актёри театр ва кино, кинорежиссёр, сенарист ва продюсери фаронсавӣ қабл аз маргаш эътирози худ доир ба костагиҳои ахлоқӣ дар ҷомеа, бевиҷдонии оммавӣ ва чизпарастиву дигар ҳолатҳои дар ҷомеаи Аврупо ҳукмфармо бударо дар ин шакл баён намуда буд: "Ман ин давронро чашми дидан надорам. Ман аз дидани ин ҷомеа дар худ мепечам. Ман ин одамонро чашми дидан надорам. Ҳама дурӯғ, ҳама қалбакӣ. Эҳтиром дигар вуҷуд надорад. Ҳеҷ кас ваъдаву уҳдадории худро иҷро намекунад. Танҳо пул эътибор ва маъно дорад. Ҳар рӯз, аз саҳар то шом мо дар бораи ҷинояткорӣ мешунавем. Ман медонам, ки ин дунёро тарк мекунам, вале бе афсус хӯрдан тарк мекунам…». Таъсиргузории ахлоқи аврупоӣ дар муҳити фарҳангӣ ва ҷаҳонбинии ҷомеаи мо низ мушоҳида мегардад. Зеро бо таъмин гардидани технологияҳои муосири иттилоотӣ ва имкониятҳои интернетӣ, фарогиршавии ҷаҳони маҷозӣ ҳамин гуна вазъияти бади ахлоқӣ дар лаҳзае ба муҳити фарҳангӣ ва ахлоқии мо низ мерасад ва чун дар назари аҳолӣ, ки гӯё фарҳанги аврупоӣ беҳтару пешрафта аст, бе таҳлилу танқид дар ҷомеаи мо низ қабул мегардад.

Дар ҳақиқат, вақте донишмандони аврупоӣ дар бораи бӯҳрони ахлоқии мавҷуда бонги хатар мебардоранд ва аз "Ғуруби (ахлоқии – А.А.А.) Аврупо" [7] ва "Марги (ахлоқии – А.А.А.) Аврупо" [12] инсониятро огоҳ мекунанд, аҳли зиёи мо низ ҷиддан бояд чораҳои пешгирикунандаро роҳандозӣ намоянд. Зеро ягона қуввае, ки метавонад, ҳолати мавҷударо ислоҳ ва ҷомеаро роҳнамоиву тарбия намоянд, маҳз аҳли илм ва зиёи кишвар мебошанд. Дар ин роҳ танҳо виҷдони пок, самимият, масъулият ва устуворӣ лозим аст. Мавқеъ ва рӯшангарии аҳли зиёро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барҳақ, "Зиёиён хазинаи тиллоии миллатанд!" гуфтаанд ва ин қишр рисолати асосии худро барои ҳифзу пойдории арзишҳои фарҳангиву ахлоқӣ бояд иҷро намоянд.

Ба таври хулоса метавон қайд кард, ки дар ҳар гуна шакли ҷаҳонбинӣ, хоҳ материалистӣ, хоҳ идеалистӣ ва ё таври дигар, масъалаи виҷдон мавриди таваҷҷуҳ аст, аммо ба таври хоссаи ҳамон ҷаҳонбинӣ вуҷуд дошта, ҳамчун воситаи пуртаъсиртарини ботини инсон арзёбӣ мегардад. Дар шароити имрӯза вобаста ба равандҳои дар боло қайдшуда ва ҷаҳонишавӣ, ҷомеа аз бӯҳрони ахлоқӣ-равонӣ нигарон аст ва омӯзиши масъалаи виҷдон ҳамчун арзиши ахлоқӣ ва таҳлили аксиологии он, метавонад таъсири мусбати худро расонад.

Бинобар ин, вобаста ба тарзи ҷаҳонбинии навин, виҷдон бояд ҳамчун яке аз фазилатҳои руҳи инсон тарбият ва парвариш ёфта, костагиҳои ахлоқӣ ва буҳрони мавҷудаи ахлоқии ҷомеаро бартараф созад. Зеро он талаботи инсон барои эҳсоси масъулият доир ба амалҳои содиркардааш мебошад. Пурзӯр будани эҳсоси виҷдон, ин имконияти мустақилона ташаккул додани уҳдадориҳои ахлоқӣ ва амалӣ намудани худназораткунии ахлоқӣ, инчунин имконияти талаб кардан аз худ барои иҷро ва худбаҳодиҳӣ ба амалҳои содиркарда мебошад. Виҷдон, ин эҳсоси ботиние аст, ки дар сурати бо фазилату накӯӣ тарбияти заруриро гирифтан, ҳангоми содир кардани амали нодуруст аз худ дарак дода, инсонро ба пушаймонӣ водор мекунад. Виҷдон мисли даррандаи тезчанголе аст, ки ҳангоми содир кардани амали номатлуб дили инсонро мехарошад. Онро ба қутбнамое монанд мекунанд, ки ҳангоми пеш омадани масъалаҳои ахлоқӣ ба инсон самти дурустро нишон медиҳад.

Вазифаи виҷдон, ҳамчун арзиши муҳимми ахлоқӣ аз он иборат аст, ки дар навбати аввал дар муносибатҳои байни одамон таъсири зарурии худро устувор намуда, барои ислоҳи костагии арзишҳои ахлоқии ҷомеа таъсирбахш мебошад. Зеро тавре маълум аст, бе эҳсоси виҷдон масъалаҳои дигари аксиологӣ, ба монанди адолат, инсондӯстӣ, шараф ва ғайра устувор набуда, то дараҷае тасаввурнопазир мебошанд. Шахсе, ки эҳсоси баланди виҷдондорӣ мекунад, ҳомили инсондӯстӣ ва адолат аст ва наметавонад ба амалҳои номатлуб ва ғайриахлоқӣ чашм пӯшад. Маҳз виҷдон воситаи ташаккули шахсият мебошад.

Дар ҳақиқат, виҷдон эҳсоси покиза ва қимматтарин буда, тавонотар аз ҳамаи эҳсосу қувваҳост. Виҷдони пок беҳтарин ҳимоятгару ҳамроҳи доимии инсон аст. Шахси бе виҷдон метавонад ба Ватан, халқ, ҳатто ба фарзанду модари худ хиёнат кунад.

Дар шароити имрӯза, ки таҳдидҳои гуногун, ба монанди бадшавии ҳолати руҳӣ-равонӣ ва муносибатҳои байни одамон, таассубу хурофот, ҷангу хунрезӣ, терроризму экстремизм, амалҳои коррупсионӣ, гардиши ғайриқонунии маводи нашъадор, фиребу бадкориҳои дигар пешорӯи мо истодаанд, аз ҳар вақта дида шахсони поквиҷдону дурандеш дар ҷомеа лозиманд. Албатта, он муаллиме, ки бо амри виҷдон амал мекунад, бе дониши мукаммал ва омодагии зарурӣ ба назди хонанда намедарояд. Духтуре, ки соҳибвиҷдон аст, ба беморон дуруштӣ накарда, хуб муолиҷа мекунад. Шоир ё нависандае, ки бо дарки виҷдон асар эҷод мекунад, мардумро ба сулҳу дӯстӣ даъват намуда, ҷудоиандозиву бадкориро маҳкум мекунад ва дар тарбияи ҷомеа саҳм мегузорад. Яъне, амри виҷдон ва риояи талаботи он ба ҳама чун обу ҳаво зарур аст. Виҷдон дар ҷаҳони ботинии ҳар як инсон хуршедест, ки роҳи шахсро дар зиндагӣ мунаввар месозад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, барои мо зарур аст, ки бо истифода аз ҳама гуна роҳу усулҳо ҷомеа ба масъалаи виҷдон ва виҷдондорӣ ҷалб гардад. Барои амалӣ кардани ин мақсад, ба таври мушаххас чорабиниҳои зерин пешниҳод мегарданд:

1) Ташкил ва роҳандозӣ намудани чорабиниҳои илмӣ дар доираҳои илмиву таълимии кишвар;

2) Бо ҷалби олимон ва зиёиёни кишвар, инчунин доираи васеи намояндагони ҷомеа, ташкил ва роҳандозӣ намудани суҳбату мубоҳисаҳо дар радиову телевизион ва шабакаҳои интернетӣ;

3) Бо ҷалби аҳли санъату фарҳанг омода намудани барномаҳои театрӣ, филм, сурудҳо ва ғайра;

4) Таъсиси маҳфилҳои илмиву фарҳангӣ дар муассисаҳои таълимӣ, ташкили озмунҳо ва дигар чорабиниҳои фарҳангӣ-маърифатӣ;

5) Таҳия ва таълифи маводи публитсистӣ-таблиғотӣ оид ба мавзуъҳои муҳиммияти виҷдондорӣ вобаста бо мавзуъҳои ватандустӣ, ҳисси шаҳрвандӣ ва худшиносӣ, ҳифзи марзу буми аҷдодӣ, арҷгузорӣ ба ниҳоди оила, қарзи фарзандӣ ва ғ., тавассути ВАО паҳн кардани онҳо;

6) Бо ҷалби руҳониён, ташкилотҳои динӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамчун қишри тарғибкунандаи ахлоқи ҳамида дар ҷомеа, ташкили суҳбату маърузаҳо дар мавзуъҳои мушаххас оид ба муҳиммияти виҷдондорӣ ҳамчун асоси накукории одамон;

7) Бо роҳи таҳияи реклама ва роликҳои иҷтимоӣ гузоштани лавҳаҳои тарғиботӣ дар мавзуъҳои виҷдондорӣ дар ҷойҳои намоёни корхонаву муассисаҳо ва доираҳои таълимиву тарбиявӣ, инчунин роҳандозӣ кардани ҳамин усул тариқи шабакаҳои иҷтимоӣ.

**АДАБИЁТ:**

1. Балхӣ, Мавлоно Ҷалолуддин. Маснавии маънавӣ Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ. Таҳияву тадвини матн бо муқаддима ва луғатномаи мухтасар аз Алии Муҳаммадии Хуросонӣ, Баҳриддин Ализода ва Мубашшир Акбарзод. – Душанбе: Адиб, 2022. – 728с.
2. В мире науки и искусства: вопросы филологии, искусствоведения и культурологии – № 10 (65). – 2016.
3. Егоров А.В. Совестология как научная область знаний о культуре совести. В мере науки искусства: вопросы филологии, искусствоведения и культурологии /Сб. ст. по материалам междунар. Науч. практ. Конф., №1 (44). – Новосибирск: Изд. СибАК, 2015. – 120с.
4. Мавлоно Ҷалолуддини Румии Балхӣ. Фиҳи мо фиҳи [Матн] / Румии Балхӣ Мавлоно Ҷалолуддин. – Душанбе, 2018. – 192с.
5. Мухаммади Алишер. Аксиологические проблемы этики суфизма. [Текст]:дис. Канд. Философ. Наук: 09.00.03 – История философии. – Душанбе, 2016. – 154с.
6. Раҳмон Эмомалӣ. Чеҳраҳои мондагор. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – 364саҳ.
7. Шпенглер О. Закат Европы. В 2-х томах. – М: Айрис Пресс, 2004. – Т. 1 и 2
8. Истилоҳи «Совесть» [Сарчашмаи электронӣ]. Речаи дастрасӣ: https://ru.wikipedia.org/wiki/ (санаи муроҷиат: 17.08.2024).
9. Истилоҳи «даймоний» [Сарчашмаи электронӣ]. Речаи дастрасӣ: https://ru. wikipedia. org/wiki/ (санаи муроҷиат: 24.09.2024).
10. Мақолаи «Зороастризм» [Сарчашмаи электронӣ]. Речаи дастрасӣ: https://ru. wikipedia.org /wiki/ (санаи муроҷиат 02.04.2024).
11. Патрик Дж Бьюкенен, Смерть Запада [Сарчашмаи электронӣ]. Речаи дастрасӣ: https://stavroskrest.ru/sites/default/files/files/books/byukenen_p_smert_zapada.pdf (санаи муроҷиат: 17.06.2024).
12. Соловьев В.С. Оправдание добра. [Сарчашмаи электронӣ]. Речаи дастрасӣ: https://iphras.ru/ elib/Soloviev_Opr_dobra.html (санаи муроҷиат 12.06.2024).
13. Федор Журавлев, Слава важнее смерти: как древние греки придумали стыд. [Сарчашмаи электронӣ]. Речаи дастрасӣ: https://knife.media/greek-shame/ (санаи муроҷиат: 24.09.2024).
14. Цитаты известных личностей. [Сарчашмаи электронӣ]. Речаи дастрасӣ: https://ru. citaty.net/tsitaty/472960-aristotel-chtoby-razbudit-sovest-negodiaia-nado-dat-emuposhch... (санаи муроҷиат: 14.06.2024).

УДК: 141.4 (168.3)

# АНДЕШАҲОИ КАРЛ ПОППЕР ВОБАСТА БА ҲАСТИИ МУТЛАҚ

(дар асоси мусоҳибаи ӯ бо Эдвард Зерин)

**ШОДИЕВ К.О.**

*Муаллими калони кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии Дангара*

*Мақолаи мазкур дар хусуси мусоҳибаи Карл Поппер бо Эдвард Зерин, ки вобаста ба масъалаи методология, меъёри илмият ва ҳастии мутлақ мусоҳиба гузаронида буд, баҳс намуда, андешаҳои ӯро вобаста ба ҳастии мутлақ, яъне Худо мавриди баррасӣ қарор додааст. Муаллиф дар мақолаи мазкур, пеш аз ҳама, дар хусуси меъёри илмияти Карл Поппер диққат дода, сипас ҳастии мутлақ ва дину диндориро, ки бевосита аз суҳбати худи ӯ маншаъ мегирад, мавриди санҷиш ва омӯзиш қарор додааст. Муаллиф қайд менамояд, ки Карл Поппер ҳастии мутлақро дар доираи масъалаҳои метафизикӣ баррасӣ намудааст ва он наметавонад санҷидашаванда бошад. Аз ин лиҳоз, масъалаи мазкур дар фалсафаи Карл Поппер ба масъалаи ғайриилмӣ марбут аст.*

**Калидвожаҳо:** *Карл Поппер, Эдвард Зерин, меъёр, меъёри илмият, методология, ҳастии мутлақ, Худо, ҳастӣ, дин, эҳсос.*

# МЫСЛИ КАРЛА ПОППЕРА ОБ АБСОЛЮТНОМ БЫТИИ

(на основе его интервью с Эдвардом Зерином)

**ШОДИЕВ К.О.**

*Старший преподаватель кафедры гуманитарных дисциплин Дангаринского государственного университета*

*В данной статье рассматривается дискуссия Карла Поппера с Эдвардом Зерином, который провел беседу, связанную с вопросом методологии, научныех критериев и абсолютного бытия, и изложил свои мысли об абсолютном бытии, то есть Боге. В этой статье автор прежде всего обратил внимание на научные стандарты Карла Поппера, а затем рассмотрел и изучил абсолютное бытие, религию и религиозность, берущие начало непосредственно из его собственного разговора. Автор отмечает, что Карл Поппер рассматривал существование Всевышнего в рамках метафизических вопросов и оно не подлежит верификации. С этой точки зрения, данная проблема в философии Карла Поппера выступает как ненаучная проблема.*

**Ключевые слова:** *Карл Поппер, Эдвард Зерин, критерии, научные критерии, методология, абсолютное бытие, Бог, существование, религия, чувство.*

# KARL POPPER'S THOUGHTS ON THE ABSOLUTE EXISTENCE

(based on His interview with Edward Zerin)

**SHODIEV K.O.**

*Senior Lecturer of the Department of Humanities of Dangara State University*

*This article examines Karl Popper's interview with Edward Zerin, who conducted an interview related to the issue of methodology, scientific criteria and the absolute existence, and expressed his thoughts about the absolute existence, that is, God. In this article, the author first paid attention to the scientific standards of Karl Popper, and then examined and studied the absolute existence and religion and religiosity, stemming directly from his own conversation. The author notes that Karl Popper considered the existence of the Almighty within the framework of metaphysical issues and it cannot be verified. From this point of view, this question in the philosophy of Karl Popper is connected with the question of non-science.*

**Keywords:** *Karl Popper, Edward Zerin, criteria, scientific criteria, methodology, absolute existence, God, existence, religion, feeling.*

Файласуфи машҳури австриягӣ ва британиёӣ Карл Поппер дар хусуси ҳаққонияти назария ва ибдолпазирии он баҳс карда, таъкид кардааст, ки тавассути таҷриба мо метавонем дурӯғ будани як изҳоротро баҳо диҳем, аммо ҳеҷ гоҳ ҳақиқати онро наметавонем собит созем, зеро "...ҳақиқати мутлақ вуҷуд надорад, аммо роҳе ба ҳақиқати мутлақ вуҷуд дорад" [4, 277-278]. Ба андешаи ӯ, илм на ҳақиқати мутлақ, балки назарияҳоеро дар миён мегузорад, ки аз дигар назарияҳо беҳтар ва санҷидашаванда маҳсуб меёбад.

Ҳамин тавр, ҳарчанд дониш афзоиш ёбад ҳам, ба ақидаи ратсионалистони интиқодӣ расидан ба Ҳақиқати Мутлақ имконнопазир аст, танҳо метавон ба он наздик шуд. Аммо ин ҳақиқати дастнорас аз нигоҳи онҳо чист? Интизор меравад, ки андешаи Поппер ва дигар ратсионалистони интиқодӣ дар бораи ҳақиқат чӣ гунае бошад, ки ба ақидаҳои дигари онҳо мухолифат накунад.

Ҳақиқат чист ва кадом назария ба ҳақиқат наздиктар аст? Ин яке аз муҳимтарин суолотест, ки ратсионализми интиқодӣ дар пайи ҷустуҷӯ ва дарёфти посухи дақиқи он аст. Аз миёни назарияҳои мухталифе, ки дар мавриди ҳақиқат баён шудааст, ақидаи Поппер бо ақидаи ҳаққонияти А.Тарский мувофиқат мекунад. Тарский ҳақиқатро ҳамчун муродиф мувофиқ ба воқеиятҳо медонад. Масалан, иддаои "барф сафед аст", танҳо дар сурате мувофиқат ба воқеият мекунад, ки агар барф воқеан сафед бошад [4,278].

Бояд қайд намоем, ки ба Карл Поппер дар ин масъала ба андешае мерасад, ки роҳи баромадан аз ин мушкилотро дарёфтааст. Поппер ба ҷойи принсипи тафтишшавандагӣ пешниҳод кард, ки принсипи ибтолпазирӣ истифода шавад. Ба таври зайл: барои он ки назария илмӣ ҳисобида шавад, бояд таҷрибаи фарзиявӣ мавҷуд бошад, ки ин назарияро рад кунад. Таҳрифсозӣ ва ибтолпазирӣ назарияро ҳақиқӣ намекунад ва ҳатто кафолат намедиҳад, ки он илмӣ аст, аммо назарияе, ки ба меъёри Поппер мувофиқат намекунад, албатта илмӣ нест.

Чунин ақидаро шогирди Поппер, файласуфи Англияю Венгрия Имре Лакатос дошт. Вай бовар дошт, ки назария худ аз худ илмӣ ё ғайриилмӣ буда наметавонад. Танҳо як силсила назарияҳо метавонанд ин хосиятро дошта бошанд, ки дар он ҳар як назарияи минбаъда таҳияи назарияи қаблӣ мебошад. Пас назарияи нисбият физикаи Нютониро камтар илмӣ намекунад, вай танҳо ҳудуди татбиқи назарияи куҳнаро муайян мекунад [8].

Мақсади асоси мақолаи мазкур дар он аст, ки тавассути меъёрҳои пешниҳоднамудаи Карл Поппер ва назарияҳои ӯ, ба масъалаи вуҷуди Олӣ, яъне Худо аз нуқтаи назари методологӣ ва таҳлилӣ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор диҳад.

Пеш аз ҳама, бояд инро донист, ки Карл Поппер андешаи системативии диниро соҳиб набуда, аз ибрози он дар китобҳо ва мақолаҳои илмияш худдорӣ намудааст. Динро, ӯ – тибқи ҷанбаҳое, ки дар боло зикр шуд, баҳо додааст. Инак, биёед ақидаҳои шахсии Карл Попперро дар бораи ҳастии Худо ва дин аз забони худи ӯ бубинем. Дар ин ҷо бояд миёни модели пешниҳодкардаи фалсафаи дин ва модели пешниҳодкардаи Поппер дар бораи Худо ва дин муқоисаи кӯтоҳ сурат гирад. Дар як мусоҳибаи маъруфе, ки Эдвард Зерин [9], шарқшиноси маъруфи англис дар соли 1969 бо Карл Поппер дар бораи дидгоҳи ӯ дар бораи ҳастии Худо ва дин анҷом дода буд, ба нуктаҳои бисёр муҳим, аз ҷумла бар зидди баъзе навъҳои дунявият буданаш ишора карда, онҳоро мутакаббирона ва ҷоҳилона хондааст ва мутмаин аст, ки бояд тардид карда шаванд. Поппер худро "агностик" меҳисобид. Атеизм дар назари Поппер бо равиши умумифалсафии ӯ, яъне пурсуҷӯйи доимии ӯ зич алоқаманд аст. Эдвард Зерин аз ӯ мепурсад, ки чаро аз шеваи ҳадс ва ибтолпазирӣ дар бораи Худо ва ҳастии он истифода намекунад. Поппер чунин посух медиҳад:

"Беҳтарин дин дар бораи Худо ончунон норавшан сухан меронад ва албатта, ҳақиқат низ ҳамин аст, зеро ба сахтӣ метавон гуфт, ки он чизе нест, ки моддӣ вуҷуд дошта бошад, то битавонем онро озмоем. Ин чизест, ки сирф бо эътиқод ва эҳсосоти мо иртибот дорад. Дин, то ҷойе, ки озмоишпазири таҷрибавӣ бошад, нодуруст аст. Ин як итҳоме нест, зеро ки дин ғайриилм аст. Ман меъёри ибтолпазириро ба хотири фарқияти

илм ворид кардам, то илмро аз он чизе, ки ғайриилм аст, фарқ кунад. Аммо агар чизе, ки илм набошад, ин маънои онро надорад, ки он холӣ аз маъност” [2,50].

Дар идомаи мусоҳиба Эдвард Зерин аз Карл Поппер пурсон мешавад, ки оё Худо дар тафаккури Шумо ҷойгоҳе дорад? Поппер ба суол чунин посух мегардонад: “Ҳарчанд ман яҳудӣ нестам, вале ба хулосае омадам, ки дар ин ҳукми яҳудиён ҳикмати зиёде нуҳуфта аст, ки мегӯяд: «Номи парвардигоратро беҳуда ба забон магир» [2]. Интиқоди ман ба адёни ниҳодона (институтсионалӣ) ин аст, ки ин адён номи Худоро беҳуда истифода мебаранд” [9].

Поппер дар идомаи суҳбат чунин қайд мекунад: “Ман намедонам, ки Худо вуҷуд дорад ё не. Мо шояд бидонем, ки чӣ қадар кам медонем, аммо ин нодонӣ набояд ба дониши мусбат дар бораи сирри амиқи мутлақ табдил ёбад. Дар дунё чизҳои зиёде ҳастанд, ки табиаташон чунин сирри амиқ доранд, вале ман фикр мекунам, ки аз камдонии мо илоҳе сохтан дуруст нест ва инчунин фикр намекунам, ки дуруст бошад ҷаҳли худро табдил ба маърифати мусбат кунем. Баъзе аз шаклҳои атеизм, худхоҳона ва ҷоҳилона ҳастанд ва бояд канор гузошта шаванд, аммо агноститсизм – эътироф кардани он аст, ки мо намедонем ва аз ин рӯ, таҳқиқ мекунем, – қобили қабул аст” [9].

Поппер чунин қайд мекунад: “Ман хушҳол хоҳам шуд, агар Худое вуҷуд дошта бошад, зеро хусусияти вуҷуди Олӣ он аст, ки бояд ба ҳар чизе қодир бошад ва ман ҳисси қадрдонии худро ба Ӯ мутамарказ мекунам. Дунё бо вуҷуди гумроҳие, ки илоҳиётшиносони бад ба вуҷуд овардаанд, ҷойи аҷибест. Ин одамон (яъне илоҳиётшиносон – Ш.К.) бояд барои бисёр ҷангҳо ва ваҳшигариҳо айбдор карда шаванд” [6].

Поппер дар мусоҳибаи зикршуда, ақидаҳои худро нисбат ба шаклҳои дин, махсусан монотеизм (яккахудоӣ) ва политеизм (бисёрхудоӣ) низ иброз дошта, чунин қайд намудааст: “Гарчи монотеизм аз назари фалсафӣ ва эҳсосотӣ бар политеизм бартарӣ дорад, аммо суханони бисёре ба нафъи политеизм метавон гуфт. Сохтори политеизм чунон аст, ки дар он эҳтимоли ба расмият шинохтани адёни дигар бештар аст ва эҳтимоли зиёдаравӣ (ифротгароӣ) дар он боло нест. Дар монотеизм бисёр душвор аст, ки ҷойе барои ҳаққонияти адёни дигар боз кард” [9].

Вобаста ба масъалаи ҳаққонияти динҳо, Поппер аз диди интиқодӣ назар карда, ба таври зайл қайд мекунад: “Тамоми масъала бармегардад ба устураҳое, ки гарчи мумкин аст дар бино ва бунёдашон баҳрае аз ҳаққоният дошта бошанд, аммо дар ниҳоят бардурӯғанд. Пас чаро, бояд устураҳои яҳудиён ҳаққоният дошта бошаду устураҳои Ҳинд ва Миср ҳаққоният надошта бошад?” [9].

Поппер ба ду далел ба соири адён эҳтиром қоил буд: Якум, ин ки Поппер дар бораи Худо чизе намедонад ва дуюм, ин ки шояд баъзе одамон ба дин ниёз доранд ва дар натиҷа шояд дин барои онҳо судманд бошад. Ниҳоятан Поппер қайд мекунад: “Ман фикр намекунам, ки ҳамаи одамон, аз ҷумла худи ман низ, одамони диндор бошем. Мо ҳама ба чизе бовар дорем, ки аз мо муҳимтар ва волотар аст. Албатта, барои тавсифи он калимае ёфтан душвор аст. Ман намехоҳам дини нав эҷод кунам, аммо он чизе, ки мо ба он бовар дорем, он чизест, ки ман онро ***“Олами сеюм”*** [7, 240-247] номидаам. Чизест, ки аз олами воқеии мо берун аст ва мо бо он дар таомул ҳастем ва тариқи он метавонем аз худ фаротар равем” [9].

Аз ақидаҳои Карл Поппер дар хусуси масъалаи ҳастии Худо хулоса баровардан мумкин аст, ки ба андешаи ӯ, мавқеи яке аз муҳимтарин мавзуи дин, яъне ҳастии Худо, он қадар норавшан аст ва гуфтан душвор аст, ки дар ин хусус чизи мушаххасе барои озмоиш вуҷуд дошта бошад. Дар хусуси дин, танҳо чизе, ки ба эҳсосоти мо писанд меояд, вуҷуд дорад. Дин то он ҷойе, ки озмоиш нашавад ва аз меъёри ибтолпазирӣ гузаронида нашавад, ба ҷуз дурӯғ чизи дигаре нест [9]. Ин равиш тӯҳмате нисбат ба дину диндорӣ нест, зеро ки дин ғайриилм аст. Ин танҳо меъёрест бар хилофи диншиносону илоҳиётшиносоне, ки динро аз ҷумлаи илм ва ҳатто аз он бартар низ меҳисобанд, ба ҳисоб меравад.

Поппер қайд мекунад, ки: “Ҳар гуна сухан гуфтан аз Худо, ба наҳве ва ба як маъно, нохушоянд аст. Вақте ба чизе менигарем, ки онро ҳадяи ҳаёт меномем, эҳсоси шукргузорӣ мекунем ва ин эҳсосест, ки бо бархе тасаввуроти динӣ дар хусуси Худо созгор аст. Аммо, ҳамон лаҳзае, ки ҳатто аз чунин масаъала сухан мегӯям, ошуфта мешавам, ки чӣ басо бо сухан гуфтан дар бораи Худо, Ӯро озурда карда бошам” [9].

Агарчи Поппер худро дар ҷойе агностик муаррифӣ мекунад ва дар ҷойи дигар динро ғайриилмӣ мешуморад ва қоил бар он аст, ки чизе дар бораи вуҷуд доштану надошани Худо намедонад, вале аз лиҳози эҳсосот, ки як ҷузъи равоншиносии фалсафӣ ва равоншиносии динист [1, 14-15], ӯ қувва, вуҷуди Олӣ ё мавҷуди мутлақеро эҳсос мекунад, ки дар ниҳояти кор мо онро Худо медонем.

**АДАБИЁТ:**


1. Саид С.Н., Аҳмадов С., Нурулҳақов Қ., Назаров Р. Диншиносӣ. – Душанбе, Маориф, 2019.
2. Шерзод Абдуллозода (Абдуллоев). Асосҳои Диншиносӣ. Зери таҳрири академик М.Диноршоев. – Нашри 2. – Душанбе: Ирфон, 2014.
3. Edward Zerin. Karl Popper on God: The Lost Interview. Skeptic 6, no. 2 (1998).
4. Karl R. Popper. Conjectures and refutations: the growth of scientific knowledge. [Text] Karl R. Popper 1962 Manufactured in the United States of America. New York. – London, 1962. – 410p.
5. Karl R. Popper. The Lesson of this Century: With Two Talks on Freedom and the Democratic State. /[Text] // By Karl Popper, 2nd edition, Taylor & Francis Ltd, 2000, p.50.
6. Али Пая. Бархӯрди ратсионализми интиқодӣ ба дин. [Сарчашмаи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: https://www.zeitoo ns.com/9430#_ftnref17. (санаи муроҷиат: 15.05.2022).
7. Невеев А.Б. Концепция трех миров Карла Поппера в научной теологии Алистера Макграта. [Текст] Вестник русской христианской гуманитарной академии, Выпуск 1, 2020. – С.240-247. [Сарчашмаи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: https:// commons. datacite.org/do (санаи муроҷиат: 06.07.2022).
8. Почему современная наука основана на вере? [Сарчашмаи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: https://habr.com/ru/articles/5638 90/ (санаи муроҷиат: 12.03.2024).
9. Эдвард Зерин. Гуфтугӯ бо Карл Поппер дар бораи дин ва Худо. Қ.1. Дар ду қисм, 23 ва 29-уми сентябри соли 2014 дар вебсайти ***“Iranwire”.*** [Сарчашмаи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: https:// tavaana.org/sites/default/files/karl_popper_on_god-libre.pdf] нашр шудааст: Тарҷума ва муқаддимаи: Ёсир Мирдомодӣ. (санаи муроҷиат: 15.05.2022).

ИЛМҲОИ ҲУҚУҚӢ-ЮРИДИЧЕСКИЕ НАУКИ-LEGAL SCIENCES

УДК: 323.1 (575.3)

# АСОСҲОИ КОНСТИТУТСИОНӢ-ҲУҚУҚИИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ МИЛЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**САЛИМОВ Б.А.**

*Муовини сардори кафедраи фанҳои ҳуқуқии Мактаби олии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон*

*Дар мақола асосҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии таъмини амнияти миллӣ ва дар робита ба ин, масъалаҳои марбут ба маҳдудсозиҳои ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд баррасӣ гардидаанд. Қайд карда мешавад, ки тибқи муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон объекти аввалиндараҷаи таъмини амнияти миллӣ инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ мебошанд. Маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд бояд ҳамвазн ба арзишҳое, ки бо Конститутсия ва қонунҳо ҳифз мешаванд, бошад, ба талаботи адолат мувофиқат кунад ва мувозинати лозимаро миёни манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлат нигоҳ дорад.*

**Калидвожаҳо:** *Конститутсия, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, амнияти миллӣ, мақомоти давлатӣ, маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳо, меъёри конститутсионӣ, вазъияти фавқулодда.*

# КОНСТИТУЦИОННО-ПРАВОВЫЕ ОСНОВЫ ОБЕСПЕЧЕНИЯ НАЦИОНАЛЬНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**САЛИМОВ Б.А.**

*Заместитель начальника кафедры юридических дисциплин Высшей Школы ГКНБ Республики Таджикистан*

*В статье рассматриваются конституционно-правовые основы обеспечения национальной безопасности и связанные с этим вопросы ограничения прав и свобод человека и гражданина. Отмечается, что в соответствии с положениями Конституции Республики Таджикистан, первоначальным объектом обеспечения национальной безопасности выступают человек, его права и свободы. Ограничения прав и свобод человека и гражданина должны быть соразмерны ценностям, защищаемым Конституцией и законами, отвечать требованиям справедливости и учитывать необходимый баланс интересов личности, общества и государства.*

**Ключевые слова:** *Конституция, права и свободы человека и гражданина, национальная безопасность, государственные органы, ограничение прав и свобод, конституционная норма, чрезвычайное положение.*

# CONSTITUTIONAL AND LEGAL FOUNDATIONS FOR ENSURING NATIONAL SECURITY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**SALIMOV B.A.**

*Deputy Head of the Department of Legal Disciplines of Higher School of the SCNS of the Republic of Tajikistan*

*The article discusses the constitutional and legal foundations of ensuring national security and related issues of restricting the rights and freedoms of man and citizen. It is noted that in accordance with the provisions of the Constitution of the Republic of Tajikistan, the initial object of ensuring national security is the person, his rights and freedoms. Restrictions on the rights and freedoms of man and citizen must be proportionate to the values protected by the Constitution and laws, meet the requirements of justice and take into account the necessary balance of interests of the individual, society and the state.*

**Keywords:** *Constitution, rights and freedoms of man and citizen, national security, government bodies, restriction of rights and freedoms, constitutional norm, state of emergency.*

Конститутсия – кафолати таъмини қонуният, амният ва сулҳу суботи давлат ва ҷомеа мебошад. Риояи Конститутсия ва таъмини волоияти қонун вазифаи ҳамаи мақомоти давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳар як фард ҳисоб меёбад.

Конститутсия тақозои онро дорад, ки дар асоси меъёрҳои он Ваҳдати миллӣ таҳким ёфта, пояи он устувор мегардад. Мазмуну муҳтаво ва талаботи моддаҳои алоҳидаи он муайянкунандаи мақому манзалати инсон ва шаҳрванд дар ҷомеа ва дифои ҳуқуқу озодиҳои ӯ мебошад. Ҳамчунин, муқаррароти Конститутсия эҳтиром кардани арзишҳои фарҳангӣ ва муқаддасоти миллӣ, ҳифзи якпорчагӣ ва амнияти ҷомеаро муайян месозад.

Солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дарки мушкилоти амнияти миллӣ ва ташаккули асосҳои конститутсионӣ ва ҳуқуқии таъмини амнияти миллии Тоҷикистон та ғйироти азим ба амал омад. Таҳияи асосҳои конститутсионӣ ва консептуалии таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, стратегия ва консепсияҳо таҷассум ёфтанд. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт нақши асосиро мебозад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо таъкид кардаанд, ки “фақат қабули Конститутсия метавонист барои ҳифзи истиқлол, аз оташи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ берун овардани ҷомеа, барқарор намудани фаъолияти сохторҳои фалаҷшудаи давлатӣ, таъмин намудани амнияти миллӣ, тартиботи ҷамъиятӣ, ба Ватан баргардонидани гурезаҳо, инчунин, ҷиҳати мустаҳкам кардани заминаҳои сиёсиву ҳуқуқӣ, иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангии давлат, шароити мусоиди ҳуқуқиро фароҳам орад”[7].

Бояд таъкид кард, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам сарчашма ва ҳам асоси меъёрии ҳуқуқии таъмини амнияти миллии Тоҷикистон мебошад. Гарчанде истилоҳи «амният» дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаҳои гуногун бо назардошти хусусиятҳои объектҳои ҳифзшавандаи Конститутсия ҳамагӣ 6 маротиба ёдовар гардида бошад ҳам, вале қисми зиёди муқаррароти он бавосита ё бевосита бар асоси принсипу ақидаҳои амнияти миллӣ ифода ёфтаанд. Ғайр аз ин, дар бисёр моддаҳои Конститутсия мафҳумҳое, ки аз рӯйи маънои худ бо истилоҳи «амният» ҳамрадиф мебошанд, мустаҳкам карда шудаанд. Аз ҷумла, ҳуқуқ ба ҳаёт, озодӣ ва дахлнопазирии шахсӣ; ҳифзи давлатии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд; ҳифзи сохти конститутсионӣ; ҳифзи соҳибихтиёрӣ, тартиботи ҷамъиятӣ; таъмини мудофиа, тамомият ва дахлнопазирии ҳудуд; вазъияти фавқулода, ҳарбӣ ва ғайра.

Дар дебочаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипҳои ибтидоии сохти давлатии Тоҷикистон, рушд ва фаъолияти он, ки бо изҳори иродаи халқ қабул шудааст, муқаррар гардидаанд, аз ҷумла: «қисми ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳон будани халқи Тоҷикистон», «худро дар назди наслҳои гузашта, ҳозира ва оянда масъул ва вазифадор донистан», «таъмини соҳибихтиёрии давлати худ ва рушду камоли онро дарк намудан», «озодӣ ва ҳуқуқи шахсро муқаддас шумурдан», «баробарҳуқуқӣ ва дӯстии тамоми миллату халқиятҳоро эътироф кардан» ва «вазифаи худ қарор додани бунёди ҷомеаи адолатпарвар»[1].

Муқаррароти дебоча муфассал дар моддаҳои алоҳидаи Конститутсия инъикос гардида, рушди принсипҳои конститутсионӣ ва меъёрҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан меъёрҳоеро, ки ба таъмини амнияти миллӣ нигаронида шудаанд, муайян намудаанд.

Таъсиси принсипҳои ҳуқуқӣ дар робита ба амнияти миллӣ муҳимтарин омили рушди босуръати Тоҷикистон мебошад. Ин шаҳодати он аст, ки дар ҷомеаи аз ҷониби давлат ташкилшуда амният берун аз низоми ҳуқуқӣ амал карда наметавонад. Бояд тазаккур дод, ки амният ҷузъи муҳимми низоми ҳуқуқии давлат буда, Конститутсия

ҳамчун нуқтаи ибтидоии раванди танзими ҳуқуқии амният дар давлат, ки дар қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии қабулшуда таҳия шудааст, хизмат мекунад.

Мутобиқи моддаи 5 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошанд. Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд». Дар ин модда меъёрҳои махсуси таъмини амнияти миллӣ муқаррар гардидаанд. Сухан дар бораи он меравад, ки объекти аввалиндараҷаи таъмини амнияти миллӣ инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ баромад мекунанд.

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон истилоҳи «амният» ҳам ба маънои васеъ ва ҳам дар робита ба амнияти давлат истифода мешавад. Амнияти миллӣ то имрӯз ҳамчун яке аз кафолатҳои асосии иҷтимоию ҳуқуқӣ, мутаассифона, мақоми пурраи конститутсионӣ нагирифтааст, ки омӯзиши ин масъаларо дар заминаи танзими конститутсионӣ ва ҳуқуқӣ махсусан муҳим месозад.

Дар назди олимони соҳаҳои гуногун, мутахассисон вазифа гузошта шудааст, ки дар бораи рушду фаъолияти минбаъдаи амнияти миллии Тоҷикистони муосир андешаҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок таҳия намоянд. Ҳамаи ин аҳамияти омӯзиши асосҳои конститутсионии амнияти миллии Тоҷикистони муосирро муайян мекунад.

Мафҳуми «амният» бештар бо фаъолияти давлат, артиш, воҳидҳои корҳои дохилӣ, разведка, контрразведка ва ғайра алоқаманд аст. Дар шароити муосир амният масъалаҳои марбут ба хатари ноороміиашавии дохилиро низ дар бар мегирад.

Қобили зикр аст, ки дар конститутсияҳои кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил мафҳуми «амнияти миллӣ» ҳамчун мафҳуми асосӣ истифода шуда, амнияти давлатӣ, экологӣ, иттилоотӣ, ҷамъиятӣ ва ғайра ҳамчун навъҳои он ба ҳисоб меравад.

Консепсияи муосири амнияти миллии Тоҷикистон равиши ҳамгиро дорад. Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» амнияти миллӣ – ҳолати муҳофизатии манфиатҳои ҳаётан муҳими кишвар аз таҳдидҳои воқеӣ ва эҳтимолии дохилию берунӣ фаҳмида мешавад, ки имкон медиҳад ҳуқуқҳои конститутсионӣ, озодиҳо, сатҳи зиндагии шаҳрвандон, соҳибихтиёрӣ, тамомияти арзӣ ва рушди устувори Тоҷикистон, мудофиа ва амнияти давлат ҳифз карда шаванд [2].

Асоси конститутсионию ҳуқуқии амнияти миллӣ дар ваколатҳои асосии мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ дар ин соҳа низ ифода ёфтааст. Мувофики моддаи 9 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳокимияти давлатӣ дар асоси тақсимот ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ амалӣ карда мешавад. Меъёрҳои конститутсионӣ ва ҳуқуқӣ ба ҳар як шохаи ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи амнияти миллӣ ваколатҳои муайян медиҳанд.

Ҳамзамон, лозим ба ёдоварист, ки амнияти миллӣ дар ҳолатҳои алоҳида бо маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд таъмин карда мешавад. Мусаллам аст, ки чунин ҳолатҳо дар қонунгузорӣ бояд муқаррар карда шаванд, вагарна бо баҳонаи таъмини амният ба вуҷуд омадани майл ва имкониятҳо барои таҳти назорати қатъӣ гирифтани рафтор ва фаъолияти шаҳрвандон мумкин аст.

Худи калимаи «маҳдудкунӣ» дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ ба маънои ба ягон ҳуқуқ ё рафтор ҳад гузоштан; доираи озодии касеро танг кардан омадааст [4]. В.А. Лебедев дуруст қайд менамояд, ки маҳдудсозии ҳуқуқӣ метавонад ҳам дар шакли маҳдуд кардан ва ҳам дар шакли уҳдадорӣ ҷорӣ карда шавад [3]. В.А. Четвернин бар ин назар аст, ки дилхоҳ муайянсозии уҳдадорӣ ва масъулияти ҳуқуқии шахсият тавассути санади меъёрӣ-ҳуқуқӣ маҳдудсозии бевосита ё бавоситаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад[8].

Дар қонунгузории байналмилалӣ ва дохилимиллии як қатор давлатҳо ду шакли асосҳои маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд таҳким бахшида шудааст: асосҳои умумии маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ки дар шароити муқаррарӣ мумкин аст ва асосҳои маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҳангоми вазъияти фавқулодда.

Асосҳои умумии маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳои инсон дар шароити муқаррарӣ дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар низ инъикос ёфтаанд. Чунончи, дар қисми 2 моддаи 29 ин санади байналмилалӣ омадааст, ки “Ҳар як инсон дар бобати татбиқи ҳуқуқу озодиҳои худ бояд танҳо ба дараҷае маҳдуд карда шавад, ки аз тарафи қонун фақат бо мақсади таъмини эътирофу эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои дигарон ва қонеъ гардонидани талаботи одилонаи ахлоқӣ, тартиботи ҷамъиятӣ ва осудаҳолии умумӣ дар шароити ҷомеаи демократӣ муқаррар карда шудааст” [9].

Ҳамчунин, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ низ раво будани чанде маҳдудсозиҳои ҳуқуқиро пешбинӣ кардааст. Аз ҷумла, дар банди 3-и моддаи 19 он қайд шудааст, ки ҳуқуқ ба баёни озодонаи афкор барои эҳтироми ҳуқуқҳо ва нуфузи дигар одамон, инчунин барои муҳофизати амнияти давлатӣ, тартиботи ҷамъиятӣ, тандурустӣ ва маънавиёти аҳолӣ бояд бо баъзе маҳдудиятҳои бо қонун муқарраргардида вобастагӣ дошта бошанд. Ғайр аз ин, дар ҳуҷҷати мазкур имконпазирии манъи амалҳои зиддиинсондӯстонаю бадахлоқона – тарғиби ҷанг, ҳама гуна тазоҳурот ба манфиати бадбиниҳои миллӣ, нажодӣ ё динӣ пешбинӣ гардидааст [6].

Тибқи моддаи 4 Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ танҳо чунин маҳдудсозиҳое иҷозат дода мешаванд, ки бо қонун муайян мегарданд ва ин ҳам танҳо ба он хотир аст, ки вай бо табиати ҳуқуқҳои таҳкимёфта мувофиқ меояд ва ҳадаф аз он мусоидат кардан ба некӯаҳволии умумӣ дар ҷомеаи демократӣ мебошад[5].

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати ҷорӣ кардани маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро дар шароитҳои муайян танҳо ба мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодии дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи асосҳои сохтори конститутсионӣ, амнияти давлат, мудофиаи мамлакат, ахлоқи ҷомеа, сиҳатии аҳолӣ ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ раво медонад.

Яке аз масъалаҳои муҳими амниятӣ, ки дар замони муосир ба таъмини амнияти миллӣ рабт дорад, дар банди 5 моддаи 8 Конститутсия пешбинӣ шудааст, ки тибқи он таъсис ва фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсие, ки нажодпарастӣ, миллатгароӣ, хусумат, бадбинии иҷтимоӣ ва мазҳабиро тарғиб мекунанд ва ё барои бо зӯрӣ сарнагун кардани сохтори конститутсионӣ ва ташкили гурӯҳҳои мусаллаҳ даъват менамоянд, манъ аст. Ҳамзамон, меъёрҳои конститутсионии дар ҳамин модда пешбинигардида дар Тоҷикистон фаъолияти ҳизбҳои сиёсии дигар давлатҳо, таъсиси ҳизбҳои хусусияти миллӣ ва динидошта, инчунин маблағгузории ҳизбҳои сиёсӣ аз ҷониби давлатҳо ва созмонҳои хориҷӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва шаҳрвандони хориҷиро иҷозат намедиҳад.

Муқаррарот дар бораи “ҳудуд” мавқеи муҳимро дар таъмини амнияти миллӣ ҳамчун меъёри конститутсионӣ дорост. Мутобиқи моддаи 7 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «ҳудуди Тоҷикистон тақсимнашаванда ва дахлнопазир мебошад». Яъне, тақсимнопазирӣ ва дахлнопазирии ҳудуди давлат яке аз унсурҳои асосии бехатарии давлат буда, ҳифз ва таъмини онҳо яке аз вазифаҳои муҳимтарини давлат аст.

Мусаллам аст, ки аз даст додани ҳудуди давлат, новобаста аз сабабҳо ба вайроншавии тамоми системаи муносибатҳои ҷамъиятӣ оварда мерасонад. Барои ҳамин масъалаи ҳудуд – ин ҳамавақт масъалаи миллат ва амнияти ӯ мебошад, ки ҳалли умумиро тақозо мекунад. Ҳамзамон, меъёрҳои конститутсионӣ ба ягон воҳиди марзию ҳудудӣ имкон намедиҳанд, ки аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бароянд.

Ба ҷуз маҳдудсозиҳои умумии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ки дар шароити муқаррарӣ равост, тибқи талаботи моддаи 46 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон давлат метавонад, ҳамчунин маҳдудсозиҳоро дар вазъиятҳои фавқулода ҷорӣ намояд.

Одатан, вазъияти фавқулода дар мамлакат дар ҳолатҳое, ки он ба ҳастии миллат ё шароити муътадили зиндагии аҳолӣ, мавҷудияти худи давлат таҳдид мекунад ва амалҳои муқаррарии мақомоти давлатии ҳокимият барои ба танзим даровардани чунин вазъият кофӣ нестанд, ҷорӣ карда мешавад. Чунин таҳдидҳо аз инҳо бармеоянд: дигаргуниҳои

ҷиддии харобиовари табиӣ (сӯхторҳо, обхезиҳо, заминларзаҳо, гуруснагӣ, эпидемияҳо ва ғайра), омилҳои берунӣ (амалиётҳои ҷангии давлатҳои хориҷӣ) ва омилҳои дохилидавлатӣ (бадшавии вазъияти иҷтимоӣ-иқтисодии аҳолӣ, муташанниҷ гардидани вазъи сиёсӣ дар ҷомеа). Дар ин маврид давлат баҳри ба эътидол овардани вазъияти баамаломада ва бартарафсозии оқибатҳои манфии он бо мақсади нигоҳ доштани тартиботи ҷамъиятӣ дар қаламрави худ маҷбур аст, чораҳои фавқулода бинад. Ин чораҳо дар навбати аввал маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳои муайяни шаҳрвандон ва ба зиммаи онҳо гузоштани уҳдадориҳои иловагиро пешбинӣ менамоянд. Одатан, ин маънии маҳдудсозии як қисми ҳуқуқу озодиҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ, пурзӯр кардани масъулияти маъмурӣ ва ҷиноятиро дорад.

Ҳамзамон, Конститутсия ҳатто дар давраи вазъияти фақулода маҳдуд кардани чунин ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро, аз қабили ҳуқуқ ба паноҳгоҳи сиёсӣ, баробарӣ дар назди қонун ва суд, ҳуқуқ ба ҳаёт ва дахлнопазирии шахс, ҳуқуқ ба ҳифзи судӣ, эҳтимолияти бегуноҳӣ, дахлнопазирии манзил ва ҳуқуқи муттаҳид шудан, иҷозат намедиҳад.

Гуфтаҳои боло шаҳодати он аст, ки меъёрҳои конститутсионӣ-ҳуқуқӣ асоси таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, пеш аз ҳама ба ҳифзи соҳибихтиёрӣ, асосҳои сохтори конститутсионӣ ва тамомияти арзии давлат равона гардида, дар ваколатҳои конститутсионии мақомоти олии давлатӣ дар соҳаи таъмини амнияти миллӣ таҷассум ёфтаанд. Маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд бояд ҳамвазн ба арзишҳое, ки бо Конститутсия ва қонунҳо ҳифз мешаванд, бошад, ба талаботи адолат мувофиқат кунад, муносиб ва зарур барои ҳимояи арзишҳои муҳимми конститутсионӣ бошад ва мувозинати лозимаро миёни манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлат нигоҳ дорад.

## АДАБИЁТ:


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (қабул шудааст: 06 ноябри соли 1994, бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, аз 22 июни соли 2003, аз 22 майи соли 2016). – Душанбе, 2016. – 64с.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният». Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 28.06.2011 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011, № 6, мод. 434; с. 2014, № 11, мод. 646; с. 2016, № 3, мод. 136.
3. Лебедев В.А. Конституционные основы ограничений прав и свобод человека и гражданина. – №1(122), январ 2017.
4. Назарзода С. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2008.
5. Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ (1966).
6. Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (1966).
7. Сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Сарчашмаи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: https://president.tj (санаи муроҷиат: 09.08.2024).
8. Четвернин В.А. Конституция Российской Федерации: проблемный комментарий. – М., 1997.
9. Эъломияи умумии ҳуқуқи башар: 10 декабри соли 1948 аз ҷониби Ассамблеяи генералии СММ қабул карда шудааст.

УДК: 343.2.7 (575.3)

# ОПЕРАТИВНЫЙ ОПРОС И ЕГО ЗНАЧЕНИЕ В ПРЕДУПРЕЖДЕНИИ И РАСКРЫТИИ ПРЕСТУПЛЕНИЙ

**АХТАМШОЗОДА С.А.**
*Соискатель отдела адъюнктуры Академии МВД Республики Таджикистан*

*В статье рассматривается понятие оперативного опроса и его значение в предупреждении и раскрытии преступлений. Автор на основе научного анализа, учёта мнений ряда учёных и законодательства Республики Таджикистан раскрывает сущность оперативного опроса и предлагает пути совершенствования данного оперативного мероприятия.*

**Ключевые слова:** *оперативный опрос, преступление, оперативно-розыскная деятельность, метод, самостоятельность, конспиративность, информация.*

# ПУРСИШИ ОПЕРАТИВӢ ВА АҲАМИЯТИ ОН ДАР ПЕШГИРӢ ВА ОШКОР КАРДАНИ ҶИНОЯТҲО

**АҲТАМШОЗОДА С.А.**
*Унвонҷӯйи шуъбаи адъюнктураи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон*

*Дар мақола мафҳуми пурсиши оперативӣ ва аҳамияти он дар пешгирӣ ва ошкор кардани ҷиноятҳо баррасӣ карда мешавад. Муаллиф дар асоси таҳлили илмӣ, истифодаи андешаи як қатор олимон ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳияти пурсиши оперативиро ошкор намуда, роҳҳои такмили ин чорабинии оперативиро пешниҳод намудааст.*

**Калидвожаҳо:** *пурсиши оперативӣ, ҷиноят, фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯйӣ, усул, мустақилият, пинҳонӣ, маълумот.*

# OPERATIONAL SURVEY AND ITS IMPORTANCE IN THE PREVENTION AND DETECTION OF CRIMES

**AHTAMSHOZODA S.A.**
*Applicant of the Adjunct Department of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan*

*The article discusses the concept of an operational questioning and its importance in the prevention and detection of crimes. The author, based on scientific analysis, using the opinions of a number of scientists and the legislation of the Republic of Tajikistan, reveals the essence of the operational questioning and puts forward ways to carry out this operational measure.*

**Keywords**: *operational questioning, crime, OSA, method, independence, secrecy, information.*

Руководство Республики Таджикистан в процессе развития правового государства огромное значение уделяет борьбе с преступностью.

Для выявления, предупреждения, пресечения и раскрытия преступлений, а также выявления и установления лиц, их подготавливающих, совершающих или совершивших, сотрудниками оперативных подразделений, осуществляющими оперативно-розыскную деятельность, проводятся различные оперативно-розыскные мероприятия, в том числе и оперативный опрос.

Рассуждая об оперативном опросе, можно напомнить о том, что оперативный опрос – это сбор фактической информации, имеющей значение для решения конкретной задачи оперативно-розыскной деятельности, со слов опрашиваемого лица, которое реально или вероятно обладает ею [7].

Опрос может проводиться по поручению оперативника и другими лицами. Одним словом, это беседа оперативного сотрудника (или, по указанию оперативного сотрудника, разговор другого лица) с лицом, обладающим необходимой оперативной информацией [1].

Оперативный опрос проводится только с согласия лица, от которого предполагается получить необходимые оперативные данные. При оперативном опросе категорически запрещается применение угроз, насилия и физического принуждения. Если лицо отказывается участвовать в оперативном опросе, оно не может быть подвергнуто принудительному допросу, а также не может быть принудительно представлено властям. Выбор места проведения оперативного опроса определяется конкретными обстоятельствами. Он может проводиться в служебных помещениях правоохранительных органов, других учреждений, по месту жительства гражданина, по месту его нахождения, в общественных местах [2].

Оперативный опрос активно используется для решения задач борьбы с преступностью, в частности для выявления, предупреждения, пресечения и раскрытия преступлений, а также выявления и установления лиц, их подготавливающих, совершающих или совершивших, осуществления розыска лиц, скрывающихся от органов дознания, следствия и суда, уклоняющихся от отбывания уголовного наказания, а также для розыска лиц, без вести пропавших, добывания информации о событиях или действиях (бездействии), создающих угрозу правам и свободам человека и гражданина, общественной, государственной, военной, экономической, информационной или экологической безопасности Республики Таджикистан, установления наименования и местонахождения имущества, подлежащего конфискации судом, обеспечения безопасности информационных систем [7].

Конспиративность проведения оперативного опроса обусловливается, в частности, следующими обстоятельствами. Зачастую нельзя предавать гласности сам факт проявления интереса со стороны органов внутренних дел к определенному лицу, чтобы не побудить его к принятию мер, затрудняющих его разоблачение, установление преступных связей, места сокрытия похищенного, возмещение материального ущерба, причиненного противоправными действиями. В реальной жизни нередко лица, осведомленные об обстоятельствах подготовки или совершения преступлений, не желают или опасаются официально сообщить об этом в органы милиции.

Оперативный опрос в отличие от процессуального допроса проводится оперативным сотрудником, как до возбуждения уголовного дела, так и после возбуждения уголовного дела. Опрос в основном проводится по делам оперативного учета, а допрос является процессуальным действием, проводящимся следователем в основном после возбуждения уголовного дела, с учетом требований УПК Республики Таджикистан, предупреждая об ответственности за заведомо ложный донос или дачи заведомо ложных показаний, что может ввести следствие в заблуждение.

При изучении дел оперативного учета с 2000 – 2024 гг. установлено, что почти в каждом из изученных дел оперативные сотрудники в планах намечают проведение оперативно-розыскного мероприятия «оперативный опрос».

Уполномоченные лица органов, осуществляющих оперативно-розыскную деятельность, решают ее задачи посредством личного участия в организации и проведении оперативно-розыскных мероприятий, используя помощь должностных лиц и специалистов, обладающих научными, техническими и иными специальными знаниями, а также отдельных граждан с их согласия на гласной и негласной основе [7].

В первую очередь, в ходе подготовительной стадии на основании оценки имеющейся информации оперативный сотрудник должен четко обозначить для себя круг вопросов, на которые необходимо получить ответ в результате проведения оперативного опроса, а также определить возможность его личного проведения, либо дачи соответствующего поручения другим подразделениям.

Источниками информации при проведении оперативного опроса являются, в первую очередь, лица, которые в силу своего бытового, производственного, возрастного и иного положения могут располагать сведениями об интересующем лице или группы, лиц подготавливающих, совершающих или совершивших преступления. Как правило, это все категории граждан, в том числе, работники жилищно-коммунальных служб, жильцы

соседних квартир, пенсионеры, несовершеннолетние лица и другие. Наряду с оперативным опросом, необходимые сведения оперативный сотрудник может получить посредством изучения тех или иных документов, непосредственного ознакомления с обстановкой внутри проверяемого объекта или на закрепленной за ним территории.

Обычно общение в ходе проведения оперативного опроса начинается с изложения оперативным сотрудником тому или иному лицу соответствующего повода для начала беседы. Это необходимо как для объяснения причины своего появления в данном месте (и тем самым снятия возможной настороженности собеседника), так и для вовлечения его в процесс общения с последующим установлением психологического контакта. Убедившись, что гражданин настроен на общение и не проявляет какого-либо недоверия, оперативный работник приступает к выяснению собственно интересующей его информации. Завершая беседу, целесообразно оставлять повод для ее последующего возобновления, а также бесед с другими людьми. В ходе такого общения возможно применение оперативной техники для получения сведений.

В соответствии со ст. 6 Закона РТ «Об ОРД» от 25.03.2011г., перечень видов оперативной техники, предназначенной для конфиденциального получения информации в процессе осуществления оперативно-розыскной деятельности, устанавливается Правительством Республики Таджикистан [7].

При проведении по специальной методике оперативного опроса с использованием технического средства, полиграф позволяет выявить наличие так называемых виновных знаний в 86 – 92% случаев (т.е. установить причастность к совершенному преступлению) [5].

Особое внимание следует обращать на:

– поведение;

– внешний вид;

– манер разговора;

– разговоры лиц, находящихся по данному адресу.

В общении с последними следует проявлять особую осторожность, чтобы не расшифровать свой истинный интерес к ним.

Результаты оперативного опроса сотрудник излагает в рапорте, справке и акте, который регистрируется по правилам секретного делопроизводства, докладывается непосредственному руководителю, а затем помещается в соответствующее дело.

Специфический характер проведения оперативного опроса, а также решаемые с его помощью задачи требуют дальнейшего организационно-тактического совершенствования этого мероприятия, работы оперативными подразделениями. Указанное объясняется рядом причин: усложнением осуществления оперативного опроса в современных условиях; специфическими особенностями проведения данного мероприятия в крупных городах, небольших населенных пунктах и сельской местности, в домах ведомственных и находящихся в личной собственности граждан; необходимостью учитывать местные условия и национальные обычаи, традиции населения [6], влияющие на отыскание источников информации, способных объективно и полно охарактеризовать лиц или группу лиц. Следует иметь в виду, что оперативный опрос проводится на различные категории подозреваемых и разыскиваемых лиц как по линии уголовного розыска, незаконного оборота наркотических средств и психотропных веществ, организованной преступности, так и по криминогенным группам (терроризм, экстремизм, торговля людьми, мошенничество и др.).

Оперативный опрос обладает своеобразным оперативно-поисковым характером, определяемым тем, что в сферу деятельности оперативной службы вовлекается значительное число людей, большая часть которых не имеет непосредственного отношения к противоправным действиям лиц или группы лиц. Это требует от оперативного работника аналитической отработки огромного массива данных, полученных из источников, неоднородных как по своей осведомленности, так и по способности объективно осветить образ жизни проверяемого в зависимости от их

взаимоотношений, социального положения, образования, материального обеспечения источника и объекта и других обстоятельств [4].

Обстоятельствами, определяющими безотлагательность проведения оперативного опроса, являются:

– принятие неотложных мер к задержанию разыскиваемых лиц с целью установления места их предполагаемого нахождения;

– раскрытие преступлений по горячим следам для получения данных о правонарущителе, свидетелях, потерпевших и других лицах и обстоятельствах, способствующих быстрому раскрытию преступлений;

– осуществление за проверяемым оперативного наблюдения, с целью предварительно установить факт нахождения объекта в конкретном месте, получить сведения о приметах его внешности.

Так, например, дежурная часть ОМВД-2 в районе Сино г.Душанбе была проинформирована о серии краж личных транспортных средств, припаркованных возле высотных жилых зданий. В связи с этим преступлением начальником ОМВД-2 в районе Сино была создана следственно-оперативная группа, которая прибыла на место происшествия после получения задания. В ходе проведения оперативного опроса выяснилось, что неизвестные лица совершили кражу, разбив стекла дверей транспортных средств.

На месте совершения преступления сотрудниками был проведен оперативный опрос граждан, жильцов, торговцев магазинов, аптек и т.п. Данное мероприятие позволило оперативникам раскрыть преступление и задержать лиц, совершивших преступления. В результате расследования было установлено, что задержанные подозреваются в совершении 180 краж со взломом на территории г.Душанбе.

При оперативном опросе не следует прибегать к обобщению и собственным выводам, не подтвержденным фактическими данными. Недостаточно, например, сообщить, что лицо или группа лиц занимаются преступной деятельностью. Необходимо указать, какие преступления они совершают (кражи из квартир, грабежи, хищения) и подтвердить это конкретными примерами.

При написании справки об оперативном опросе не допускается никаких сокращений (названия учреждений, предприятий, улиц, наименований предметов).

Сведения, полученные в процессе производства оперативного опроса, излагаются в определенной последовательности: установочные данные, жилищные условия, трудовая деятельность или учеба, характеристика проверяемых лиц в быту, личные качества проверяемого, противоправная деятельность, материальная обеспеченность, связи проверяемого, представляющие оперативный интерес.

В конце справки оперативного опроса приводятся сведения о проживающих вместе с проверяемым родственниках, на которых даются необходимые данные: место работы, должность, краткая характеристика.

В примечании к справке оперативного опроса сотрудник оперативного подразделения при необходимости излагает результаты своих наблюдений в процессе выполнения задачи, высказывает предложения относительно лиц или группы лиц и их связей.

Данные, полученные в процессе проведения оперативно-розыскного мероприятия в виде оперативного опроса, имеют не столько юридическое, сколько оперативное значение, однако они подчинены единственной цели – установлению объективной истины. В то же время информация, полученная в ходе оперативного опроса, хотя и относится к фактическим данным, но, как добытая не процессуальным путем, имеет вспомогательное значение. Такая информация служит важным ориентиром для построения оперативно-розыскных версий, является основанием для проведения дополнительных оперативно-розыскных мероприятий, позволяет выбрать направление расследования, определить тактические приёмы оперативных мероприятий и

следственных действий, указывает на источники получения данных процессуальным путем [3].

Нередко именно такого рода сведения дают возможность сохранить и обеспечить фиксирование процессуальным путем доказательственного факта (установление очевидца и других лиц и обстоятельств совершенного преступления, место нахождения предмета, который может стать вещественным доказательством и т. п.).

*При исследовании и изучении архивных ДОУ, а также в процессе интервьюирования сотрудников оперативных подразделений большинство из них дали свои ответы на вопрос: ОРМ «оперативный опрос», на ваш взгляд, является ли эффективным в раскрытии преступлений? 90% ответили – «да».*




Исходя из вышеизложенного в данной статье, в качестве итога можем подтвердить:

– Оперативный опрос – является одним из первых оперативно-розыскных мероприятий, универсальность которого заключается в получении необходимой информации об обстоятельствах, ситуациях, причинах, условиях способствующих совершению преступлений лицами, их совершивших, проводимого оперативными сотрудниками для решения задач, стоящих перед органами внутренних дел для достижения поставленной цели;

– оперативным сотрудникам в целях эффективного раскрытия преступлений необходимо применять ОРМ «оперативный опрос» во всех его видах с использованием гласности, негласности и с применением комбинаций;

– оперативный опрос применяется во многих ОРМ, где играет огромное значение в выявлении доказательств и лиц, представляющих оперативный интерес для органов внутренних дел, в целях установления истины и привлечения виновных лиц к ответственности, предусмотренной законом Республики Таджикистан.

Таким образом, оперативный опрос, носящий негласный характер, всегда должен рассматриваться как ОРМ, независимо от того, произведен ли он в связи с расследующимся уголовным делом или нет, по поручению следователя или по собственной инициативе оперработника. Сведения, поступающие в оперативные подразделения, и материалы оперативного опроса реализуются оперативными сотрудниками с обязательной конспирацией способов их получения. Результаты оперативного опроса, как ОРМ, находят отражение в справке оперработника. Данные, полученные в результате проведения опроса, оформляются справкой или рапортом сотрудника оперативного подразделения, а при согласии опрашиваемого – его объяснением, заявлением, протоколом явки с повинной.

ЛИТЕРАТУРА:


1. Атмажитов В.М., Бобров В.Г. Об основных направлениях дальнейшего развития теории оперативно-розыскной деятельности внутренних дел. – М.: 2006. – 96с.
2. Раҳимзода Р.Ҳ. Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ. Нашри 5-ум. – Душанбе: ЭР-граф, 2019. – 311с.
3. Раҳимзода Р.Ҳ. Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ. Нашри 5-ум. – Душанбе: ЭР-граф, 2019. – 776с.
4. Рахимов Р.Х. Оперативно-розыскные мероприятия. – Душанбе. Ирфон, 2006.
5. Самиев Н.М. Расследование нераскрытых преступлений прошлых лет (по материалам Республики Таджикистан и Российской Федерации): монография. – М.: Юрлитинформ, 2020. – 152с.
6. Самиев Н.М. Расследование нераскрытых преступлений прошлых лет (по материалам Республики Таджикистан и Российской Федерации): дисс. канд. юрид. Наук. – М., 2017. – 221с.
7. Ст. 3. Закон Республики Таджикистан «Об оперативно-розыскной деятельности» от 25.03.2011 г.

УДК: 347+35 (575.3)

# ҶАВОБГАРИИ МАДАНӢ ВА МАЪМУРӢ: АЛОҚАМАНДӢ ВА ФАРҚИЯТ

**НУРИДДИНЗОДА С.Н.[1]**
**АКРАМЗОДА Ш.М[2]**
*[1]Дотсенти кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва фаъолияти маъмурии Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*[2]Омӯзгори калони кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва фаъолияти маъмурии Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон*

*Дар мақола муаллифон масъалаи ҷавобгарии маданӣ ва маъмурӣ, алоқамандӣ ва фарқияти байни онҳоро аз нигоҳи илмӣ ва муқаррароти қонунгузорӣ зери таҳлил қарор додаанд.*

*Дар мақола кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки бо мақсади ошкор намудани ба ҳам алоқамандии ҷавобгарии маданӣ ва маъмурӣ моҳияти истифодаи истилоҳи таърихии “деликтҳо” дар корҳои илмии мутахассисони соҳаи ҳуқуқи хусусӣ ва оммавӣ баррасӣ гардад ва дар ҳақиқат, аз руйи хулосабарорӣ муаллифон як фикри мушаххаси навгонӣ низ ба чашм мерасад. Ақидаи асосии муаллифонро дар таҳлили мавзуъ истифодаи истилоҳи ба ҳама оммафаҳм ва дар амалияи фаъолияти мақомоти қонунбарории давлат истифодашаванда ташкил менамояд.*

*Аз руйи муқаррароти қонунгузории амалкунанда ва амалияи тадбиқи ҳуқуқ предмети муҳокимашавандаи масъаларо мухолифати баъзе аз санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ба монанди Кодекси мурофиавии гражданӣ ва Кодекси расмиёти маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти танзими ҳалли баҳсҳои аз муносибатҳои оммавӣ ва хусусӣ бамиёномада ташкил менамояд.*

*Муаллифон тавонистанд, ки вобаста ба таҳлили мазъалаи таҳқиқшаванда бо мақсади пурра намудани ҷойҳои холии қонунгузорӣ ва аз байн бурдани мухолифатҳои ҷойдошта дар охир якчанд пешниҳодҳои мушаххас манзур намоянд.*

**Калидвожаҳо***: деликт, муносибатҳои хусусӣ, муносибатҳои оммавӣ, ҷавобгарии маданӣ, ҷавобгарии маъмурӣ, ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, алоқамандӣ, фарқият.*

# ГРАЖДАНСКАЯ И АДМИНИСТРАТИВНАЯ ОТВЕТСТВЕННОСТЬ: ВЗАИМОСВЯЗЬ И РАЗЛИЧИЯ

**НУРИДДИНЗОДА С.Н.[1]**
**АКРАМЗОДА Ш.М[2]**
*[1]Доцент кафедры административного права и административной деятельности Академии МВД Республики Таджикистан*
*[2]Старший преподаватель кафедры административного права и административной деятельности Академии МВД Республики Таджикистан*

*В статье авторы проанализировали вопросы гражданской и административной ответственности, их взаимосвязь и различия с научной точки зрения и законодательных положений.*

*С целью раскрытия взаимосвязи гражданской и административной ответственности в статье рассматривается сущность использования исторического термина «деликты» в научных трудах специалистов в области частного и публичного права, представлены конкретные предложения и выводы авторов. При анализе рассматриваемого вопроса авторы пришли к мнению, что необходимо применение общепонятных и широкоиспользуемых терминов на практике деятельности законодательных органов государства.*

*Согласно положениям действующего законодательства и правоприменительной практики, предметом обсуждения является противопоставление некоторых нормативных правовых актов, таких, как Гражданский процессуальный кодекс и Кодекс*

*административных процедур Республики Таджикистан в области регулирования спорных вопросов, возникающих при публичных и частных отношениях.*

*На основе анализа исследуемого вопроса авторы смогли внести ряд конкретных предложений, направленных на восполнение пробелов в законодательстве и устранение имеющихся противоречий.*

**Ключевые слова:** *Правонарушение, частные отношения, общественные отношения, гражданская ответственность, административная ответственность, административное правонарушение, взаимосвязь, различие.*

## CIVIL AND ADMINISTRATIVE LIABILITY: CONNECTION AND DIFFERENCE

**NURIDDINZODA S.N.[1]**
**AKRAMZODA SH.M.[2]**

*[1]Associate professor of the department of administrative law and administrative activity of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan*
*[2]Senior lecturer of the department of administrative law and administrative activity of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan*

*In this article, the authors analyzed the issue of administrative responsibility, their connection and differences from a scientific point of view and legislative provisions.*

*In order to reveal the connection between civil and administrative liability, the article examines the essence of the use of the historical term "torts" in the scientific works of specialists in the field of private and public law, and in fact, according to the authors' conclusions, a specific new idea is presented. The main opinion of the authors when analyzing the topic is the use of terms that are widely understood and used in the practice of the legislative bodies of the state.*

*According to the provisions of the current legislation and law enforcement practice, the subject of discussion is the contrast of certain normative legal acts, such as the Civil Procedure Code and the Code of Administrative Procedures of the Republic of Tajikistan, towards those governing the resolution of disputes arising from public and private relations.*

*Based on the analysis of the issue under study, the authors were able to make several specific proposals aimed at filling gaps in the legislation and eliminating existing contradictions.*

**Keywords:** *offense, private relations, public relations, civil liability, administrative liability, administrative offense, interconnection, difference.*

Пеш аз оне, ки мо ба таҳлили масъалаи ҷавобгарии маданӣ ва маъмурӣ, алоқамандӣ ва фарқияти онҳо гузарем, мехостем оид ба таърихи пайдоиш ё баҳамалоқамандию ягонагии танзими муносибатҳои ҷавобгарии муносибатҳои хусусӣ ва оммавӣ ҳарф занем, ки он моҳиятан «деликт» ном бурда мешуд.

Деликт аз калимаи лотинии «delictum» гирифта шуда, маънояш кирдор, ҳуқуқвайронкунӣ ва амали ғайримеъёрӣ мебошад [8,85]. Таҳқиқи илмии деликтҳои маъмурӣ дар як вақт алоқамандии онро бо ҷавобгарии маданӣ аз рӯйи муқаррароти қонунгузории имрӯза ошкор менамояд.

Дар оғози таҳлили истифодаи «деликтҳои маъмурӣ» ва имконияти истифодаи он дар ҳуқуқи маъмурӣ мо як қатор мушкилотеро таъкид менамоем, ки хусусияти илмӣ дошта, олимон ва муҳаққиқон ба онҳо таваҷҷуҳ намудаанд.

Профессор А.А. Гришковетс қайд менамояд, ки «деликт – ин амали ғайриқонунӣ, рафтори ношоиста ва қонуншиканиест, ки дар натиҷаи он ба шахс ё амволи ӯ, инчунин ба амволи шахси ҳуқуқӣ зарар расонида мешавад». Аз таҳлили чунин пешниҳод бармеояд, ки деликт барои навъи махсуси уҳдадориҳо, яъне уҳдадориҳои деликтӣ (уҳдадорӣ аз расонидани зарар) ва асос барои ҷавобгарии деликтӣ кашидан мебошад. Вобаста ба ин навъи таҳлил, моҳияти деликт хусусияти молумулкии ҷавобгариро доро аст, ки бо истифодаи усулҳои дар қонунгузорӣ пешбинишуда татбиқ карда мешавад. Дар чунин вазъият истифодаи мафҳуми "деликт" нисбат ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва ҳаммаъно донистани онҳо душвор аст. А.А. Гришковетс чунин мешуморад, ки мафҳуми

«делик», ки хусусияти шаҳрвандӣ дорад, барои ҳуқуқи маъмурӣ бегона мебошад [2,54-61]. Бо назардошти таҳлили танзими муносибатҳои ҷамъиятии хусусӣ, ки аслан аз муқаррароти 12 ҷадвали Рими қадим бармеоянд, ба таҳқиқи илмии моҳияти «деликтҳо», ки аз тарафи А.А. Гришковетс ба анҷом расонида шудааст, ҳамфикр будан мумкин аст.

Э.А. Флейшитс муаллифи китоби дарсии “Ҳуқуқи хусусии Рим”, ки китоби ӯ аслан ба уҳдадориҳои деликтӣ бахшида шудааст, ҳам деликтҳои хусусӣ (шахсӣ) ва ҳам ҷамъиятиро фарқ мекунад. Номбурда қайд менамояд, ки мубориза шиддатноки синфӣ ва зиддиятҳои афзоянда дар байни ғуломону ғуломдорон давлатро водор менамояд, ки на танҳо манфиатҳои хусусӣ, балки манфиатҳои миллии амалҳои инфиродиро, ки пештар танҳо бо мурофиати ҷабрдида вобастагӣ доштанд, дида баромада, баррасӣ намояд ва нисбат ба шахси гунаҳгор ҷавобгарӣ татбиқ намояд [10,560].

Ю.И. Попугаев қайд мекунад, ки мафҳуми «деликтум» дар қонуни Рим маънои нисбатан васеъ дошт, зеро он ҳама гуна амали ғайриқонуниро, ки боиси ин ё он ҷазо ё оқибатҳои манфии ҷинояткорӣ, яъне қонуншиканӣ мегардид, ифода мекард. Ҳамзамон, тавре ки Ю.И. Попугаев қайд мекунад, тибқи муҷозотҳое, ки нисбат ба ҳуқуқвайронкунанда ва хусусияти зарари расонидашуда татбиқ карда мешуданд, тақсимоти ҷамъиятӣ (delicta publica ё crimina) ва хусусӣ (delicta privata) одат шуда буд [7,113].

А.Б. Агапов ҳангоми таҳлили шаклҳои ҷамъиятӣ ва шаҳрвандии гуноҳ, инчунин истилоҳи деликтро дар робита бо муносибатҳои ҳуқуқии ҷамъиятӣ ба кор бурда, мафҳумҳои «делик» ва «ҳуқуқвайронкунӣ»-ро ҳаммаъно эътироф намудааст [1,795]. Ӯ қайд менамояд, ки истилоҳи “делик” таҳаввулоти муайянро аз сар гузаронида, он аксар вақт бо бисёр калимаҳо ва истилоҳҳо ифода мегардид, ки хусусияти таърихии замони хешро доро буданд, акнун мо ҳангоми таҳлили истилоҳҳо ва ибораҳои хусусияти таърихидошта бояд ба маънои муосири онҳо диққат диҳем.

Аз гуфтаҳои муҳаққиқони болозикр бармеояд, ки вайроншавии манфиатҳои хусусӣ ё оммавӣ ҳамчун деликтҳо хусусияти алоқамандии таърихӣ доштанд, ки имрӯз онҳо ба маънои ҷавобгарии маданӣ ва маъмурӣ дар қонунгузорӣ зикр ёфтаанд.

Ҳамин тавр, бо назардошти таҳлили ақидаи олимону муҳаққиқони болозикр ва дигар муҳаққиқони соҳавӣ мо имконият пайдо менамоем, ки оид ба ду истилоҳ андеша намоем:

– “delictum” – нисбат ба ҳама намудҳои ҳуқуқвайронкуниҳо татбиқ карда мешавад, аммо дар аввал танҳо нисбат ба муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқӣ ва хусусӣ-шаҳрвандӣ;

– “crimen”, ки танҳо нисбат ба амалҳои ҷиноятӣ таъйин шуда, дар аввал бо истилоҳи “crimen privatum” низ вуҷуд дошт, аммо, зоҳиран, бо мурури замон он чунин дастгирӣ ба монанди "деликтум"-ро ба даст наовард.

Дар робита бо гуфтаҳои боло, тахмин кардан мумкин аст, ки истифодаи мафҳуми «деликтум» дар соҳаи ҳуқуқи омма имконпазир аст, аммо ба маънои «деликта публица». Инчунин бояд қайд кард, ки дар бисёр давлатҳои хориҷӣ мафҳуми «делик» ҳам дар соҳаҳои ҳуқуқи ҷамъиятӣ (умумӣ) ва ҳам дар соҳаи маданӣ кам истифода мешавад, зеро истилоҳоте ҳастанд, ки моҳияти намудҳои гуногуни ҳуқуқвайронкуниҳоро хубтар ошкор мекунанд. Яъне ҳангоми таҳлили моҳияти делик бояд ба назар гирифта шавад, ки муайян намудани масъалаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ асосан дар охирҳои асри XIX амалӣ карда шудааст. Аз ин рӯ фикр менамоем, ки ҳаммаъно донистани истилоҳҳои “делик” ва “ҳуқуқвайронкунӣ” ва истифодаи онҳо дар қонунгузорӣ ё соҳаи илм танҳо дар ҳолате мумкин аст, ки агар истилоҳи “делик” моҳият ва мазмуни ҳуқуқии “ҳуқуқвайронкунӣ”-ро тағйир надиҳад.

Ба ақидаи олим ва муҳақиқи тоҷик Х. Ойев, зери моҳияти ҳуқуқи маъмурӣ-деликтӣ амали (беамалаии) зиддиҳуқуқӣ ва гунаҳгоронаи шахси ҷисмонӣ ва ҳуқуқие дар назар дошта мешавад, ки содир шудани он дар асоси муқаррароти Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси ҷазои маъмурӣ мегардад [6,61].

Дар ин қисмат вобаста ба таҳлили моҳияти ҳуқуқи маъмурӣ-деликтӣ аз рӯйи нуқтаи назари Т.В. Телятитская, ки ҳуқуқи маъмурӣ-деликтиро зерсоҳаи ҳуқуқи маъмурӣ номида, онро аз маҷмуи меъёрҳое иборат медонад, ки муносибатҳои ҷамъиятиро вобаста ба ҷараёни истифодабарии чораҳои маҷбуркунии маъмурӣ аз ҷониби мақомоти салоҳиятдор ва шахсони мансабдор нисбати субъектоне, ки ҳуқуқвайронкуниро содир намудаанд, ба танзим медароранд [9, 4], метавон ҳамфикр буд.

Ба ҳамин маъно, аз рӯйи сарчашмаҳои илмӣ вобаста ба соҳаи ҳуқуқи маъмурӣ ва маданӣ моҳияти «деликт»-ро ба ҳуқуқвайронкунӣ ё кирдори ғайримеъёрӣ алоқаманд намуда, онро ҳамчун кирдори ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ё ҳуқуқвайронкунии маданӣ тавсиф намудан дуруст аст. Дар ҳамин ҷо бояд қайд намоем, ки аслан мо ба мақсади тадқиқотҳои илмӣ истилоҳоти таърихан дар ҷомеа ва давлат истифодашавандаро таҳлил менамоем, вагарна дар замони муосир аз ҳама беҳтар серистеъмолшавандагии истилоҳҳоеро ҷонибдорӣ менамоем, ки дар амалияи қонунқабулкунии мақомоти қонунгузории давлат ҷой доранд ва дар байни одамон бештар ба забон оварда мешаванд.

Ҳалли масъалаҳо оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҳамчун муносибатҳои оммавӣ тибқи талаботи қонунгузории мурофиаи гражданӣ муаммои сарбастае мебошад, ки то ҳол ҳалли хешро талаб менамояд. Ба монанди вайрон гардидани ҳуқуқҳои интихоботии шаҳрвандон, ҳуқуқҳои муаллифӣ, моликияти зеҳнӣ ва ғайра мебошанд. Яъне, ҳарчанд ки чунин муносибатҳо ҳамчун муносибатҳои оммавӣ дар қонунгузории маъмурӣ муқаррар шудаанд, аммо ҳалли онҳо тавассути қонунгузории мурофиавии гражданӣ чун муносибатҳои хусусӣ пешбинӣ мегардад.

Иҷрои қарори суд оид ба маскункунӣ низ аз омезишёбии муносибатҳои оммавӣ ва хусусӣ дарак медиҳад. Амалияи мақомоти дахлдори давлатӣ баррасии ҳодисаҳои майдаавбошӣ ва авбоширо аз ҷониби шахсе, ки маскун карда шудааст ё шахсе, ки дар хонаи истиқоматиаш дигар шахс маскун шудааст, дарак медиҳад. Ҳарчанд ки дар асоси қарори маскункунӣ ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии даъвогари муносибатҳои оилавӣ қонеъ карда мешаванд, аммо вайроншавӣ ё маҳдудкунии ҳуқуқу озодиҳои тарафи дигар низ ба чашм мерасанд, аз ин лиҳоз, чунин қарор ба таври дахлдор иҷро карда намешавад ё бисёри вақт то охир иҷро намегардад.

Агар мо бевосита ба таҳлили алоқамандӣ ва фарқияти ҷавобгарии маданӣ ва маъмурӣ гузароем, пас чунин хусусиятҳоро дарёфт менамоем:

***Алоқамандӣ:*** ҳарду намуди ҷавобгарӣ дар системаи намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҷой доранд ва дар амал татбиқ мешаванд, роҳҳои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои вайроншуда ҳастанд, субъектони муайяни татбиқнамоӣ доранд, барои механизми амалӣ намудани онҳо қонунгузориҳои мурофиавӣ амал менамояд.

***Фарқият:*** яке аз муносибатҳои омма бар меояд дигар аз хусусӣ (то кадом дараҷа шахс шубҳа менамояд, ки оё ҳуқуқу манфиатҳояш вайрон шудаанд ё не. Пас барои оғози парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ низ барои баъзе кирдорҳо аризаи шахс лозим аст. Мисол, зӯроварӣ дар оила, халалдор кардани оромӣ ва ғайра. Оё ин муносибати хусусӣ аст ё омма? Албатта, ки омезиши байни қонунгузории баррасишавандаро муайян менамояд). Дар ҷавобгарии маъмурӣ дар қатори ҷуброни зарари моддӣ, ки аслан ба ҷавобгарии маданӣ алоқамандӣ дорад ба манфиати давлат мумкин аст ҷарима ситонида шавад ё ҷуброни зарари ба ашёи корхона расонидашуда, ки аслан ҷавобгарии моддӣ (ҳаммаънои маданӣ аст), аммо аз муносибатҳои идоракунӣ бар меояд, ки онҳо муносибаттҳои оммавӣ ҳастанд. Ба ин монанд, дигар хусусиятҳои ҳамалоқамандӣ ва фарқияти чунин намудҳои ҷавобгариро ошкор намудан мумкин аст.

Ҳамин тавр, чунин норасогиҳо ва мухолифатҳоро дар байни меъёрҳои асосии муайянкунандаи тарзи ҳалли парвандаҳое, ки аз муносибатҳои оммавӣ ва хусусӣ бар меоянд, муайян кардан мумкин аст, ки сади роҳи инкишофи қонунгузорӣ ва рушди падидаи мурофиаи маъмурӣ мегарданд. Сухан дар бораи меъёри қ. 3 м. 250 Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КМГ ҶТ) ва қ. 2 м. 116 Кодекси расмиёти маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КРМ ҶТ) меравад. Дар меъёри аввала омадааст, ки ҳангоми баррасӣ ва ҳалли парвандаҳое, ки аз муносибатҳои

ҳуқуқи омма бар меоянд, меъёрҳои мурофиаи даъвоӣ оид ба эътирофи даъво, даъвои муқобили даъво, тадбирҳои таъмини даъво, созиши оштии тарафҳо татбиқ намегарданд [3]. Аммо қ. 2 м. 116 КРМ ҶТ, ки принсипи диспозитивии мурофиаи маъмуриро тасдиқ менамояд, қайд кардааст, ки мақомоти маъмурии дар мурофиаи расмиёти маъмурӣ дар суд иштироккунанда метавонад парвандаро бо созиши оштии тарафҳо ба анҷом расонад, аз даъво даст кашад ё даъворо танҳо дар сурате эътироф намояд, ки ин хилофи қонун набошад [5].

Агар мо ба таҳлили воқеияти муҳтавои қонунгузорӣ гузарем пас ошкор менамоем, ки айни замон дар қонунгузорӣ мафҳуми ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва ҷавобгарии маъмурӣ вуҷуд доранд, аммо аз ҷавобгарии маданӣ не.

Баъзан алтернативаи татбиқи ҷавобгарии маъмурӣ ё маданиро дар таҷриба мушоҳида намудан мумкин аст, ҳарчанд, ки дар қонунгузорӣ вуҷуд надорад. Мисол, майдадуздӣ бештари ҳолатҳо бо ҷуброн ё барқарор намудани зарари расонидашуда шахси ҳуқуқвайронкунандаро аз ҷавобгарӣ озод менамояд. Ҳоло он ки ҳамчун ҳолати вайроншавии муносибатҳои омма бояд шахс ба ҷавобгарии маъмурӣ гирифтор карда шавад [4].

Ҳангоми таҳлили амиқи масъалаи мазкур ба норасогии қонунгузорӣ низ вохӯрдан мумкин аст. Мисол, вандализм ин зишту касиф намудани биною иншооти давлатию ҷамъиятӣ мебошад, ки ҷавобгарии маъмурӣ дорад. Аммо истифодаи воситаи нақлиёте, ки моликияти хусусӣ мебошаду таъйиноти асосии мусофиркашонӣ дорад, дар сурати зишту касиф шуданаш наметавонад, ки амали шахс ҳамчун вандализм банду баст шавад. Ё ин ки арзиши моликияти давлатӣ аз хусусӣ дида болотар ба чашм мерасад.

Аз рӯйи таҳлил ва тадқиқи мавзуъ мехостем бо мақсади пурра намудани ҷойи холигии қонунгузорӣ чунин пешниҳодҳо манзур намоем:

– барои дар қонунгузорӣ дохил намудани мафҳумҳои ҳуқуқвайронкунии маданӣ ва ҷавобгарии маданӣ пешниҳодҳо манзур карда шавад;

– ҷиҳати кафолати ҳифзи моликияти хусусӣ ҳангоми истифодабарии он бо таъйиноти давлатӣ ё ҷамъиятӣ масъалаи имконпазирии татбиқи ҷавобгарии маъмурӣ ҳангоми зишту касиф шуданаш ҳамчун кирдори вандализм хулосабарорӣ карда шавад;

– дар қонунгузории мурофиаи маъмурӣ ба монанди мурофиаи ҷиноятӣ масъалаи кирдорҳои ҳуқуқвайронкунии дорои айбдоркунии хусусӣ зери таҳлил қарор дода шавад;

– ҷиҳати дуруст ба роҳ мондани тадбиқи қонунгузорӣ аз тарафи субъектони дахлдор мухолифати байни меъёрҳои Кодекси мурофиавии гражданӣ ва Кодекси расмиёти маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қисмати дар боло баррасигардида бояд бартараф карда шавад.

## АДАБИЁТ:

1. Агапов, А.Б. Корреляция публичных и цивилистических форм вины / А.Б. Агапов // Административное и муниципальное право. – 2016. – №9.
2. Гришковец, А.А. К вопросу о так называемом «административно-деликтном праве» / А.А. Гришковец // Вестник Всероссийского института повышения квалификации сотрудников Министерства внутренних дел Российской Федерации. – 2020. – №1 (53).
3. Кодекси мурофиаи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05 январи с. 2008, № 341 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2008, № 1, қ. 1, мод. 6, мод.7; аз 18.03.2022 № 1855, аз 18.03.2022 № 1856, аз 19.07.2022, № 1898.
4. Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008, № 455 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2008, № 12, қ. 1, мод. 989, мод. 990; с. 2009, №5, мод. 321, №9-10, мод. 543; Қонуни ҶТ аз 25.06.2021 № 1784, № 1785.
5. Кодекси расмиёти маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05 марти с. 2007, № 232 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с.2007, №3, мод.165; с.2012, №12, қ.1, м.1022.

6. Ойев, Х. Административное право Республики Таджикистан. Часть 1 / Х. Ойев. – Душанбе, 2013. – 561с.
7. Попугаев, Ю.И. О деликте, деликтизации и совершенствовании административно-деликтного нормотворчества / Ю.И. Попугаев // Вестник экономической безопасности. – 2016. – №3.
8. Стахов, А.И. Новые подходы к пониманию административного деликта в системе административных правоотношений / А.И. Стахов // Российский юридический журнал. – 2019. – №4 (127).
9. Телятицкая, Т.В. Административно-деликтное и процессуально-исполнительное право: ответы на экзаменационные вопросы. – Минск: Тетралит, 2017. – 96с.
10. Флейшиц, Э.А.. Римское частное право: учебник / Э.А. Фоейшиц. – М.: Юриздат, 1948.

УДК: 341

# УМУМИЯТ ВА ФАРҚИЯТИ ТЕРРОРИЗМИ ИТТИЛООТӢ ВА ЭКСТРЕМИЗМИ ИТТИЛООТӢ

**АҲЁЗОДА Ш.Т.**
*Дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон*

*Дар мақолаи мазкур масоили мубрам оид ба умумият ва фарқияти мафҳумҳои терроризми иттилоотӣ ва экстремизми иттилоотӣ баррасӣ гардида, аҳамияти назариявӣ ва амалии таносуби мафҳумҳои зикркарда дар ростои истилоҳоти ҳуқуқии «терроризм» ва «экстремизм» матраҳ гардидааст. Масоили мазкур бо такя ба назарияҳои такомулёфтаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Новобаста ба он, ки аз нигоҳи криминологӣ идеологияи экстремистӣ ҳамчун сарчашмаи тафаккур ва амалҳои террористӣ баромад менамояд, кӯшишҳои муаллиф вобаста ба сарҳадгузории идеологияи террористӣ ва идеологияи экстремистӣ фарогири яке масоили мушкилтарини илми ҳуқуқи ҷиноятӣ маҳсуб меёбад.*

**Калидвожаҳо:** *умумият, фарқият, терроризм, фаъолияти террористӣ, экстремизм, фаъолияти экстремистӣ, терроризми иттилоотӣ, экстремизми иттилоотӣ.*

# ОБЩНОСТЬ И РАЗЛИЧИЯ ИНФОРМАЦИОННОГО ТЕРРОРИЗМА И ИНФОРМАЦИОННОГО ЭКСТРЕМИЗМА

**АХЁЗОДА Ш.Т.**
*Доцент кафедры уголовного права, криминологии и психологии Академии МВД Республики Таджикистан*

*В данной статье обсуждаются актуальные вопросы, касающиеся общности и различия понятий информационного терроризма и информационного экстремизма, а также теоретическая и практическая значимость соотношения указанных понятий применительно к юридическим терминам «терроризм» и «экстремизм». Данный вопрос анализируется на основе передовых теорий науки уголовного права. Несмотря на то, что с точки зрения криминологии экстремистская идеология выступает источником террористического мышления и действий, автор попытался разграничить террористическую и экстремистскую идеологию, которые считаются наиболее сложными вопросами науки уголовного права.*

**Ключевые слова:** *общность, различия, терроризм, террористическая деятельность, экстремизм, экстремистская деятельность, информационный терроризм, информационный экстремизм.*

# COMMONALITY AND DIFFERENCES OF INFORMATION TERRORISM AND INFORMATION EXTREMISM

**AHYOZODA SH.T.**
*Associate professor of the Department of Criminal Law, Criminology and Psychology of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan*

*This article discusses current issues regarding the commonality and differences between the concepts of information terrorism and information extremism, as well as the theoretical and practical significance of the relationship between these concepts in relation to the legal terms "terrorism" and "extremism". This issue is analyzed on the basis of advanced theories of the science of criminal law. Despite the fact that from the point of view of criminology, extremist ideology is the source of terrorist thinking and actions, the author tried to distinguish between terrorist and extremist ideology, which are considered the most complex issues in the science of criminal law.*

**Keywords:** *commonality, differences, terrorism, terrorist activity, extremism, extremist activity, information terrorism, information extremism.*

Ба вуҷуд омадани терроризм ва экстремизми байналмилалӣ дар қисматҳои гуногуни ҷаҳон боиси афзоиши шаклҳои гуногуни онҳо, аз қабили паҳншавии ғояҳои экстремистӣ, ҷалбнамоии тарафдорони онҳо ва ташкили экстремизми иттилоотӣ ва терроризми иттилоотӣ гардидааст. Яке аз воситаҳои асосии амалӣ намудани фаъолиятҳои экстремистӣ ва террористӣ – ин ба таври самаранок истифода намудани имкониятҳои иттилоотӣ ва технологияи иттилоотии навтарин маҳсуб меёбад. Дар даҳсолаи охир содиршавии ин қабил ҷиноятҳо рӯз то рӯз тамоюли зиёдшавиро касб намуда, таблиғоти экстремизм ва терроризм дар Интернет густариш пайдо намуда истодааст.

Дар робита ба ин, яке аз масъалаҳои муҳимми назария ва қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аҳамияти назариявӣ ва амалиро доро мебошад, ин фарқгузорӣ байни мафҳумҳои «экстремизм» ва «терроризм» мебошад, ки барои тафовут гузоштан байни мафҳумҳои «экстремизми иттилоотӣ» ва «терроризми иттилоотӣ» заминаи мусоид фароҳам меорад. Масъалаи номбурда таҳлили амиқи илмиро талаб намуда, моро водор месозад, ки ба нуқтаи назари олимони соҳа вобаста ба масъалаи мазкур назар андӯзем.

Баъзе аз олимон чунин ақидаро ҷонибдорӣ менамоянд, ки фаъолияти террористӣ ҳамчун шакли тундгароёнаи (радикалии) зоҳиршавии экстремизм аст. Масалан, Ю.И. Авдеев зикр менамояд, ки экстремизм ҳамчун падидаи иҷтимоӣ-сиёсӣ дар худ маҷмуи шаклҳои гуногуни мубориза ҳои шадиди сиёсиро дарбар мегирад, ки терроризм яке аз шаклҳои чунин муборизаҳо маҳсуб меёбад [1,41].

Ба ҳамин монанд, А.И. Долгова, А.Я. Гусков ва Е.Г. Чуганов чунин мавқеъро ҷонибдорӣ намуда, терроризмро ҳамчун яке аз намудҳои махсуси зӯроварие мешуморанд, ки дар раванди фаъолияти экстремистӣ барои халалдор намудани асосҳои сохти конститутсионӣ бо ду ҷанба мавриди истифода қарор мегирад: муқобили ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, ҳамчунин муқобили ҳокимияти конститутсионӣ [8,80].

Бояд зикр намуд, ки экстремизм чун падидаи ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ, ақида ва амалҳои бо роҳи зӯроварӣ ҳал кардани мушкилоти ҷойдоштаро фарогир буда, бо терроризм алоқамандии зич дорад. Аз ин лиҳоз, олимони рус С.Н. Фридинский [20,19], А.И. Долгова [7,22] ва А.Г. Хлебушкин [21,23] чунин ақидаро ҷонибдорӣ намуда, терроризмро чун шакли хатарнок ва низоми зуҳуроти экстремизм маҳсуб медонанд ва баъзе олимони дигар бошад, аз қабили А.А. Василченко онро дар баъзе ҳолатҳо «терроризми экстремистон» маънидод мекунанд [4,35].

Таҳлили санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии байналмилалӣ ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳанд, ки экстремизм ва терроризм на танҳо бо якдигар алоқаманданд, балки ҳамдигарро пурра менамоянд. Терроризм дорои тамоми аломатҳои экстремизм ва инчунин аломатҳои махсуси танҳо ба зоҳиршавии экстремизм хос аст.

Баъзе аз муҳаққиқон пешниҳод мекунанд, ки ҷиноятҳои террористӣ ба боби 29 КҶ ФР (дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КҶ ҶТ) низ боби 29 мебошад) (ҷиноятҳо ба муқобили асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат) дохил карда шуда, ба ин васила ҷиноятҳои террористӣ ва экстремистӣ бидуни тафриқа дар як радиф ҷойгир карда шаванд, чунки ҷиноятҳои экстремистӣ аксар вақт ба сифати заминаи содиршавии терроризми зиддидавлатӣ баромад мекунанд [16,304].

Муҳаққиқ В.Г. Кокорев дар асоси таҳлили санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи муқовимат бо фаъолияти экстремистӣ нуктаи назареро баён мекунад, ки мувофиқи он мафҳумҳои «экстремизм» ва «терроризм» дар маҷмуъ, ду ҷузъи ба ҳам алоқаманданд, зеро яке аз шаклҳои экстремизм ин терроризм маҳсуб меёбад [11,239].

Ба ҳамин мазмун ва маъно, А.В. Петрянин таъкид мекунад, ки «терроризм яке аз воситаҳои (инструмент) фаъолияти экстремистӣ аст ва бояд чун як навъи экстремизм дониста шавад» [17,161].

И.Ю. Сундиев бошад, ин андешаро чунин баён кардааст: «Экстремизм ва терроризм аз як ҷиҳат бо ҳамдигар пайвандии зич дошта, аз дигар ҷиҳат байни онҳо фарқиятҳои муайяни ҳуқуқӣ ҷой дорад, ки чунин фарқият аз рӯйи хусусияти аломатҳои ҷиноятҳои

дорои самти экстремистӣ ва террористӣ асос меёбад. Терроризм чун усули зӯроварӣ ё истифодаи қувва баҳри расидан ба ҳадафҳои экстремистон аст» [19,21].

О.С. Жукова бошад, амалҳои зӯроварии ифротгароёнро нисбат ба дигарандешон дар аксар ҳолатҳо терроризм номида, қайд мекунад, ки онҳо дар бисёр мавридҳо ҳамрадифи ногузири экстремизм мебошанд [9,26].

Муҳаққиқи тоҷик А.Муминов низ тамоми амалҳои марбут ба терроризмро дар дохили экстремизм ворид намуда, қайд мекунад, ки экстремизми имрӯза дар фаъолияти худ ҳамаи методҳои экстремизми гузаштаро истифода мебарад, ки инҳо: тозакунии этноконфессионалӣ, истифодаи генотсид (истифодаи қатли оммавӣ бо сабабҳои нажодӣ, миллӣ, мазҳабӣ), зуд-зуд бардоштани шӯришу исёнҳо ва мубориза ҳои силоҳнокро бо мақсади ба даст овардани ҳокимият, ба ҷанг бархестани экстремистони динӣ, ба инсоният зулми маънавию равонӣ расонидан мебошад [15,234].

Аз рӯйи фикру ақидаи ҳуқуқшиносон, экстремизм падидаи иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ буда, дар асоси идеологияи таблиғи ғояҳои бадбинии нажодӣ, миллӣ, иҷтимоӣ, динӣ (мазҳабӣ) ба вуҷуд омада, бо мухолифат ба сохти мавҷудаи давлатӣ ва даъватҳо барои ба таври зӯроворона тасарруф намудани ҳокимият равона мегардад. Аз рӯйи фикри муҳаққиқони соҳа, экстремизм дар фарқият аз терроризм мақсади ба таври зӯроварона тарсонидани аҳолӣ, ҳамчунин мақсади таъсир ҷиҳати аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳалӣ ва ташкилоти байналмилалиро бо таври бевосита надорад.

Масалан, С.Д. Демчук зикр менамояд, ки экстремизм ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ бевосита ба шакли хатарноктарини тундгароии зӯроварона, яъне терроризм дар алоқамандии зич қарор доранд. Аммо дар экстремизм, дар фарқият аз терроризм, мақсади маҷбур намудани қабули қарор аз тарафи шахси сеюм ва дархости ҳатмӣ намудан нисбат ба ӯ ҷой надорад [6,84].

Баъзе аз мутахассисон қайд мекунанд, ки экстремизм ва терроризм ҳамчун ҳалқа ё пайвастагии як занҷир мебошанд, ки дар он экстремизм барои иҷрои амалии терроризм нақши омодагӣ ҷиҳати асоснокии назариявии фаъолиятро ичро мекунад [14,28]. Мо ба андешаи мутахассисони мазкур дар ин масъала ҳамфикр буда метавонем, чунки дар ҳақиқат экстремизм ва терроризм ду падидаи бо ҳам наздик ва ҳамшабеҳ мебошанд, ки экстремизм дар бештари мавридҳо хусусияти идеологӣ дошта, амалишавии ғояҳои барғалати он дар фаъолият ё амалҳои террористӣ таҷассум меёбанд. Ба андешаи мо, ҳама гуна террорист амалҳои террористиро дар заминаи ақидаҳои барғалати экстремистӣ содир менамояд, яъне дар бештари мавридҳо дар ботини террористон ҳиссиёти бадбиниро бо истифода аз ангезаҳои экстремистӣ бедор мекунад ва баъдан амали хавфноки террористиро содир мекунад. Аз тарафи инсони солимақл содир намудани амалҳои даҳшатбори террористӣ бидуни ангезаҳои экстремистӣ номумкин аст. Аз нигоҳи криминологӣ гуфтан мумкин аст, ки ҳама гуна террорист, дар як вақт экстремист низ маҳсуб меёбад.

Агар аз нигоҳи ҳуқуқи ҷиноятӣ ба ин ду мафҳум назар афканем, байни онҳо фарқиятҳои зиёде вобаста ба унсурҳои таркиби ҷиноят, аз ҷумла объект, тарафи объективӣ (содиршавии кирдор дар шакли ҳаракат, тарзи содиршавии онҳо), тарафи субъективӣ (мақсади содиршавии онҳо, ангезаи содиршавии онҳо ва ғ) ҷой дорад, ки ҳар яке аз чунин фарқиятҳо таҳлили мушаххаси илмиро тақозо менамоянд.

Вобаста ба фарқияти ҷиноятҳои номбурда, аз нигоҳи объекти ҷиноят ҳаминро қайд намудан зарур аст, ки ҳангоми содир шудани ҷиноятҳои хусусияти террористӣ амнияти ҷамъиятӣ, оромӣ ва осудаҳолии мардум, ҳамчунин бехатарии ҳаёт ва саломатии инсон, муносибатҳои молумулкӣ (объекти иловагӣ) зарар мебинанд ё таҳти таҳдиди зарар қарор мегиранд. Ҳангоми содиршавии ҷиноятҳои хусусияти экстремистӣ бошад, таҳдид ба асосҳои сохти конститутсионӣ, амнияти давлат, фаъолияти муътадили дастгоҳи давлатӣ равона буда, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд зарар мебинанд.

Дигар фарқияти ҷиноятҳои хусусияти экстремистӣ аз ҷиноятҳои хусусияти террористӣ аз мақсадашон ифода мегардад. Дар ҷиноятҳои экстремистӣ мақсад

барангехтани бадбинӣ ва кинаву адоват бо аломатҳои ҷинсӣ, нажодӣ, сиёсӣ, миллӣ, забон, маҳалгароӣ, муносибат бо дин ва дигар мавқеи иҷтимоии шахс мебошад. Мақсади содир намудани ҷиноятҳои террористӣ бошад, ин, пеш аз ҳама, ноустувор намудани фаъолияти ҳокимияти давлатӣ, сохторҳои низомӣ, расонидани таъсир ҷиҳати аз ҷониби мақомоти ҳокимият қабул намудани қарор, тарсонидани аҳолӣ, ҳамчунин таҳдиди содир намудан кирдорҳо барои расидан ба чунин мақсадҳо мебошад.

Чуноне ки дар боло зикр шуд, аз таҳлил намудани умумият ва алоқамандӣ байни мафҳумҳои «экстремизм» ва терроризм» ба мо маълум гардид, ки як қатор олимони соҳа фаъолияти террористиро, ҷузъи фаъолияти экстремистӣ [13] маҳсуб медонанд ва пешниҳод менамоянд, ки меъёрҳои дар боло зикршуда ба махсус ва умумӣ ҷудо карда шуда, рақобат ба фоидаи ҷинояти даъвати оммавӣ барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти террористидошта ва (ё) сафедкунии оммавии фаъолияти террористӣ ҳал карда шавад.

Вобаста ба масъалаи мазкур М.П. Ҳайдарзода иброз менамояд, ки дар воқеъ ҳадди ниҳоии фаъолияти экстремистӣ дар баъзан мавридҳо ба фаъолияти террористӣ (терроризм) ва ҷиноятҳои бо он алоқаманд мубаддал мегардад. Лекин ин маънои онро надорад, ки ҳангоми содир гардидани ҷиноятҳои ба фаъолияти экстремистӣ ё террористӣ алоқаманд бартарӣ ба яке аз онҳо дода шавад. Дар чунин ҳолатҳо мо бояд аломатҳои таркиби ҷиноятҳои мазкурро муайян намуда, онҳоро бо кирдорҳои содиршуда муқоиса намоем ва ҳадду ҳудуди фарогири ин меъёрҳоро дар байни худ муайян сохта, кирдори шахсро дуруст квалификатсия намоем [22,154].

Дар робита ба масъалаи матраҳгардида, мо ҳам ба ақидаҳои дар боло зикршуда ҳамфикр буда, ба андешаи муҳаққиқоне, ки меъёрҳои мазкурро ба умумӣ (м. 307(1) КҶ ҶТ) ва махсус (м. 179(3) КҶ ҶТ) ҷудо намуда, бартариро ба меъёрҳои махсус медиҳанд, розӣ шуда наметавонем. Зеро дар КҶ ҶТ аломатҳои фарққунандаи ин ду кирдор қариб, ки ба таври пурра нишон дода шудаанд.

Дар натиҷаи таҳлили фикру ақидаи олимони варзида вобаста ба алоқамандӣ ва фарқгузорӣ байни мафҳумҳои «экстремизм» ва «терроризм» ба мо баҳри таҳлили умумият, алоқамандӣ ва фарқгузорӣ байни истилоҳи «экстремизми иттилоотӣ» ва «терроризми иттилоотӣ» заминаи лозимӣ фароҳам оварда шуд.

Аз таҳлили назариявӣ ва қонунгузорӣ дар соҳаи мазкур ба мо маълум гардид, ки хусусияти ҳамшабеҳӣ ва фарқгузорӣ байни мафҳумҳои болозикр қариб ки якхелаанд, яъне фарқгузорӣ байни мафҳумҳои «экстремизм» ва «терроризм» дар тафовутгузорӣ байни мафҳумҳои «экстремизми иттилоотӣ» ва «терроризми иттилоотӣ» дорои мазмуну муҳтавои якхела мебошанд, аммо аз сабаби он ки мафҳумҳои дуввумӣ падидаҳои наванд, паҳлӯҳои норавшан ва таҳқиқношуда дар онҳо нисбатан бештар аст. Аз ин лиҳоз, таҳқиқи масъалаи мазкур зарурати бештарро тақозо менамояд.

Дар робита ба ин, бояд қайд намуд, ки терроризм ва экстремизми иттилоотӣ дар адабиёти ҳуқуқӣ бо номҳои гуногун, аз қабили «кибертерроризм», «киберэкстремизм», «экстремизми компютерӣ» ё «терроризми компютерӣ» [3] маъмул буда, ҳар ду аз онҳо ҷузъи ҷиноятҳои киберӣ маҳсуб меёбанд.

Баъзе аз муҳаққиқон экстремизми иттилоотӣ ва терроризми иттилоотиро дар дохили ҳамлаҳои тертактӣ (кибертеракт) дохил намуда, содиршавии онро дар фазои иттилоотӣ ба чунин тарзҳо ва усулҳо маънидод мекунанд:

– коркард ва дохил намудани барномаҳои зараровари компютерие, ки воситаи дастгоҳиро вайрон мекунанд;

– тасарруф ва нобудсозии захираҳои иттилоотии фазои киберӣ, ки аҳамияти стратегӣ доранд;

– таҳдиди интишори маълумоти махфӣ;

– паҳн кардани маълумоти бардурӯғ, инчунин маводи экстремистӣ, ки бо роҳи ғасби каналҳои телекоммуникатсионӣ амалӣ мегардад [23].

Экстремизми иттилоотӣ ва терроризми иттилоотӣ яке аз шаклҳои навини фаъолияти экстремистӣ ва террористӣ маҳсуб ёфта, бо ҳамдигар дар алоқамандии зич

қарор дошта, хело ҳамшабеҳ ва монанд мебошанд, лекин дар як вақт бо хусусияти хоси худ аз ҳамдигар фарқ карда мешаванд. Дар адабиёти ҳуқуқӣ дар бештари мавридҳо онҳоро омехта карда, нофаҳмиҳоро ба вуҷуд меоранд.

Чунончи, А. Кота қайд мекунад, дар замони ҳозира терроризми иттилоотӣ яке аз шаклҳои хавфноктарини экстремизм маҳсуб ёфта, «фаъолият»-и он бештар дар соҳаи зеҳнӣ ба вуҷуд меояд [5,133], яъне барои амалӣ намудани он ҷинояткор бояд бо донишҳои техникӣ ва дигар намуди донишҳо мусаллаҳ бошад. Аз ин маълум мегардад, ки барои амалӣ намудани фаъолияти экстремизми иттилоотӣ низ доштани чунин донишҳои компютерӣ ва огоҳ будан аз дастовардҳои нави технологӣ зарур аст, чунки шахсе, ки технологияи муосири иттилоотиро истифода бурда наметавонад, аз уҳдаи содир намудани чунин кирдорҳои ҷиноятӣ намебарояд.

Д.А. Ковлагина бошад, изҳор медорад, ки терроризми иттилоотӣ – ин таъсиррасонии амалии аз ҷиҳати идеологӣ асоснок, тарсонидани аҳолӣ, маҷбур намудани ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳалии худидоракунӣ, ташкилоти байналмилалӣ, гурӯҳи иҷтимоӣ, шахси ҳуқуқӣ ё воқеӣ дар ҳудуд ё фазои иттилоотӣ, ки бо истифодаи иттилоот, технологияҳои иттилоотӣ ва (ё) захираҳои иттилоотӣ алоқаманд мебошад [10,73].

Таҳти мафҳуми кибертерроризм бошад, маҷмуи кирдорҳои ғайриқонуние фаҳмида мешавад, ки бо таҳдид ба амнияти шахсият, ҷомеа ва давлат, кирдорҳои харобиовар нисбат ба объектҳои моддӣ, таҳрифи иттилооти объективӣ ё дигар кирдорҳо алоқаманд, ки бо мақсади ба даст овардани афзалият дар ҳалли масъалаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ё иҷтимоӣ равона гардидааст.

Барои ноил шудан ба ҳадафҳои худ, кибертеррористҳо аз барномаҳои махсусе, ки барои дастрасии беиҷозат пешбинӣ шудаанд, истифода бурда, ба системаҳои компютерӣ ворид мешаванд ва ба захираҳои иттилоотии объекти мавриди таваҷҷуҳи худ ҳамлаҳо ташкил мекунанд. Инҳо метавонанд барномаҳои махсуси компютерӣ ва вирусҳо, аз ҷумла вирусҳои шабакавӣ, ки иттилоотро нест мекунанд, тағйир медиҳанд ё нобуд мекунанд, ба истилоҳ «бомбаҳои мантиқӣ», «барномаҳои троянӣ» ва дигар навъҳои силоҳи иттилоотӣ бошанд.

Таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва фикру андешаҳои олимони соҳа, вобаста ба масъалаи мавриди таҳлил қароргирифта, моро водор месозад, ки хулосаҳои зеринро пешкаш намоем:

1. Хусусияти фарқкунандаи экстремизми иттилоотӣ ва терроризми иттилоотӣ вобаста ба ҷанбаҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ чунин ифода мeёбанд: Агар ҳангоми содир гардидани терроризми иттилоотӣ амнияти ҷамъиятӣ, осудаҳолии мардум зарар бинад, пас ҳангоми содиршавии экстремизми иттилоотӣ асосҳои сохтори конститутсионӣ ва амнияти давлат зарар мебинад. Дар ин масир моддаи 189 КҶ ҶТ (барангехтани кинаю адоват ё низои иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ ё динӣ (мазҳабӣ) истисно аст, чунки гарчанде ҷинояти номбурда дар боби ҷиноятҳо ба муқобили амнияти ҷамъиятӣ муқаррар гардидааст, лекин он ҳамчун ҷинояти хусусияти эктремистидошта эътироф карда мешавад. Аз ин хотир, пешниҳод карда мешавад, ки ҷинояти номбурда, аз боби «Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти ҷамъиятӣ» ба боби «Ҷиноятҳо ба муқобили асосҳои конститутсионӣ ва амнияти давлат» гузаронида шавад.

2. Хусусияти фарқкунандаи экстремизми иттилоотӣ ва терроризми иттилоотӣ вобаста ба ҷанбаҳои криминологӣ чунин ифода мeёбанд:

Агар ба мафҳуми «терроризм» назар андӯзем, он аз нигоҳи мазмунаш аз мафҳуми «экстремизм» хеле маҳдудтар аст, чунки экстремизм ҳамчун падидаи иҷтимоӣ мавҷудияти идеологияеро пешбинӣ менамояд, ки истифодаи зӯровариро асоснок мекунад. Ҳамчунин, он маҷмуи шаклҳо ва усулҳои гуногуни шадиди муборизаро дарбар мегирад, ки яке аз ин шаклҳо дар муборизаи сиёсӣ терроризм мебошад.

3. Терроризм ҳамчун яке аз шаклҳои зӯроварӣ, бештар хусусияти таъсири руҳиву ҷисмонӣ расонидани як субъект ба субъекти дигар мебошад. Бештари вақт он ҳамчун фаъолияте амал мекунад, ки дар асоси идеологияи экстремистӣ зуҳур мeёбад.

4. Аз ҷиҳати ба ҷамъият хавфнокӣ содиршавии ҷиноятҳои хусусияти террористӣ нисбат ба ҷиноятҳои хусусияти экстремистӣ хавфи баландтар дошта, содиршавии онҳо ба амнияти ҷамъиятӣ халал ворид намуда, ҳисси ноамнӣ ва тарсро дар байни мардум паҳн менамоянд.

## АДАБИЁТ:


1. Авдеев Ю.И. Терроризм как социально-политическое явление // Современный терроризм: состояние и переспективы / Под ред. Е.И. Степанова. – М.: Эдиториал УРСС, 2000. – 240с.
2. Агапов П. Публичные призывы к осуществлению террористической деятельности или публичное оправдание терроризма: анализ законодательной новации // Уголовное право. – 2007. – №1.
3. Бураева Л.А. Мировой опыт потиводействия экстремизму и терроризму в глобальном информационном пространстве. // [Сарчашмаи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: https://cyberleninka.ru/article/n/mirovoy-opyt-protivodeystviya-ekstremizmu-i-terrorizmu-v globalnom informatsionnom-prostranstve (санаи муроҷиат: 20.01. 2022 с.).
4. Васильченко А.А. Разграничение преступлений террористической и экстремистской направленности / А.А. Васильченко, А.А. Швыркин. // Экстремизм и другие криминальные явления. – М., 2008. – 252с.
5. Глотина И.М. Информационный терроризм и его влияние на экономику // Проблемы современной экономики. – 2014. – №3 (51).
6. Демчук С.Д. Экстремизм и терроризм: отдельные криминологические аспекты // Вестник Санкт-Петербургского ун-та МВД России. 2012. – №56.
7. Долгова А.И. Экстремизм и терроризм, террористические и иные экстремистские преступления: понятие, анализ, динамика / А.И. Долгова. // Экстремизм и другие криминальные явления. – М.: Российская криминологическая ассоциация, 2008.
8. Долгова А.И., Гуськов А.Я., Чуганов Е.Г. Проблемы правового регулирования борьбы с экстремизмом и правоприменительной практики. М.: – Академия Генеральной прокуратуры РФ, 2010.
9. Жукова О.С. Правовые меры працтиводейтвия информационному экстремизму: дис. ... канд. юрид. наук. – Воронеж 2006. – 244с.
10. Ковлагина Д.А. Информационный терроризм: понятие, уголовно- правовые и иные меры противодействия: дис. ... канд. юрид. наук. – Саратов, 2016. – 270с.
11. Кокорев В.Г.Соотнешение понятий: «терроризм» и «экстремизм» // Социально-экономические явления и процессы. – 2013. – №1.
12. Лысов Н.Н. О публичных призывах и публичном оправдании терроризма // Вестник Северо-Кавказского федерального университета. – 2013. – №6 (39).
13. Марлухина Е.О., Рождествина А.А. Комментарий к федеральному закону №35-Фз от 26 февраля 2006 года «О противодействии терроризму» (Материал подготовлен с использованием правовых актов по состоянию на 15 января 2007 года) [Сарчашмаи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: https://kurganobl.ru/assets/files/terrorizm /kommentarii_k_zakonu_rf_2006-03-06_35-fz.pdf (санаи муроҷиат: 10.08.2023 г.).
14. Машекуашева М.Х., Кочесокова З.Х. Некоторые вопросы соотношения понятий «экстремизм» и «терроризм» в контексте противодействия на современном этапе // Проблемы экономики и юридической практики. – 2019. Т. 15. – №3.
15. Муминов А. Омилҳои бавуҷудоварандаи ифротгароии динӣ / Терроризм ва ифротгароӣ-роҳҳои пешгирии он. – Душанбе: Маориф, 2015.
16. Павлинов А.В. Антигосударственный экстремизм: уголовно-правовые и криминолагические аспекты / монография. – М.: Юрлитинформ. 2008. – 408с.
17. Петрянин А.В. Противодействие преступлениям экстремистской направленности: уголовно правовой и криминологический аспекты: дис. … д-ра юрид. наук. – М., 2014. – 501с.

18. Степин Д.С. Место и роль публичных призывов к осуществлению террористической деятельности и публичного оправдания терроризма в системе террористической деятельности // Вестник Владимирского юридического института. – 2010. – №1 (14).
19. Сундиев И.Ю. Введение в оперативно-розыскную террологию / монография. – М.: Юнити-Дана, 2012.
20. Фридинский С.Н. Борьба с экстремизмом: уголовно-правовой и криминологический аспекты / монография – Ростов-на-Дону, 2004. – 217с.
21. Хлебушкин А.Г. Экстремизм: уголовно-правовой и уголовно-политический анализ / монография – Саратов: Изд-во Сарат. юрид. ин-та МВД России, 2007. – 160с.
22. Ҳайдарзода М.П. Проблемаҳои мукаммалсозии қонунгузорӣ ва квалификатсияи ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: монография / Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Сафарзода Ҳ.С. – Душанбе: ЭР – граф, 2021. – 212с.
23. Шогенов Т.М. Терроризм в условиях глобализации. Кибертерроризм. // [Сарчашмаи электронӣ]: Реҷаи дастрасӣ: https://cyberleninka.ru/article/n/terrorizm-v-usloviyah-globalizatsii-kiberterrorizm. (санаи муроҷиат: 20.01.2022).

## ТАРТИБИ ҚАБУЛ ВА НАШРИ МАҚОЛА

### Талабот ба мақолаҳое, ки барои чоп ба маҷаллаи илмии «Илм ва амният» пешниҳод мегарданд:

Мақолаҳое, ки барои чоп ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд: 1) мақолаи илмӣ бояд бо назардошти талаботи муқаррарнамудаи маҷалла омода гардида бошад; 2) мақола бояд натиҷаи тадқиқоти илмӣ бошад; 3) мавзуи мақола бояд ба яке аз самтҳои илмии маҷалла мувофиқат намояд.

Ҳамаи маводи илмие, ки ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бо ёрии системаи «Антиплагиат» барои муайян намудани дараҷаи аслияти матн санҷида мешаванд. Мақолаҳое, ки дар матни онҳо маводи дигар муаллифон бе иқтибосоварӣ истифода шудаанд, ба баррасии марҳилаҳои навбатӣ пешниҳод намегарданд ва ин гуна мақолаҳо ба чоп роҳ дода намешаванд.

**Талабот нисбат ба таҳияи мақолаҳои илмӣ:**

Матни мақола бояд дар формати Microsoft Word омода гардида, бо ҳуруфи Times New Roman барои матнҳои русию англисӣ ва бо ҳуруфи Times New Roman Tj барои матни тоҷикӣ таҳия гардида, дар матн ҳаҷми ҳарфҳо 14, ҳошияҳо 2,5 см ва фосилаи байни сатрҳо бояд 1,5 мм бошад. Ҳаҷми мақола бояд бо формати А4, бо назардошти рӯйхати адабиёти истифодашуда ва аннотатсияҳо аз 10 то 12 саҳифаро дар бар гирад.

**Мақола бояд дорои сохтори зерин бошад:**

- индекси УДК (индекси мазкурро аз дилхоҳ китобхонаи илмӣ дастрас намудан мумкин аст);
- номи мақола;
- насаб ва дар шакли ихтисор ном ва номи падар (намуна: Рустамзода С.Т.);
- номи муассисае, ки дар он муаллифи мақола кору фаъолият менамояд;
- матни асосии мақола;
- ҳангоми иқтибосоварӣ адабиёти истифодашуда (мувофиқи «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон *аз 30 июни соли 2021, № 268)* ва саҳифаи мушаххаси он бояд дар қавси мураббаъ [ ] нишон дода шавад. Намуна: [6,42]. Яъне, адабиёти №6 ва саҳифаи 42;
- нақшаҳо, схемаҳо, диаграммаҳо ва расмҳо бояд рақамгузорӣ карда шаванд. Онҳо инчунин бояд номи шарҳдиҳанда дошта бошанд;
- рӯйхати адабиёти истифодашуда (на камтар аз 10 номгӯ ва на бештар аз 25 номгӯйи адабиёти илмӣ). Рӯйхати адабиёти истифодашуда бояд дар асоси талаботи ГОСТ 7.1-2003 ва ГОСТ 7.0.5-2008 таҳия гардад;
- номи мақола, аннотатсия ва калидвожаҳо бояд бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) навишта шаванд. Аннотатсия бояд дар ҳаҷми на камтар аз 25 сатр ва калидвожаҳо аз 7 то 10 номгӯй таҳия шавад;
- дар охири мақола маълумот дар бораи муаллиф ва ё муаллифон бо ду забон (русӣ ва англисӣ) бо тартиби зерин нишон дода шавад: насаб, ном ва номи падар (пурра), дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (агар бошанд), номи муассисае, ки дар он муаллиф кору фаъолият менамояд, вазифаи ишғолнамуда, телефон, e-mail, нишонии ҷойи кори муаллиф.

## ПОРЯДОК ПРИЁМА И ИЗДАНИЯ СТАТЬИ

### Требования к научным статьям, представляемым для публикации в научном журнале «Наука и безопасность»:

Научные статьи, представляемые для публикации в журнале, должны соответствовать следующим требованиям: 1) научная статья должна быть подготовлена с учетом требований журнала; 2) статья должна быть результатом научного исследования; 3) тема статьи должна соответствовать одному из научных направлений журнала.

Все научные материалы, представляемые в журнал, проверяются с помощью системы «Антиплагиат» на определение уровня оригинальности текста. Статьи, в тексте которых использованы материалы других авторов без цитирования, к рассмотрению в следующих этапах не выносятся и не публикуются.

Требования к подготовке научных статей:

Текст статьи должен быть подготовлен в формате Microsoft Word, шрифтом Times New Roman для русского и английского текстов и шрифтом Times New Roman Tj для таджикского текста, размер букв в тексте должен быть 14, поля должны быть 2,5 см, а расстояние между текстами должно быть 1, 5 мм. Объем статьи должен составлять от 10 до 12 страниц формата А4, включая список использованной литературы и аннотацию.

Статья должна иметь следующую структуру:

• указатель УДК (данный указатель можно получить в любой научной библиотеке);

• название статьи;

• фамилия, имя и отчество в форме сокращения (например: Рустамзода С.Т.);

• название учреждения, в котором работает автор статьи;

• основной текст статьи;

• при цитировании использованной литературы (согласно «Правил правописания таджикского языка и символов книги таджикского языка», Постановление Правительства Республики Таджикистан от 30 июня 2021 года № 268) и её конкретной страницы, следует указывать в квадратных скобках [ ]. Пример: [6,42]. То есть, литература №6 и стр. 42;

• планы, схемы, диаграммы и чертежи должны быть пронумерованы и иметь поясняющее название;

• список используемой литературы (не менее 10 наименований и не более 25 списков научной литературы). Список используемой литературы должен быть подготовлен на основании требований ГОСТ 7.1-2003 и ГОСТ 7.0.5-2008;

• название статьи, аннотация и ключевые слова должны быть написаны на трёх языках (таджикском, русском и английском). Аннотацию необходимо подготовить в объёме не менее 25 строк и от 7 до 10 ключевых слов;

• в конце статьи должны быть указаны сведения об авторе или авторах на двух языках (русском и английском) в следующем порядке: фамилия, имя и отчество (полностью), учёная степень и звание (при наличии), название учреждения, в котором работает автор, должность, номер телефона, адрес электронной почты, адрес места работы автора.

## ORDER OF ACCEPTION AND PUBLICATION OF ARTICLE

### Requirements for scientific articles submitted for publication in the scientific journal «Science and Security»:

Scientific articles submitted for publication in the journal must meet the following requirements: 1) the scientific article must be prepared taking into account the requirements of the journal; 2) the article must be the result of scientific research; 3) the topic of the article must correspond to one of the scientific areas of the journal.

All scientific materials submitted to the journal are checked using the «Antiplagiarism» system to determine the level of originality of the text. Articles in the text of which materials of other authors are used without citation are not submitted for consideration at the next stages, and such articles are not allowed for publication.

Requirements for the preparation of scientific articles:

The text of the article should be prepared in Microsoft Word format, in Times New Roman font for Russian and English texts and Times New Roman Tj font for Tajik text, the size of the letters in the text should be 14, the margins should be 2.5 cm, and the distance between the texts should be 1.5mm. The volume of the article should be from 10 to 12 pages of A4 format, including a list of references and annotations.

The article should have the following structure:

• UDC index (this index can be obtained from any scientific library);

• article title;

• surname, name and patronymic in the form of an abbreviation (for example: Rustamzoda S.T.);

• the name of the institution where the author of the article works;

• the main text of the article;

• when citing the literature used (according to the «Rules for the spelling of the Tajik language and symbols of the book of the Tajik language», Decree of the Government of the Republic of Tajikistan dated June 30, 2021 No. 268) and its specific page should be indicated in square brackets [ ]. Example: [6, 42]. That is, literature No. 6 and p. 42;

• plans, diagrams and drawings must be numbered. They should also have a descriptive title;

• list of used literature (not less than 10 lists and not more than 25 lists of scientific literature). The list of used literature should be prepared on the basis of the requirements of GOST 7.1-2003 and GOST 7.0.5-2008;

• The title of the article, abstract and keywords must be written in three languages (Tajik, Russian and English). The abstract must be prepared in the amount of at least 25 lines and from 7 to 10 keywords;

• at the end of the article, information about the author or authors in two languages (Russian and English) should be indicated in the following order: last name, first name and patronymic (in full), academic degree and title (if any), name of the institution where the author works, position, phone number, e-mail address, work address of the author.

**ИЛМ ВА АМНИЯТ**
**НАШРИЯИ МАКТАБИ ОЛИИ КДАМ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№3 (9), 2024**

Нашриёти «Меҳвар»-и
Мактаби олии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, шаҳри Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев, 54/2
Сомонаи маҷалла: https://ilm-va-amniyat.tj
Почтаи электронӣ: maktabi_oli24@mail.ru
Тел.: (+992 37) 233 55 19, Факс: (+992 37) 233 89 93.
Андозаи 60x84/8. Коғази офсетӣ. Чопи офсетӣ.
Адади нашр: 150 нусха. Ҷузъи чопии нашрӣ 15.25, ҷузъи чопии шартӣ 14.25.
Барои чоп 14.10.2024 имзо шудааст. Фармоиши №1